# Инсон ва сарнавишт

**Устоди шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ**

*Баргардон:*

**Сайидюнуси Истаравшанӣ**

بسم الله الرحمن الرحیم

# Феҳристи матолиб

Муқаддима....5
Азамат ва инҳитоти муслимин....5
Инсон ва сарнавишт....21
Ҳаросангез....21
Ҷанбаи амалӣ ва умумӣ....22
Оятҳои Қуръон....24
Калимаи қадарӣ....27
Таъорузҳо....28
Осори шум....29
Истифодаҳои сиёсӣ....30
Ҳамлаи Урупои масеҳӣ ба ислом....32
Мушкили илмӣ....33
Фалсафаи моддӣ ва сарнавишт....33
Танзеҳ ва тавҳид....34
Қазо ва қадар....36
Ҷабр....39
Озодӣ ва ихтиёр....40
Ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ....42
Таваҳҳуми маҳол....44
Ҳақиқати мумкин....45
Имтиёзи башар....50
Нигоҳе ба садри ислом....51
Сарчашмаи аслӣ....54
Тағйирнопазирӣ дар табиат....55
Низомоти лоятағайяр (тағйирнопазир)....56
Назариёти дигар....58
Омилҳои маънавӣ....61
Чун қазо ояд…....64

Тафовути ду мактаб ........ 67

Мантиқи ихтисосии Қуръон ........ 71

Сатҳи олӣ ........ 75

Решаи таърихӣ ........ 79

Баҳсе ҳадисӣ ........ 83

Илми Худо ҷаҳл буд?! ........ 87

# Муқаддима

## Азамат ва инҳитоти муслимин

Масъалаи сарнавишт ва қазо ва қадар, ки дар ин рисола фаҳсу таҳқиқе дар бораи он сурат гирифтааст, ҷузъи масоили фалсафӣ аст. Ва агар бино бошад дар радифи воқеии худ қарор гирад, бояд онро дар фалсафа дар миёни масоили фалсафӣ ҷустуҷӯ кард, вале дар ин рисола аз радифи аслии худ хориҷ шуда ва дар радифи як силсила масоили дигар қарор гирифтааст.

Масоили илмӣ ва фалсафӣ ҳар кадом радифи хоссе доранд, ки аз тариқи мавзӯоти онҳо ва ё аз тариқи ҳадаф ва натиҷае, ки аз ёд гирифтани онҳо ҳосил мешавад таъйин мегардад.

Иллати ин ки масоили фалсафӣ дар радифе ва масоили риёзӣ дар радифи дигар ва масоили табиӣ дар радифи ҷудогона қарор мегиранд, вобастагӣ ва иртиботи хоссе аст, ки миёни мавзӯоти ҳар дастаи ҳамрадиф вуҷуд дорад ва ё лоақал ба воситаи ҳадафи назарӣ ё амалии муштараке аст, ки ёд гирифтани ҳар даста аз онҳо барои ёдгиранда таъмин мекунад.

Масъалаи сарнавишт ва қазо ва қадар, чӣ аз назари мавзӯӣ ва чӣ аз назари ҳадафи таълимотӣ, дар радифи масоили фалсафӣ аст, вале дар ин рисола дар радифи масоиле қарор гирифта, ки на аз лиҳози мавзӯъ бо онҳо муртабит аст ва на аз лиҳози натиҷа ва ҳадафи таълимотӣ.

Ин масъала дар ин рисола ҷузъи як силсилабаҳсҳо таҳти унвони “*Баҳсҳое аз иллатҳои инҳитоти муслимин*” воқеъ шудааст, ки шомили мавзӯот ва ҷараёнот ва масоили гуногун аст. Мавзӯоте, ки таҳти ин унвон қобили баҳс аст, баъзе таърихӣ ва баъзе равонӣ ё ахлоқӣ ё иҷтимоӣ ва ё сирфан динӣ ва аҳёнан фалсафӣ аст. Бинобар ин, мабоҳиси гуногуне, ки дар радифҳои мутаъаддид қарор доранд, ҷузъи ин силсиламабоҳис воқеъ мешаванд.

Он чи ин мабоҳиси гуногунро ба якдигар пайванд медиҳад, таҳқиқ дар асарҳои мусбату манфии ин умур дар тараққӣ ва инҳитоти иҷтимоии исломӣ аст.

Бинобар ин, манзур аз тарҳи ин масъала дар ин рисола, аввалан, таҳқиқ дар ин ҷиҳат аст, ки оё эътиқод ба сарнавишт — он тавр, ки қоидаҳои бурҳонии фалсафӣ эҷоб мекунад — аз

навъи ақоиду афкоре аст, ки мӯътақидони худро ба сустӣ ва танбалӣ мекашонад ва мардуме, ки ба ин ақида мегароянд, хоҳ нохоҳ ба инҳитот кашида хоҳанд шуд, ё ин ақида агар дуруст таълим дода шавад, чунин таъсири суе надорад?

Сонияи, ин ки ислом ин масъаларо чӣ гуна ва ба чӣ тарзе таълим додааст ва таълими исломӣ дар ин замина чӣ таъсире дар руҳияи пайравони ислом доштааст ва метавонад дошта бошад? Ва чун манзур ин ҷиҳат буда, аз таъаррузи фурӯъ ва шохҳҳое, ки бо манзури номбурда иртибот надорад, худдорӣ шудааст.

Инҷониб (Мутаҳҳарӣ) дуруст ба ёд надорад, ки аз чӣ вақт бо масъалаи иллатҳои инҳитоти мусалмонон ошно шудааст ва аз чӣ замоне шахсан ба баҳсу таҳқиқ дар ин масъала алоқаманд гардида ва дар бораи он фикр мекардааст, вале метавонад ба таври яқин иддао кунад, ки мутаҷовиз аз 20 сол аст, ки ин масъала назари ӯро ҷалб карда ва каму беш дар атрофи он фикр мекарда ва ё навиштаҳои дигаронро дар ин замина мехондааст.

Аз он замон то кунун ҳар вақт ба гуфта ё навиштае дар ин мавзӯъ бармехӯрдам, бо алоқа мехондам ва ё гӯш мекардам ва хеле моил будам раъю назари гӯянда ё нависандаро дарёбам. То он ки дар чанд сол пеш, зимни баҳсе нимадарсу нимасуханронӣ, ки дар атрофи яке аз аҳодиси набавӣ эрод мекардам, доманаи сухан ба ин матлаб кашид. Агарчи он чи дар ин замина то он вақт хонда ё шунида будам, аҳёнан муфид буд, аммо маро иқноъ накарда буд. Ва чун дар худ ва шунавандаҳо алоқаи шадиде ба фаҳмидани ин матлаб эҳсос мекардам, тасмим гирифтам, то он ҷо, ки мумкин аст, ғавру диққат кунам ва ин масъаларо баррасӣ намоем. Зеро ёфтани роҳи ислоҳи авзоъи ҳозири ҷаҳони исломӣ бастагии зиёде дорад ба пайдо кардани иллатҳо ва мӯҷиботи инҳитоти онҳо, ки дар гузашта вуҷуд доштааст ва ё акнун низ мавҷуд аст. Барои ин кор лозим шуд, ки аввалан, назари дигаронро — аъам аз мусалмону ғайримусалмон — то он ҷо, ки дастрасӣ дорам, баррасӣ кунам. Ва сонияи, мавзӯоте, ки аз ин назар қобили тарҳу гуфтугӯст, ҳарчанд то кунун аз ин назар тарҳ нашудааст, бидуни иғмозу пардапӯшӣ тарҳ кунам.

Ин ҷо буд, ки ба густурдагӣ ва доманаи васеъи ин мабҳас пай бурдам. Фаҳмидам, ки агар бино шавад таҳқиқе кофӣ ва олимона дар ин матлаб бишавад, бояд мавзӯоти фаровоне мавриди баҳсу таҳқиқ қарор гирад ва баррасии ҳамаи онҳо аз ӯҳдаи як фард хориҷ аст ва ё лоақал солҳо вақт лозим дорад. Бо вуҷуди ин, дар назар гирифтам муқаддиматан матолиби

марбутаро хулоса кунам ва баъзе аз мавзӯотро ба таври намуна ва озмоиш мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор диҳам ва сарриштаро ба дасти дигарон бидиҳам, шояд ба ин тартиб навъе ҳамфикрӣ ва ҳамкорӣ дар як баҳси муҳимми иҷтимоии исломӣ сурат бигирад ва як силсила баҳсҳои муназзаму муфид анҷом ёбад.

Ин матлаб ҷои тардид нест, ки мусалмонон даврони азамату ифтихори эъҷобовареро пушти сар гузоштаанд, на аз он ҷиҳат, ки дар бурҳае аз замон ҳукмрони ҷаҳон будаанд ва ба қавли марҳум Адибулмамолики Фароҳонӣ "аз подшоҳон боҷу аз дарё амвоҷ гирифтаанд" — зеро ҷаҳон ҳукмронону фотеҳони бисёре ба худ дидааст, ки чанд сабоҳе ба зӯр худро бар дигарон таҳмил кардаанд ва тӯле накашида, ки монанди кафи рӯи об маҳву нобуд шудаанд — балки аз он ҷиҳат, ки наҳзату таҳаввуле дар паҳнаи гетӣ ба вуҷуд оварданд ва тамаддуне азиму бошукӯҳ бино карданд, ки чандин қарн идома ёфт ва машъалдори башар буд; акнун низ яке аз ҳалақоти дурахшони тамаддуни башар ба шумор меравад ва таърихи тамаддун ба доштани он ба худ меболад. Мусалмонон чандин қарн дар улуму санойеъ ва фалсафаву ҳунар ва ахлоқу низомоти олии иҷтимоӣ, бар ҳамаи ҷаҳониён тафаввуқ доштанд ва дигарон аз хирмани файзи онҳо тӯша мегирифтанд. Тамаддуни азиму ҳайратангези ҷадиди урупоӣ, ки чашмҳоро хира ва ақлҳоро ҳайрон кардааст ва имрӯз бар саросари ҷаҳон сайтара дорад, ба иқрору эътирофи муҳаққиқони беғарази ғарбӣ, беш аз ҳар чизи дигар аз тамаддуни бошукӯҳи исломӣ моя гирифтааст.

Густов Лебун (*Gustave Le Bon*) мегӯяд:

*"Баъзеҳо (аз урупоиён) ор доранд, ки иқрор кунанд, ки як қавми кофиру мулҳиде (яъне мусалмонон) сабаб шуда Урупои масеҳӣ аз ҳоли таваҳҳушу ҷаҳолат хориҷ гардад, ва аз ин рӯ онро мактум нигоҳ медоранд… Нуфузи ахлоқии ҳамин аъроби зоидаи ислом, он ақвоми ваҳшии Урупоро, ки салтанати Румро зеру забар намуданд, дохил дар тариқи одамият намуд ва низ нуфузи ақлонии онон дарвозаи улуму фунуну фалсафаро, ки аз он ба куллӣ бехабар буданд, ба рӯи онҳо боз кард ва то 600 сол устоди мо, урупоиён буданд." (Тамаддуни ислом ва араб (чопи чаҳорум, с.751*)

Вил Дуронт дар "*Таърихи тамаддун*" мегӯяд:

*"Пайдоиш ва измиҳлоли тамаддуни исломӣ аз ҳаводиси бузурги таърих аст. Ислом тайи панҷ қарн, аз соли 81 ҳиҷрӣ то 597 ҳиҷрӣ, аз лиҳози нерӯву назму basти қаламрав ва ахлоқи неку*

*такомули сатҳи зиндагонӣ ва қавонини мунсифонаи инсонӣ ва тасоҳули динӣ (эҳтиром ба ақоид ва афкори дигарон) ва адабиёту таҳқиқи илмӣ ва улуму тиббу фалсафа пешоҳанги ҷаҳон буд." (Таърихи тамаддун, ҷ.11, с.317*)

Ҳам ӯ мегӯяд:

*"Дунёи ислом дар ҷаҳони масеҳӣ нуфузҳои гуногун дошт. Урупо аз диёри ислом гизоҳо ва шарбатҳо ва доруву дармону аслиҳа ва нишонҳои хонаводагӣ, салиқа ва завқи ҳунарӣ, абзору русуми санъату тиҷорат, қавонину русуми дарёнавардиро фаро гирифт ва голибан луготи онро низ аз мусалмонон иқтибос кард… Уламои араб (мусалмон) риёзиёт ва табииёт ва шимӣ ва ҳайат ва тибби Юнонро ҳифз карданд ва ба камол расониданд ва мероси Юнонро, ки бисёр ганитар шуда буд, ба Урупо интиқол доданд… Файласуфони араб (мусалмон) муаллафоти Арастуро барои Урупои масеҳӣ ҳифз ва зимнан таҳриф карданд. Ибни Сино ва Ибни Рушд аз Машриқ бар фалосифаи мадрасии Урупо партав афканданд ва салоҳияташон чун юнонён мавриди эътимод буд… Ин нуфуз (-и исломӣ) аз роҳи бозаргонӣ ва ҷангҳои салибӣ ва тарҷумаи ҳазорон китоб аз арабӣ ба лотин ва мусофиратҳои донишвароне аз қабили Герберт ва Мойкл Искот ва Эдворд Босӣ ба Андалуси исломӣ анҷом гирифт." (Ҳамон китоб, с.319 ва 320*)

Ва ҳам ӯ мегӯяд:

*"Танҳо ба давронҳои тилоии таърих, як ҷомеа метавонистааст дар муддате кӯтоҳ ин ҳама мардони маъруф дар заминаи сиёсат, таълим, адабиёт, лугат, ҷугрофиё, таърих, риёзиёт, ҳайат, шимӣ, фалсафа, тибб ва монанди онҳо, ки дар чаҳор қарни ислом — аз Ҳорунуррашид то Ибни Рушд будаанд — ба вуҷуд оварад. Қисмате аз ин фаъолияти дурахшон аз мероси Юнон моя гирифт, аммо қисмати аъзами он, ба хусус дар сиёсату шеъру ҳунар, ибтикороти гаронбаҳо буд." (Ҳамон китоб, с.322*)

Қадри мусаллам ин аст, ки падидае дурахшон ва чароғе нурафшон ба номи тамаддуни исломӣ, қарнҳо дар ҷаҳон вуҷуд дошта ва сипас ин падида нобуд ва ин чароғ хомӯш шудааст. Ва имрӯз мусалмонон бо муқоиса бо бисёре аз миллатҳои ҷаҳон ва муқоиса бо гузаштаи пурифтихори худашон, дар ҳоли инҳитот ва таъаххури риққатборе ба сар мебаранд.

Табъан ин пурсиш пеш меояд, ки чӣ тавр шуд мусалмонон пас аз он ҳама пешравӣ ва тараққӣ дар улуму маорифу санойеъу низомот, ба қаҳқаро баргаштанд? Масъули ин

инҳитот ва сайри қаҳқароӣ чист ва кист? Оё афрод ё ақвом ё ҷараёноти хоссе сабаб шуданд, ки мусалмонон аз масири аслии худ, ки ба сӯи тараққӣ ва такомул буд, мунҳариф шаванд? Ва ё омили хоссе, ки мусалмононро бар хилофи интизор аз масири худ мунҳариф кунад рух надодааст, балки муқтазои табиати замон ин аст, ки ҳар қавме фақат давраи маҳдуду муайяне аз тараққӣ ва таъолиро тай кунанд ва сипас роҳи фанову заволу инҳитотро бипаймоянд? Агар омили хоссе сабаби инҳирофу инҳитоти мусалмонон шудааст, он омил чист? Оё худи исломро бояд масъули инҳитоти мусалмонон шинохт – он чунон, ки бисёре аз ғарбиён (на ҳама), ки аҳёнан гирифтори таъассуби масеҳӣ ҳастанд ва ё болотар, маъмурияти истеъморӣ доранд, иддао мекунанд — ё ислом аз ин масъулият мубаррост ва мусалмонон худ масъули ин инҳитот мебошанд? Ва ё на ба ислом марбут аст ва на ба мусалмонон; иллати ин инҳитот миллатҳо ва ақвоми ғайримусалмонанд, ки дар тӯли таърихи чаҳордаҳ қарнии ислом, ба наҳвҳои мухталиф, бо мусалмонон сару кор доштаанд? Посух ба ин пурсиш кори соддае нест. Як ришта мабоҳиси нисбатан тӯлонӣ бояд пеш кашида шавад ва дар ҳар як аз онҳо бо услуби илмӣ таҳқиқи кофӣ ба амал ояд.

Дар ин силсиламабоҳис он чи ба унвони муқаддима лозим аст тарҳ шавад, намудоре аз азамату инҳитоти мусалмонон аст ва табъан муштамил хоҳад буд бар матолиби зайл:

1) Пояи азамат ва рифъати тамаддуни исломӣ;

2) Иллатҳо ва мӯҷибот ва мояҳои тамаддуни исломӣ;

3) Таъсири ислом дар эътилои мусалмонон;

4) Иқтибос ва моягирии тамаддуни ҷадиди урупоӣ аз тамаддуни исломӣ;

5) Вазъи ҳозири ҷаҳони исломи аз назари мазоҳири инҳитот ва таъаххур;

6) Бо он ки тамаддуни исломӣ нобуд шуда, ислом ба сурати нерӯе зинда ва фаъол ва густаришёбанда боқӣ мондааст ва бо нерӯмандтарин нерӯҳои нави иҷтимоӣ ва инқилобӣ рақобат мекунад;

7) Миллатҳои исломӣ дар ҳоли бедор шудан ва бапо хостананд.

Баъд аз ин баҳси муқаддимаӣ, ки худ рисолаи ҷудогонае хоҳад буд, лозим аст баҳсе амиқ ва фалсафӣ дар бораи “табиати замон”, ки ба фалсафаи таърих марбут аст сурат гирад, ки оё ҳамон тавре, ки баъзе аз фалосифаи таърих даъво доранд, ҳамвора ҳамон чизе, ки сабаби тараққӣ ва пешрафти қавме мешавад, сабаби инҳитоти онҳо низ мегардад? Яъне ҳар омиле

фақат дар шароиту зуруфи муайяне, ки марбут ба даврае хосс аз таърихи мутатаввири башарӣ аст метавонад ҷомеаеро пеш бибарад ва тараққӣ диҳад ва бо тағйири он шароиту зуруф ва бо тулӯъи фаҷри ҷадиде аз таърих, он омил қодир ба ҷилав бурдан нест, худ мӯҷиби рукуду таъаххуру инҳитот аст.

Агар ин фалсафа дуруст бошад, ҳар тамаддуне ба мӯҷиби ҳамон омилҳое, ки ба вуҷуд омада бояд аз миён биравад ва лузуме надорад омили бегонае дахолат кунад; ҳамвора омилҳои кӯҳна пасбаранда ва ба истилоҳ, иртиҷоӣ аст ва омилҳои нав пешбаранда аст; омилҳои иҷтимоии нав тамаддуни навине эҷоб мекунад, ки хоҳ нохоҳ бо тамаддуни пешин муғойир аст.

Агар ин қоида дуруст бошад, табъан тамаддуни исломӣ наметавонад мустасно бошад; пас, баҳс аз иллатҳои инҳитоти мусалмонон ба унвони баҳсе мустақил ва тафкикшуда аз иллатҳо ва омилҳои тамаддуни исломӣ, баҳсе беҳуда аст.

Бино бар ин фалсафа ва қоида, лузуме надорад, ки шахс ё қавм ё ҷараёнеро масъули инҳитоти мусалмонон бидонем; нобудии тамаддуни исломӣ монанди ҳар тамаддуни дигар, ва балки ҳар падидаи зиндаи дигар, аз қабили сар расидани аҷали табиӣ ё ғайритабиӣ аст, ки ба ҳар ҳол дер ё зуд фаро мерасад. Тамаддуни исломӣ зоида шуд ва рушд кард ва ҷавон шуд ва ба пирӣ расид ва сипас мурд. Орзуи бозгашти он, чизе шабеҳи орзуи бозгашти мурдагон аст ба дунё, ки аз назари қавонини табиӣ қобили тавҷеҳ нест ва бо чизе назири эъҷоз ва харқи одат, ки ба ҳар ҳол хориҷ аз қудрати афроди башар аст, бояд онро тавҷеҳ кард.

Пас, баъд аз як баҳси муқаддимаӣ дар заминаи намудоре аз азамат ва инҳитоти мусалмонон, навбат ба ин баҳси фалсафӣ-таърихӣ мерасад ва наметавон аз он чашм пӯшид, зеро гуфтаҳои хом дар ин замина фаровон гуфта шудааст ва чӣ бисёранд афроде, ки он гуфтаҳои хомро бовар доранд.

Такмили ин баҳси фалсафӣ аз назари иртибот бо ин силсиламабоҳис ба ин аст, ки аз интибоқ ва адами интибоқи ислом бо муқтазаёти замон низ гуфтугӯи ҷомеъе бишавад. Қаҳран ин баҳс шомили ду қисмат хоҳад шуд: қисмати аввал, сирфан фалсафӣ аст ва қисмати дуввум исломӣ. Маҷмӯи ҳар ду қисмат таҳти унвони “*Ислом ва муқтазаёти замон*” қобили баррасӣ ва таҳқиқ аст.

Ҳангоме, ки аз ин баҳс фориғ шудем ва қоидаи фавқро дар фалсафаи таърих напазируфтем ва иллатҳои инҳитоти мусалмононро бо иллатҳои тараққии онҳо лузуман яке надонистем, навбати ин аст, ки баррасӣ кунем иллатҳо ва мӯҷиботе, ки сабаби рукуду таваққуф ва инҳитоту таъаххури мусалмонон шуд, чист ва дигарон чӣ гуфтаанд? Ин қисмат бо таваҷҷӯҳ ба гуфтаҳои дигарон — аъам аз мусалмон ва ғайримусалмон — ва таваҷҷӯҳ ба мавзӯот ва масоил ва ҷараёноте, ки табъан тарафи ин эҳтимол ҳаст, дар се бахши куллӣ бояд баррасӣ шавад:

— бахши ислом;

— бахши мусалмонон;

— бахши омилҳои бегона.

Ҳар як аз ин бахшҳо муштамил бар мавзӯот ва масоили мутаъаддиде аст. Масалан, дар бахши ислом мумкин аст касе бархе аз афкор ва мӯътақадоти исломиро таъсиргузор дар инҳитоти мусалмонон муаррифӣ кунад, ва мумкин аст касоне системи ахлоқии исломро заъифу инҳитотовар бидонанд; мумкин ҳам ҳаст афроде қавонини иҷтимоии исломиро омили инҳитоти мусалмонон бихонанд.

Иттифоқан, ҳам порае аз афкор ва мӯътақадоти исломӣ ва ҳам бархе аз мабонии ахлоқи исломӣ ва ҳам баъзе қавонин ва муқаррароти иҷтимоии исломӣ мавриди ин иттиҳом воқеъ шудаанд.

Ҳамчунин дар бахши мусалмонон ва бахши омилҳои бегона, фаслҳои мутаъаддид ва гуногуне аст, ки ҳама бояд мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар миёни афкор ва мӯътақадоти исломӣ, масоили зайл мавриди ин иттиҳом воқеъ шудаанд:

1) Эътиқод ба сарнавишт ва қазо ва қадар;

2) Эътиқод ба охират ва таҳқири зиндагии дунё;

3) Шафоат…

Гоҳе гуфта мешавад, сирри инҳитоти мусалмонон эътиқоди амиқе аст, ки ба сарнавишт ва қазо ва қадар доранд. Ва гоҳе гуфта мешавад, эҳтимоми азими ислом ба амри охират ва ҷаҳони абадӣ ва ночиз шумурдани зиндагонии дунё фикри мусалмононро аз таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба масоили зиндагӣ мунсариф кардааст. Ва гоҳе гуфта мешавад, эътиқод ба шафоат

— ки дар тамоми давраҳои таърихи исломӣ ин эътиқод вуҷуд доштааст — мусалмононро нисбат ба гуноҳон, ки фалсафаи гуноҳ будани онҳо таъсири суъи онҳост дар саодат, лоқайд кардааст ва мусалмон бо иттикои ба шафоат, аз ҳеч разила ва ҷурме имтиноъ надорад…

Дар ахлоқи исломӣ аносури зуҳд, қаноат, сабр, ризо, таслим ва таваккул, ба таъсир дар инҳитоти мусалмонон муттаҳам шудаанд.

Аз муқаррароти исломӣ он чи ба назар мерасад лозим аст аз ин назар баррасӣ шавад, дар дараҷаи аввал масъалаи ҳукумат ва тавобеъи он аст, ки ба гумони иддае, ислом таклиф ва вазифаи мусалмононро дар ин масъалаи муҳим ба таври комил муайян накардааст.

Қавонини ҷазоии ислом солҳост, ки мавриди бемеҳрӣ воқеъ шуда ва бисёре аз кишварҳои исломӣ ба ҳамин ҷиҳат қавонини ҷазоии худро аз ҷойи дигар иқтибос кардаанд ва каму беш кайфари амали худро дида ва мебинанд. Ба ҳар ҳол, қавонини ҷазоии ислом яке аз ҳалақоти ин силсиламабоҳис аст.

Дар қавонини мадании ислом чизҳое, ки дар асри ҳозир мавҷе алайҳи онҳо бархоста, яке ҳуқуқи зан ва дигаре қавонини иқтисодии ислом дар заминаи моликият ва ирс ва ғайра аст.

Маҳдудиятҳое, ки ислом дар равобити мусалмон бо ғайримусалмон қарор додааст — монанди он чи дар боби никоҳи мусалмон ва ғайримусалмон ё забеҳаи ғайрмусалмон қоил шудааст, ва ба иборати дигар, ҳуқуқ ва вазоифи байналмилалии исломӣ — аз мавзӯоте аст, ки иддаеро нороҳат карда ва инҳоро омили ақибмондагии худ аз қофилаи тамаддун маҳсуб медоранд.

Инҳост маҷмӯи масоиле, ки дар бахши ислом аз ин силсиламабоҳис бояд дар бораи онҳо таҳқиқи кофӣ ба амал ояд.

Хушбахтона заминаи мусоиде барои ин гуна таҳқиқот вуҷуд дорад ва бо равшан кардани ин масоил аст, ки метавон нерӯи имони табақаи ҷавон ва таҳсилкардаро тақвият кард ва шубуҳотро аз зеҳни онҳо зудуд.

Пас аз ин бахш, навбати бахши мусалмонон аст. Дар ин бахш, таваҷҷӯҳи мо аз ислом ба сӯи мусалмонон бармегардад, яъне ислом омили инҳитоти мусалмонон нест, балки мусалмонон дар асари кӯтоҳӣ ва инҳироф аз таълимоти исломӣ дучори инҳитот шуданд ва ин мусалмононанд, ки масъули ақибмондагии худ мебошанд.

Дар ин бахш низ қисматҳои мутаъаддиде пеш меояд, зеро аввалан, бояд нуқтаҳои инҳирофро мушаххас кунем; он чизҳое, ки аз ислом аст ва матрук шуда ва он чизҳое, ки аз ислом нест, вале дар миёни мусалмонон маъмул аст, чӣ чизҳое аст?

Ва сониян, бояд бибинем, оммаи мусалмонон масъули ин инҳитотанд ё хоссаи онҳо? Ислом дар миёни аъроб зуҳур кард ва сипас миллатҳои дигаре — аз эронӣ ва ҳиндӣ ва қибтӣ ва барбар ва ғайра — дар зери ливои ислом даромаданд. Ҳар як аз ин ақвом миллият ва хасоиси қавмӣ ва нажодӣ ва таърихии хоссе доштанд. Бояд баррасӣ шавад, оё ҳамаи ин миллатҳо ё баъзе аз онҳо ба воситаи хасоис ва мумайизоти хосси қавмӣ ва нажодӣ, ки лозимаи табиати онҳо буд, исломро аз масири аслии худ мунҳариф карданд, ба тавре, ки масалан агар ислом дар миёни миллатҳои дигаре ғайр аз ин миллатҳо — монанди миллатҳои урупоӣ — рафта буд, имрӯз мусалмонӣ ва мусалмонон сарнавишти дигаре доштанд? Ё оммаи мусалмонон дар ин ҷиҳат таъсире надоштаанд ва он чи бар сари ислом ва мусалмонон омадааст аз тарафи хосса, яъне ду табақаи бонуфуз дар миёни мусалмонон — ҳукмронон ва уламои дин — омадааст?

Дар бахши омилҳои бегона ҷараёноти зиёде аст, ки лозим аст мавриди таваҷҷӯҳ қарор бигирад. Аз садри ислом ҳамвора ислом душманони сарсахте дар хориҷ ё дохили худ доштааст. Яҳудиён ва масеҳиён ва маҷусён ва монавиён ва занодиқае, ки дар миёни мусалмонон будаанд, ғолибан бекор набуда ва аҳёнан аз пушт ба ислом ханҷар задаанд. Бисёре аз онҳо дар таҳриф ва қалби ҳақоиқи исломӣ ба василаи ҷаълу вазъи аҳодис ё эҷоди фирқаҳо ва тафриқаҳо ва лоақал дар доман задан ба ихтилофоти мусалмонон, таъсири зиёде доштаанд.

Дар таърихи ислом ҳаракатҳо ва наҳзатҳои сиёсӣ ва динии зиёде дида мешавад, ки аз тарафи ғайримусалмонон ба манзури тазъиф ё маҳви ислом пайдо шудааст.

Аҳёнан ҷаҳони ислом мавриди ҳамлаи сахти душман воқеъ шудааст. Ҷангҳои салибӣ ва ҳамчунин ҳамлаи муғул намунаи боризи ин ҳамалот аст ва ҳар як аз онҳо таъсири фаровоне дар инҳитоти мусалмонон доштаанд.

Ва аз ҳама хатарноктар, истеъмори ғарбӣ дар қарнҳои ахир аст, ки хуни мусалмононро макида ва камари мусалмононро дар зери фишори мазолими худ хам намудааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба он чи дар боло гуфта шуд, маҷмӯи мавзӯоте, ки лозим аст дар ин силсиламабоҳис баҳс шавад, ба тартиб мавзӯоти зайл аст:

1) Азамат ва инҳитоти мусалмонон. Ин мабҳас муқаддимае аст барои соири мабоҳис;

2) Ислом ва муқтазаёти замон. Ин мабҳас шомили ду қисмат аст: қисмати аввал марбут ба фалсафаи таърих аст. Дар қисмати дуввум кайфияти интибоқи қавонини исломӣ бо омилҳои мутағайири замон баён мешавад. Ин баҳс низ ҷанбаи муқаддимаӣ ва тамҳидӣ дорад;

3) Сарнавишт ва қазо ва қадар. Рисолаи ҳозир ӯҳдадори ин мабҳас аст;

4) Эътиқод ба маъод ва асари он дар тараққӣ ё инҳитоти иҷтимоъ;

5) Шафоат;

6) Системи ахлоқии ислом;

7) Ҳукумат аз назари ислом;

8) Иқтисоди исломӣ;

9) Қавонини ҷазоии ислом;

10) Ҳуқуқи зан дар ислом;

11) Қавонини байналмилалии ислом;

12) Нуқоти инҳироф;

13) Ҷаъл ва таҳриф ва вазъи ҳадис;

14) Ихтилофоти шиъа ва суннӣ ва асари он дар инҳитоти мусалмонон;

15) Ашъарият ва эътизол;

16) Ҷумуд ва иҷтиҳод;

17) Фалсафа ва тасаввуф;

18) Зимомдорони ҷаҳони ислом;

19) Руҳоният;

20) Фаъолиятҳои тахрибии ақаллиятҳо дар ҷаҳони ислом;

21) Шуъубигарӣ дар ҷаҳони ислом;

22) Ҷангҳои салибӣ;

23) Суқути Андалус (Испониё);

24) Ҳамлаи муғул;

25) Истеъмор.

Инҳо маҷмӯи мавзӯоте аст, ки аз назари ин ҷониб (Мутаҳҳарӣ) бояд ҷузъи ин силсиламабоҳис қарор гиранд. На муддъии истиқсо ҳастам ва на муддъии ҳусни тартиб. Мумкин аст мавзӯоти дигаре бошад, ки бояд дар ин радиф қарор гирад ва аз назари ман пинҳон монда бошад. Ин ҷониб на худро қодир ба баҳс дар тамоми ин мавзӯот медонад ва на ба фарзи қудрат, чунин вақту фурсатеро дорост. Барои баъзе аз ин мавзӯот, ки аз он ҷумла аст шумораҳои 1 ва 2 ёддоштҳое дорад ва умедвор аст муваффақ гардад онҳоро танзим карда ва ҳар чӣ зудтар дар дастраси умум бигузорад.

Агар фузало ва нависандагони боарзиши мо базли таваҷҷӯҳ бифармоянд ва дар ҳар як аз мавзӯоти номбурда, ки иттилооти кофӣ доранд, таҳқиқе олимона ба амал оваранд ва онро ҷузъи ин силсиламабоҳис қарор дода ва матлаберо, ки ихтиёр фармудаанд ба иттилои ин банда бирасонанд, мӯҷиби имтинони ин ҷониб хоҳад буд.

Нахустин рӯзе, ки мутаваҷҷеҳ шудам ғарбиён эътиқод ба қазо ва қадарро яке аз иллатҳо балки иллати аслии инҳитоти мусалмонон медонанд, дар ҳудуди 20 сол пеш, айёми талабагӣ буд. Ҷилди дуввуми китоби “Зиндагонии Муҳаммад (с)”, таълифи дуктур Муҳаммадҳасанайн Ҳайкалро мехондам. Дар охири ин китоб хотимае дорад муштамил бар ду мабҳас:

1) Тамаддуни исломӣ чунонки Қуръон шарҳ медиҳад;

2) Ховаршиносон ва тамаддуни исломӣ.

Дар мабҳаси дуввум сухане аз як нависандаи маъруфи омрикоӣ ба номи Вошингтун Ирвинг (*Washington Irving*), ки китобе дар саргузашти пайғамбари ислом навиштааст, нақл мекунад. Вошингтун Ирвинг ба нақли дуктур Ҳайкал, дар хотимаи китоби худ, мабодӣ ва усули исломро шарҳ додааст ва пас аз зикри имон ба Худо ва фариштагон ва китобҳои осмонӣ ва пайғамбарон ва рӯзи қиёмат, мегӯяд:

*“Охирин ва шашумин қоидае, ки дар радифи мабодии ислом аст, ақидаи ҷабр аст. Муҳаммад барои пешрафти умури ҷангии худ аз ин қоида истифода мекард, зеро ба мӯҷиби ин қоида, ҳар ҳодисае, ки дар ҷаҳон рух медиҳад, пеш аз он, дар илми Худо муқаддар шуда ва пеш аз он ки ҷаҳон ба вуҷуд ояд, дар лавҳи маҳфуз сабт гардидааст ва сарнавишти ҳар кас ва вақти марги ӯ таъйин шуда ва қобили тағйир нест ва ба ҳеч васила наметавон онро муқаддаму муъаххар сохт.*

*Мусалмонон, ки ин нукотро мусаллам медоштанд ва бад-он ақида доштанд, ба ҳангоми ҷанг бидуни биму ҳарос худро ба саффи душман мезаданд. Дар назари онҳо марг дар ҷанг, мусовӣ бо шаҳодат буд ва биҳиштро насиби инсон месохт; бад-ин ҷиҳат итминон доштанд агар кушта шаванд ё бар душман ғалаба ёбанд, дар ҳар сурат фирӯз шудаанд.*

*Баъзе мусалмонон мазҳаби ҷабрро, ки мегӯяд инсон барои иҷтиноб аз гуноҳ ва раҳоӣ аз муҷозот, мухтор нест ва дар ин замина иродае аз худ надорад, мунофии адл ва раҳмати Худо медонанд. Фирқаҳое падид омадаанд, ки барои таъдилу тавзеҳи ин мазҳаби ҳайратангез кӯшидаанд ва ҳанӯз ҳам мекӯшанд, вале иддаи онҳо кам аст ва аз пайравони суннати Расул ба шумор намеоянд. Чӣ ақидае беҳтар аз ин метавонад сипоҳиёни нодону мағрурро ба майдони ҷанг биронад ва онҳоро мутмаин созад, ки агар зинда монданд, ғанимат мебаранд, ва агар кушта шуданд, дар биҳишт ҷой мегиранд.*

*Ин ақида сипоҳи мусалмононро чунон бебоку нерӯманд сохта буд, ки ҳеч сипоҳе ёрои баробарӣ бо он надошт; вале дар айни ҳол, ҳамин ақида дорои заҳре буд, ки нуфузи исломро аз миён бурд.*

*Аз мавқеъе, ки ҷонишинони пайғамбар даст аз ҷангҷӯӣ ва ҷаҳонгирӣ бардоштанд ва шамшерҳои худро дар ниём карданд, ақидаи ҷабр хоссияти вайронкунандаи худро ошкор сохт; сулҳу оромиш аъсоби мусалмононро заъиф кард, ва лавозими моддӣ низ, ки Қуръон истифода аз онро раво шумурда ва ваҷҳи имтиёз миёни ислом ва масеҳият — дини покӣ ва аз худ гузаштагӣ — ба шумор меравад, дар ин мавзӯъ таъсир дошт.*

*Мусалмонон ранҷҳо ва сахтиҳоеро, ки бад-онҳо мерасид, натиҷаи тақдир медонистанд ва таҳаммули онро лозим мешумурданд, зеро дар назари онҳо кӯшишу дониши инсонӣ барои рафъи он натиҷае намедод. Пайравони Муҳаммад (с) ба қоидаи “худро кӯмак кун, то Худо туро кӯмак кунад” аҳаммият намедоданд ва баръакси он мӯътақид буданд.*

*Бад-ин ҷиҳат салиб ҳилолро маҳв кард. Агар нуфузи ҳилол то кунун дар Урупо боқӣ аст, барои ин аст, ки давлатҳои бузурги масеҳӣ чунин хостаанд, ва ба иборати дигар, бақои нуфузи ҳилол, натиҷаи рақобати давлатҳои масеҳӣ аст. Шояд бақои нуфузи он барои ин аст, ки далели тозае барои ин қоида бошад, ки ҳар кас чизеро ба нерӯи шамшер гирифт, бо шамшер аз ӯ гирифта мешавад…“*

Дуктур Ҳайкал дар посухи ин марди омрикоӣ шарҳи мабсуте тибқи завқу фикри худ медиҳад, ки ҳарчанд холӣ аз нуктаҳои савоб нест, вале орӣ аз назми фалсафӣ ва қобили нақзу ишколу эрод аст.

* * *

Дар рисолаи ҳозир, ки акнун ба дасти хонандаи мӯҳтарам мерасад, бепоягии суханони Вошингтун Ирвинг ва дигар ғарбиён равшан хоҳад шуд ва маълум хоҳад шуд, ки аввалан, қазо ва қадари исломӣ бо ақидаи ҷабр фарсангҳо фосила дорад ва намунаҳое зикр хоҳад шуд, ки ҳамон сипоҳиёни садри ислом, ки оқои Вошингтун Ирвинг густохона онҳоро нодону мағрур мехонад, дар сояи таълимоти муаллими олиқадри худ, ин фарқ ва тафовутро, ки оқои Вошингтун Ирвинг аз дарки он оҷиз аст, дарк мекарданд.

Сониян, худи Қуръони Карим озодӣ ва мухтор будани инсонро ба мӯҷиби оёти зиёде таъйид кардааст. Касоне, ки тарафдори ихтиёр шуданд ва ҷабрро мухолифи адолат ва раҳмати Худо донистанд, бар хилофи иддаои ховаршиносон, алайҳи таълимоти Қуръон қиём накарданд ва манзурашон “таъдил” дар гуфтаи Қуръон набуд, балки назари худро аз Қуръон иқтибос карда буданд.

Солисан, ин нависандаи бузург бо ин ки тибқи гуфтаи дуктур Ҳайкал, масеҳии мутаассибе аст ва масеҳиятро ба воситаи адами таваҷҷӯҳ ба масоили зиндагӣ дини покӣ ва аз худ гузаштагӣ мехонад ва ин таваҷҷӯҳро бар ислом айб мегирад, аз илми қадими илоҳӣ ба сурати танз ёд мекунад.

Магар мумкин аст касе Худошинос бошад ва дар айни ҳол битавонад мункири илми қадими азалӣ ба ҳамаи ашё бошад? Оё ин айб аст бар Қуръон, ки Худоро аз азал воқиф бар ҳамаи умур ва ҷараёнҳо медонад?!

Робеъан, мегӯяд: пайравони Муҳаммад (с) ба қоидаи “худро кӯмак кун, то Худо туро кӯмак кунад”, аҳаммият намедоданд.

Ин нависанда намехостааст ба худ заҳмат диҳад ва лоақал як бор тарҷумаи Қуръони Каримро бихонад, вагарна чунин иддаое намекард. Қуръони Карим бо сароҳати комил мефармояд:

*“Мо ҳар дастаеро дар ҳамон роҳе, ки ба ҳиммат ва иродаи худ интихоб кардаанд, мадад мерасонем. Мадади парвардигор аз ҳеч мардуми соҳибирода ва фаъол қатъ намешавад.”* (*Сураи Исро, 18-20*)

Пайравони Муҳаммад (с) ба таълиме олитар пай бурда буданд ва он ин ки:

*“Худоро ёрӣ кун, то Худо туро ёрӣ кунад.” (Сураи Муҳаммад (с), 7*)

Қуръони Карим ба ҷойи “худро ёрӣ кун”, ки мумкин аст бӯи шахсӣ ва манфиатпарастӣ ва ҳирсу оз аз он истишмом шавад, “Худоро ёрӣ кун”, ки ҷанбаи умумӣ ва инсонӣ ва хидмат ба халқ дорад гузоштааст.

Аммо рози ғалабаи салиб бар ҳилол, ки оқои Вошингтун Ирвинг онро қатъӣ ва ҳамешагӣ донистааст, матлабе аст, ки дар зимни ин силсиламабоҳис дар ҷойи муносибе тарҳ хоҳад шуд.

Мунҳасир ба оқои Вошингтун Ирвинг нест; ба навиштаи ҳар нависандаи ғарбӣ, ҳатто онҳое, ки то ҳадде беғаразии худро нишон додаанд, дар ин замина бархӯрдаем, шабеҳи ин изҳори назарро дидаем. Ҳамаи онҳо исломро як маслаки ҷабрӣ медонанд. Чизе, ки ҳаст, баъзе аз онҳо ин ақидаро дахил дар инҳитоти мусалмонон надонистаанд ва баъзе дигар дахил дониста, балки омили аслӣ шумурдаанд.

Вил Дуронт дар “*Таърихи тамаддун*” пас аз он ки ба мазмуни оёте аз Қуръон дар заминаи илм ва машиати илоҳӣ ишора мекунад ва мегӯяд ҷабригарӣ аз лавозими тафаккури исломӣ аст, мегӯяд:

*“Дар натиҷаи ин эътиқод, мӯъминон сахттарин мушкилоти зиндагиро бо қалбе мутмаин таҳаммул мекарданд, вале ҳамин ақида дар қарнҳои ахир монеъи пешрафти арабон шуд ва андешаи онҳоро аз кор андохт.” (Таърихи тамаддун, ҷ.11, с.42*)

Аммо Густов Лебун (*Gustave Le Bon*) мӯътақид аст, ки эътиқод ба тақдир ва ҷабр, таъсире дар инҳитоти мусалмонон надоштааст ва иллатҳои инҳитоти мусалмононро дар ҷоҳои дигар бояд ҷустуҷӯ кард.

Аввал дар назар доштам ҳамаи матолиби марбут ба азамат ва инҳитоти мусалмононро дар муқаддимаи ин рисола зикр кунам, вале баъд, аз ин фикр мунсариф шудам ва тасмим гирифтам он матолибро мустақиллан рисолае қарор дода ва дар садри ин силсиламабоҳис қарор диҳам, зеро дидам агар ҳамаи матолиби лозим навишта шавад, муфассал хоҳад шуд

ва муқаддима аз асли китоб тӯлонитар мегардад. Ва агар риояти ихтисор шавад, ба сурати ноқис дархоҳад омад. Аз ин рӯ тарҷеҳ додам дар ин муқаддима ба ҳамин андоза, ки намунае аз матлаб аст, қаноат кунам ва тафсили матлабро баъд ба сурати рисолае ҷудогона даровардa, муқаддима ва аввалин шумораи ин силсиламабоҳис қарор диҳам.

Дар ин рисола ҳамаи матолиб ва масоили марбут ба сарнавишт ва қазо ва қадар зикр нашудааст, зеро ҳадафи аслӣ ва умда, баррасии таъсир ва адами таъсири ин фикру ақида дар инҳитоти мусалмонон аст; аз ин рӯ аз зикри қисматҳое, ки бо ин ҷиҳат иртибот надорад ва аз ҷанбаи дигар низ зарурате барои зикри онҳо эҳсос намешуд, худдорӣ шудааст.

Ин масъала дар миёни мусалмонон собиқаи тӯлонӣ дорад; аз садри ислом дар миёни мусалмонон матраҳ буда; муфассирон, мутакаллимон, фалосифа, урафо ва ҳатто шуаро ва удабо дар бораи он баҳс кардаанд. Баррасии сайри ин масъала дар миёни ин табақот, худ мусталзими китоби мустақилле аст. Ба илова, оёт ва ривоёти зиёде, ки намунаи умқи маорифи исломӣ аст, дар ин маврид ворид шудааст ва ҳамин оёт ва ривоёт аст, ки роҳнамои фалосифаи исломӣ воқеъ шуда ва фалсафаи илоҳии исломиро басе пурмоя ва ботаровaт кардааст, ки бо фалсафаи юнонии қабл аз ислом қобили муқоиса нест ва баррасии ин оёт ва ривоёт худ мабҳасе муфассал ва ҷолиб аст.

Аз инҳо гузашта, дар маорифи исломӣ масоил ва мавзӯоти марбут ба ин мабҳас вуҷуд дорад, ки бо дар назар гирифтани усули бурҳонӣ аз як тараф ва осори нақлӣ аз тарафи дигар, баён ва тавзеҳи онҳо содда нест. Аз он ҷумла аст мавзӯи шабу рӯзи “қадр”, ки дар сурае аз Қуръони Карим ба сароҳат аз он ёд шудааст ва мавриди иттифоқи шиъа ва суннӣ аст. Аз он ҷумла аст масъалаи “бадоъ”, ки решаи қуръонӣ дорад.

Ҷабру ихтиёр ва кайфияти озодӣ ва иродаи инсон низ агар аз ҷанбаҳои мухталифи равонӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ шавад, сафаҳоти зиёдеро ба худ ихтисос медиҳад.

Акнун тасдиқ мефармоед агар ҳамаи инҳо дар ин рисола тарҳ мешуд, ба сурати китобе бузург дармеомад ва дигар муносиб набуд чунин китобе ҷузъи “Баҳсҳое аз иллатҳои инҳитоти мусалмонон” қарор гирад.

Дар айни ҳол, агар ин рисола мавриди таваҷҷӯҳи соҳибназарон воқеъ шавад ва зарурате эҳсос шавад, ки ин мабҳас такмил гардад, дар чопи баъд иншоаллоҳ замима ва такмил хоҳад шуд.

Аз Худованди Мутаъол мадад ва тавфиқ металабем!

***Теҳрон, 23 фарвардинмоҳи 1345 шамсӣ, мутобиқи 20 зилҳаҷҷаи 1385 қамарӣ (12 апрели 1966)***

***Муртазо Мутаҳҳарӣ***

# Инсон ва сарнавишт

## Ҳаросангез

Сарнавишт! Қазо ва қадар! Калимае руъбовартару ҳаросангезтар аз ин ду калима, пардаи гӯши башарро ба ҳаракат наёвардааст.

Ҳеч чиз ба андозаи ин ки инсон озодии худро аз даст рафта ва хештанро мақҳуру маҳкуми нерӯмандтар аз худ мушоҳида кунад ва тасаллути мутлақу бе чуну чарои ӯро бар худ эҳсос кунад, руҳи ӯро фишурда ва афсурда намесозад.

Мегӯянд, болотарини неъматҳо озодӣ аст ва талхтарини дардҳо ва нокомиҳо эҳсоси мақҳурият аст. Яъне ин ки инсон, шахсияти худро лагадкӯбшуда ва озодии худро ба тороҷрафта бибинад ва худро дар баробари дигаре монанди гӯсфанд дар ихтиёри чӯпон мушоҳида кунад ва хобу хӯрок ва мавту ҳаёти хешро дар дасти иқтидори ӯ бибинад.

Он “таслиму ризо”, ки аз набудани “чора” ва мақҳур дидани худ “дар кафи шери нари хунхорае” пайдо шавад, аз ҳар оташе барои руҳи одамӣ гудозандатар аст.

Ин дар сурате аст, ки инсон худро мақҳуру маҳкуми инсони дигари зӯрмандтар ё ҳайвони қавипанҷатар аз худ мушоҳида кунад. Аммо агар он қудрати мусаллат як қудрати номаръӣ ва释 мармуз бошад ва тасаввури халосӣ аз он ва тасаллут бар он, тасаввури амри маҳол бошад чӣ тавр? Мусалламан сад дараҷа бадтар.

Яке аз масоиле, ки таваҷҷӯҳи башарро ҳамеша ба худ ҷалб кардааст ин аст, ки оё ҷараёни корҳои ҷаҳон тибқи як барнома ва тарҳи қаблии ғайриқобили тахаллуф сурат мегирад ва қудрати номаръӣ, вале бениҳоят муқтадир ба номи сарнавишт ва қазо ва қадар, бар ҷамиъи вақойеъи олам ҳукмронӣ мекунад ва он чи дар замони ҳозир дар ҳоли сурат гирифтан аст ва ё дар оянда сурат хоҳад гирифт, дар гузашта муайян ва қатъӣ шудааст ва инсон мақҳуру маҷбур ба дунё меояд ва аз дунё меравад?

Ё аслан ва абадан чунин чизе вуҷуд надорад ва гузашта ҳеч навъ тасаллуте бар ҳолу оянда надорад ва инсон, ки яке аз мавҷудоти ин ҷаҳон аст, ҳурру озоду мусаллат бар муқаддароти хештан аст?

Ё фарзи севвуме дар кор аст? Ва он ин ки сарнавишт, дар ниҳояти иқтидор бар саросари вақойеъи ҷаҳон ҳукмронӣ мекунад ва нуфузаш бар саросари ҳастӣ бидуни истисно густурдааст, (вале) дар айни ҳол ин нуфузи ғайриқобили рақобат ва муқовиматнопазир кучактарин латмае ба ҳуррият ва озодии башар намезанад. Агар инчунин аст, чӣ гуна метавон онро тавҷеҳ кард ва тавзеҳ дод?

Масъалаи сарнавишт ё қазо ва қадар, аз печидатарин масоили фалсафӣ аст ва ба иллатҳои хоссе, ки баъдан тавзеҳ дода хоҳад шуд, аз қарни аввали ҳиҷрӣ дар миёни муфаккирони исломӣ тарҳ шуд. Ақоиди мухталифе, ки дар ин замина иброз шуд, сабаби сафбандиҳо ва кашмакашҳо ва пайдоиши фирқаҳо ва гурӯҳҳое дар ҷаҳони ислом гардид. Пайдоиши ақоиди гуногун ва фирқаҳои мухталиф бар мабнои он ақоид, дар тӯли ин чаҳордаҳ қарн осори шигарфе дар ҷаҳони ислом доштааст.

## Ҷанбаи амалӣ ва умумӣ

Ҳарчанд ин масъала, ба истилоҳ як масъалаи метафизикӣ аст ва ба фалсафаи куллӣ ва мовароуттабиа марбут аст, вале аз ду назар шоистагӣ дорад, ки дар радифи масоили амалӣ ва иҷтимоӣ низ қарор гирад:

1) Яке аз ин назар, ки тарзи тафаккуре, ки шахс дар ин масъала пайдо мекунад, дар зиндагии амалӣ ва равиши иҷтимоӣ ва кайфияти бархӯрд ва муқобилаи ӯ бо ҳаводис таъсиргузор аст.

Бадеҳӣ аст, ки руҳия ва равиши касе, ки мӯътақид аст ӯ вуҷудест дастбаста ва таъсире дар сарнавишт надорад, бо касе, ки худро ҳоким бар сарнавишти худ медонад ва мӯътақид аст ӯ ҳурру озод офарида шудааст, мутафовит аст. Дар сурате, ки бисёре аз масоили фалсафӣ ин гуна намебошанд ва дар руҳия ва амал ва равиши зиндагии инсон асар надоранд аз қабили: ҳудусу қидами замонии олам, таноҳӣ ва лотаноҳии абъоди олам, низоми иллатҳо ва асбоб ва имтиноъи судури касир аз воҳид, айнияти зоту сифоти воҷибулвуҷуд ва амсоли инҳо… Ин гуна масоил таъсире дар равиши амалӣ ва руҳияи иҷтимоии шахс надоранд.

2) Дигар, аз ин ҷиҳат, ки масъалаи сарнавишт ва қазо ва қадар, дар айни ин ки аз назари пайдо кардани роҳи ҳалл, дар радифи масоили хусусӣ аст, аз назари умумияти афроде, ки дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалле барои он ҳастанд, дар радифи масоили умумӣ аст — яъне ин

масъала аз масоиле аст, ки барои зеҳни ҳамаи касоне, ки тавоноии андешидан дар масоили куллӣ доранд тарҳ мешавад ва мавриди алоқа қарор мегирад; зеро ҳар касе табъан алоқаманд аст бидонад оё як сарнавишти ҳатмӣ ва қатъие, ки тахаллуф аз он имконпазир нест, масири зиндагонии ӯро таъйин мекунад ва ӯ аз худ дар ин роҳе, ки меравад ихтиёре надорад?! Монанди пари коҳест дар кафи тундбоде?! Ё чунин сарнавиште дар кор нест ва ӯ худ метавонад масири зиндагии худро таъйин кунад? — бар хилофи соири масоили фалсафаи куллӣ, ки ҳамчунон ки аз назари ёфтани роҳи ҳалл, ҷанбаи хусусӣ доранд, аз ҷанбаи таваҷҷӯҳи азҳон ба ҷустуҷӯ барои ёфтани роҳи ҳалл низ дорои ҷанбаи хусусӣ мебошанд.

Аз ин ду назар, ин масъаларо метавон дар радифи масоили амалӣ ва умумӣ ва иҷтимоӣ низ тарҳ кард.

Дар қадим, камтар аз ҷанбаи амалӣ ва иҷтимоӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳ мешуд ва фақат аз ҷанбаи назарӣ ва фалсафӣ ва каломӣ тарҳу унвон мешуд, вале донишмандони имрӯз бештар ба ҷанбаи иҷтимоӣ ва амалии он аҳаммият медиҳанд ва аз зовияи таъсири ин масъала дар тарзи тафаккури ақвому миллатҳо ва азамату инҳитоти онҳо ба он менигаранд.

Бархе аз мунтақидони ислом бузургтарин иллати инҳитоти мусалмононро эътиқод ба қазо ва қадар ва сарнавишти қаблӣ зикр кардаанд. Ин ҷо табъан ин суол пеш меояд: агар эътиқод ба сарнавишт сабаби рукуду инҳитоти фард ё иҷтимоъ мешавад, пас чаро мусалмонони садри аввал ин тавр набуданд? Оё онҳо ба қазо ва қадар ва сарнавишти қаблӣ эътиқод надоштанд ва ин масъала ҷузъи таълимоти аввалияи ислом набуд ва баъд дар олами ислом ворид шуд — ҳамчунон ки баъзе аз муаррихони урупоӣ гуфтаанд — ва ё ин ки навъи эътиқоди онҳо ба қазо ва қадар тавре буда, ки бо эътиқод ба ихтиёру озодӣ ва масъулият мунофот надоштааст? Яъне онҳо дар айни ин ки ба сарнавишт эътиқод доштаанд, мӯътақид будаанд, ки сарнавишт ба наҳве таҳти ихтиёру иродаи инсон аст ва инсон қодир аст онро тағйир диҳад? Агар чунин тарзи тафаккуре доштаанд, он тарзи тафаккур бар асоси чӣ усул ва мабонӣ будааст?

Қатъи назар аз ин ки мусалмонони садри аввал чӣ гуна истинбот карда буданд, бояд бибинем мантиқи Қуръон дар ин масъала чист ва аз пешвоёни дин дар ин замина чӣ

расидааст ва билохира мантиқан мо бояд чӣ тарзи тафаккуреро дар ин масъала интихоб кунем?

## Оятҳои Қуръон

Дар бархе аз оятҳои Қуръон, сареҳан ҳукумату дахолати сарнавишт ва ин ки ҳеч ҳодисае дар ҷаҳон рух намедиҳад магар ба машиати илоҳӣ ва он ҳодиса қаблан дар китобе мазбут будааст, таъйид шудааст аз қабили:

مَا أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ فِي الْأَرْضِ وَلَا فِي أَنفُسِكُمْ إِلَّا فِي كِتَابٍ مِّن قَبْلِ أَن نَّبْرَأَهَا إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيرٌ

*"Ҳеч мусибате дар замин ё дар нуфуси шумо ба шумо намерасад магар он ки қабл аз он ки онро зоҳир кунем, дар китобе сабт шуда, ва ин бар Худо осон аст."* (Сураи Ҳадид, ояти 22)

وَعِندَهُ مَفَاتِحُ الْغَيْبِ لاَ يَعْلَمُهَا إِلاَّ هُوَ وَيَعْلَمُ مَا فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ وَمَا تَسْقُطُ مِن وَرَقَةٍ إِلاَّ يَعْلَمُهَا وَلاَ حَبَّةٍ فِي ظُلُمَاتِ الأَرْضِ وَلاَ رَطْبٍ وَلاَ يَابِسٍ إِلاَّ فِي كِتَابٍ مُّبِينٍ

*"Калидҳои ниҳон назди ӯст, ҷуз ӯ касе намедонад, ва медонад он чиро, ки дар саҳро ва дар дарёст. Барге аз дарахт намеафтад магар он ки ӯ медонад, ва донае дар торикиҳои замин ва ҳеч тару хушке нест магар он ки дар китобе равшан сабт аст."* (Сураи Анъом, ояти 59)

يَقُولُونَ لَوْ كَانَ لَنَا مِنَ الأَمْرِ شَيْءٌ مَّا قُتِلْنَا هَاهُنَا قُل لَّوْ كُنتُمْ فِي بُيُوتِكُمْ لَبَرَزَ الَّذِينَ كُتِبَ عَلَيْهِمُ الْقَتْلُ إِلَى مَضَاجِعِهِمْ

*"Мепурсанд: оё чизе аз кор дар дасти мо ҳаст? Бигӯ: тамоми кор ба дасти Худост. Эшон дар дил матлабе доранд, ки аз ту пинҳон мекунанд; пеши худ мегӯянд: агар кор ба дасти мо буд, дар ин ҷо кушта намешудем. Ба эшон бигӯ: агар дар хонаи худ мебудед, касоне, ки кушта шудан бар эшон навишта шуда буд, ба хобгоҳҳои хеш мешитофтанд."* (Сураи Оли Имрон, ояти 154)

وَإِن مِّن شَيْءٍ إِلاَّ عِندَنَا خَزَائِنُهُ وَمَا نُنَزِّلُهُ إِلاَّ بِقَدَرٍ مَّعْلُومٍ

*"Ҳеч чизе нест магар ин ки хазонаҳои он дар назди мост, ва мо онро ҷуз ба андозаи муайян фурӯ намефиристем."* (Сураи Ҳиҷр, ояти 21)

قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا

*"Ҳамоно Худо барои ҳар чиз андозае қарор додааст."* (Сураи Талоқ, ояти 3)

**إِنَّا كُلَّ شَيْءٍ خَلَقْنَاهُ بِقَدَرٍ**

*“Мо ҳама чизро ба андоза офаридаем.” (Сураи Қамар, ояти 49)*

**فَيُضِلُّ اللّهُ مَن يَشَاءُ وَيَهْدِي مَن يَشَاءُ**

“Худо ҳар касро бихоҳад гумроҳ, ва ҳар касро бихоҳад ҳидоят мекунад.” (*Сураи Иброҳим, ояти 4*)

**قُلِ اللَّهُمَّ مَالِكَ الْمُلْكِ تُؤْتِي الْمُلْكَ مَن تَشَاء وَتَنزِعُ الْمُلْكَ مِمَّن تَشَاء وَتُعِزُّ مَن تَشَاء وَتُذِلُّ مَن تَشَاء بِيَدِكَ الْخَيْرُ إِنَّكَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ**

*“Бигӯ: эй Худо! Эй соҳиби қудрат! Ту ба он кас, ки бихоҳӣ, қудрат медиҳӣ, ва аз он кас, ки бихоҳӣ, бозмеситонӣ. Ҳар киро хоҳӣ, иззат диҳӣ, ва ҳар киро хоҳӣ, залил месозӣ. Некӣ дар дасти туст, ва ту бар ҳама чиз тавоноӣ.” (Сураи Оли Имрон, ояти 26)*

Аммо оятҳое, ки далолат мекунад бар ин ки инсон дар амали худ мухтор ва дар сарнавишти худ таъсиргузор аст ва метавонад онро тағйир диҳад:

**إِنَّ اللّهَ لاَ يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُواْ مَا بِأَنْفُسِهِمْ**

*“Худо вазъи ҳеч мардумеро иваз намекунад магар он ки худи онҳо вазъи нафсонии худро тағйир диҳанд.” (Сураи Раъд, ояти 11)*

**وَضَرَبَ اللّهُ مَثَلاً قَرْيَةً كَانَتْ آمِنَةً مُّطْمَئِنَّةً يَأْتِيهَا رِزْقُهَا رَغَدًا مِّن كُلِّ مَكَانٍ فَكَفَرَتْ بِأَنْعُمِ اللّهِ فَأَذَاقَهَا اللّهُ لِبَاسَ الْجُوعِ وَالْخَوْفِ**

*“Худо масал зада шаҳреро, ки амну ором буд ва ризқҳо аз ҳама ҷо фаровон ба сӯи он ҳамл мешуд, вале неъматҳои Худоро носипосӣ кард ва аз он пас Худо гуруснагӣ ва ноамниро аз ҳама тараф ба он чашонид…” (Сураи Наҳл, ояти 112)*

**وَمَا كَانَ اللَّهُ لِيَظْلِمَهُمْ وَلَكِن كَانُوا أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ**

*“Худо чунон нест, ки ба онҳо ситам кунад, вале онон чунон буданд, ки ба хештан ситам мекарданд.” (Сураи Анкабут, ояти 40)*

وَمَا رَبُّكَ بِظَلَّامٍ لِّلْعَبِيدِ

*"Ва парвардигорат нисбат ба бандагон ситамгар намебошад." (Сураи Фуссилат, ояти 46)*

إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا

*"Мо инсонро роҳ намудем; ӯ худ ё сипосгузор аст ё носипос." (Сураи Инсон, ояти 3)*

فَمَن شَاء فَلْيُؤْمِن وَمَن شَاء فَلْيَكْفُرْ

*"Ҳар ки хоҳад, имон оварад, ва ҳар ки хоҳад, куфр варзад." (Сураи Каҳф, ояти 29)*

ظَهَرَ الْفَسَادُ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ بِمَا كَسَبَتْ أَيْدِي النَّاسِ

*"Дар саҳрову дарё ба воситаи кирдори бади мардум фасоду табоҳӣ падид шудааст." (Сураи Рум, ояти 41)*

مَن كَانَ يُرِيدُ حَرْثَ الْآخِرَةِ نَزِدْ لَهُ فِي حَرْثِهِ وَمَن كَانَ يُرِيدُ حَرْثَ الدُّنْيَا نُؤتِهِ مِنْهَا

*"Ҳар кас толиби кишти охират бошад, барои вай дар кишташ хоҳем афзуд, ва ҳар кас хоҳони кишти дунё бошад, баҳрае ба ӯ хоҳем дод." (Сураи Шӯро, ояти 20)*

مَّن كَانَ يُرِيدُ الْعَاجِلَةَ عَجَّلْنَا لَهُ فِيهَا مَا نَشَاء لِمَن نُّرِيدُ ثُمَّ جَعَلْنَا لَهُ جَهَنَّمَ يَصْلاهَا مَذْمُومًا مَّدْحُورًا .وَمَنْ أَرَادَ الآخِرَةَ وَسَعَى لَهَا سَعْيَهَا وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَأُولَئِكَ كَانَ سَعْيُهُم مَّشْكُورًا. كُلاًّ نُّمِدُّ هَؤُلاء وَهَؤُلاء مِنْ عَطَاء رَبِّكَ وَمَا كَانَ عَطَاء رَبِّكَ مَحْظُورًا

*"Ҳар ки зиндагии нақдро толиб бошад, ба он андоза ба он кас, ки бихоҳем нақд медиҳем, сипас ҷаҳаннамро барои вай қарор хоҳем дод, то вориди он шавад дар ҳоле, ки накӯҳида ва манфур бошад. Ва ҳар кас оқибат ва саранҷоми хуш бихоҳад ва он тавр, ки шоиста аст дар роҳи он кӯшиш кунад ва имон дошта бошад, кӯшиши ӯ мавриди қабул хоҳад шуд. Мо ба ҳар ду гурӯҳ мадад мерасонем; ба инҳо ва ба онҳо. Файзи парвардигори ту аз касе дарег намешавад." (Сураи Исро, оятҳои 18-20)*

Оятҳои дигар низ аз ин қабил ва ҳам аз навъи дастаи аввал дар Қуръони Карим ҳаст.

Ин ду даста оятҳо аз назари ғолиби уламои тафсир ва уламои калом муъоризи якдигар шинохта шудаанд. Ба ақидаи онҳо, бояд муфоди зоҳири як дастаро пазируфт ва дастаи дигарро таъвил кард. Аз нимаи дуввуми қарни аввал, ки ду тарзи тафаккур дар ин боб

пайдо шуд, гурӯҳе, ки тарафдори озодӣ ва ихтиёри башар шуданд, дастаи аввали ин оятҳоро таъвилу тавҷеҳ карданд ва онҳо ба "қадарӣ" маъруф шуданд. Гурӯҳе дигар, ки тарафдори ақидаи тақдир шуданд, дастаи дуввуми ин оятҳоро таъвил карданд ва "ҷабрӣ" номида шуданд. Тадриҷан, ки ду фирқаи бузурги каломӣ — яъне Ашоъира ва Мӯътазила — падид омаданд ва масоили зиёди дигаре ғайр аз масъалаи ҷабру қадарро низ тарҳ карданд ва ду мактаб ба вуҷуд омад, ҷабриюн ва қадариюн дар Ашоъира ва Мӯътазила ҳазм шуданд, яъне дигар унвони мустақил барои онҳо боқӣ намонд. Мактаби ашъарӣ аз ҷабр, ва мактаби мӯътазилӣ аз қадар тарафдорӣ кард.

## Калимаи қадарӣ

Ин ки мо дар ин ҷо тарафдорони озодӣ ва ихтиёри башарро "қадарӣ" номидем, ба ҳасби маъруфтарин истилоҳи уламои калом аст. Ғолибан дар ахбор ва ривоёт низ ин калима дар ҳамин маврид ба кор бурда шудааст, вагарна аҳёнан калимаи қадарӣ дар забони мутакаллимин ва дар баъзе ахбор ва ривоёт, ба ҷабриюн итлоқ мешавад. Ба таври куллӣ, ҳам тарафдорони ҷабр, ки қоил ба тақдири куллӣ будаанд ва ҳам тарафдорони ихтиёру озодӣ, ки тақдирро аз аъмоли башар нафй мекардаанд, аз итлоқи калимаи "қадарӣ" бар худ иҷтиноб доштаанд ва ҳамвора ҳар дастае дастаи дигарро "қадарӣ" мехондааст.
Сирри ин иҷтиноб ин буда, ки аз Расули Акрам (с) ҳадисе ривоят шуда бад-ин мазмун:

القدرية مجوس هذه الأمة

*"Қадариҳо маҷуси ин умматанд." (Ҷомеъус-сағир, 2/89*)
Ҷабриюн мегуфтанд, мақсуд аз калимаи қадарӣ, мункирони тақдири илоҳӣ мебошанд. Мухолифонашон мегуфтанд, мақсуд аз калимаи қадарӣ касоне ҳастанд, ки ҳама чиз ҳатто аъмоли башарро маълули қазо ва қадар медонанд. Шояд иллати ин ки ин калима бар мункирони тақдир бештар часбид, яке ривоҷ ва шуюъи мактаби ашъарӣ ва дар ақаллият қарор гирифтани мухолифони онҳо буд, дигар ташбеҳ ба маҷус аст, зеро он чи аз маҷус маъруф аст ин аст, ки тақдири илоҳиро маҳдуд мекарданд ба он чи ки ба истилоҳ хайр меномиданд, ва аммо шуруррро хориҷ аз тақдири илоҳӣ медонистанд; муддаӣ буданд, ки омили аслии шарр Аҳриман аст.

## Таъорузҳо

Гуфтем, ки аз назари ғолиби муфассирон ва мутакаллимон, оятҳои Қуръон дар заминаи сарнавишт ва озодӣ ва ихтиёри инсон, мутаъориз мебошанд ва ночор як даста аз оятҳоро бояд таъвил ва бар хилофи зоҳир ҳамл кард.

Ин нукта бояд гуфта шавад, ки таъоруз бар ду қисм аст: гоҳе ба ин сурат аст, ки як сухан сухани дигарро сароҳатан ва мутобиқатан нафй мекунад; масалан яке мегӯяд, пайғамбар дар моҳи сафар аз дунё рафт, дигаре мегӯяд, пайғамбар дар моҳи сафар аз дунё нарафт. Дар ин ҷо ҷумлаи дуввум сареҳан муфоди ҷумлаи аввалро нафй мекунад. Гоҳе ин тавр нест; ҷумлаи дуввум сареҳан муфоди ҷумлаи аввалро нафй намекунад, аммо лозимаи сиҳҳат ва ростии ӯ бутлон ва кизби муфоди ҷумлаи аввал аст; мисли ин ки яке мегӯяд, пайғамбар дар моҳи сафар аз дунё рафт, дигаре мегӯяд, пайғамбар дар моҳи рабиъулаввал аз дунё рафт. Албатта лозимаи ин ки пайғамбар дар моҳи рабиъулаввал аз дунё рафта бошад ин аст, ки дар моҳи сафар аз дунё нарафта бошад.

Акнун бояд бибинем, таъорузи оятҳои Қуръон бо якдигар дар масъалаи қазо ва қадар ва ихтиёр ва озодии башар, аз кадом намуна аст? Оё аз намунаи аввал аст, ки сареҳан якдигарро нафй мекунанд, ва ё аз намунаи дуввум аст, ки гуфта мешавад лозимаи муфоди ҳар як аз ин ду даста, нафю тарди муфоди дастаи дигар аст?

Мусалламан оятҳои Қуръон сароҳатан якдигарро дар ин масъала нафй намекунанд ва таъорузи онҳо аз навъи аввал нест, зеро чунонки мебинем, ин тавр нест, ки як даста бигӯяд ҳама чиз муқаддар шуда ва дастаи дигар бигӯяд ҳама чиз муқаддар нашудааст; як даста бигӯяд ҳама чиз дар илми Худо гузаштааст ва дастаи дигар бигӯяд ҳама чиз дар илми Худо нагузаштааст; як даста бигӯяд башар дар кори худ мухтору озод аст ва дастаи дигар бигӯяд башар мухтору озод нест; як даста бигӯяд ҳама чиз вобаста ба машиати Худованд аст ва дастаи дигар бигӯяд ҳама чиз баста ба машиат ва иродаи Ҳақ нест. Балки иллати ин ки ин ду даста мутаъориз шинохта шудаанд ин аст, ки ба ақидаи мутакаллимон ва бархе аз муфассирон, лозимаи ин ки ҳама чиз ба тақдири илоҳӣ бошад ин аст, ки инсон озод набошад. Озодӣ бо муқаддар будан созгор нест. Ва лозимаи ин ки ҳама чиз дар илми Худо

гузаштааст, ин аст, ки ҳама чиз бояд ҷабран ва бидуни ихтиёр сурат гирад, вагарна илми Худо ҷаҳл хоҳад буд.

Ва аз он тараф, лозимаи ин ки инсон худ омили таъсиргузор дар хушбахтӣ ва бадбахтии худ бошад ва сарнавишти худро дар ихтиёр дошта бошад, ки хуб кунад ё бад, ин аст, ки тақдири қаблӣ дар кор набошад. Пас, як даста аз ин ду даста оятҳо бояд таъвил шаванд.

Китобҳои каломӣ ва тафсирии Ашоъира ва Мӯътазила пур аст аз таъвилу тавҷеҳ. Мӯътазила оятҳои тақдирро таъвил карданд ва Ашоъира оятҳои ихтиёрро. Барои намуна, ба тафсири Имом Фахри Розӣ, ки фикри ашъарӣ дорад, ва ба "Кашшоф"-и Замахшарӣ, ки фикри мӯътазилӣ дорад, метавон муроҷеа кард.

Бинобар ин, агар назари саввуме бошад, ки битавонад ин таъорузи зоҳириро ҳалл кунад ва ҳеч гуна мунофоте байни қазо ва қадари илоҳӣ ба тavри мутлақ — яъне илми собиқ ва мозӣ ва нофизи илоҳӣ ва машиати мутлақаи ӯ — ва байни ихтиёр ва озодии башар ва дар даст доштани ӯ сарнавишти худро қоил набошад, эҳтиёҷе ба таъвили ҳеч як аз ин ду даста оятҳо нахоҳад буд.

Чунонки баъдан хоҳем гуфт, матлаб аз ҳамин қарор аст. Яъне назари саввуме вуҷуд дорад, ки ҳеч гуна таноқуз ва таъорузе миёни ин ду даста аз оятҳо намебинад; танҳо кӯтоҳии фаҳми илмии мутакаллимон ва баъзе аз муфассирону шореҳон будааст, ки ин таъорузро ба вуҷуд овардааст.

Усулан, маънӣ надорад, ки дар китоби мубини илоҳӣ таъорузу ихтилоф вуҷуд дошта бошад ва ниёз бошад, ки бархе аз оятҳоро бар хилофи зоҳире, ки ҳаст таъвил кунем.

Ҳақиқат ин аст, ки дар Қуръони Карим, дар ҳеч мавзӯе аз мавзӯот, ҳатто як оят ҳам вуҷуд надорад, ки ниёзманд ба таъвил бошад. Муташобеҳтарини оятҳои қуръонӣ низ чунин нест. Ва ин худ баҳси муфассале аст, ки аз ҳудуди ин рисола хориҷ аст ва шояд битавон гуфт, эъҷозоместарин ҷанбаҳои Қуръони Маҷид, ҳамин ҷиҳат аст.

## Осори шум

Бидуни шак, маслаки ҷабр, ки ба куллӣ башарро фоқиди ихтиёру озодӣ медонад, осори суи иҷтимоии зиёде дорад; монанди микроби фалаҷ, руҳу иродаро фалаҷ мекунад.

Ин ақида аст, ки дасти татовули зӯргӯёнро дарозтар ва дасти интиқому додхоҳии зӯршунавҳоро бастатар мекунад.
Он кас, ки мақомеро ғасб карда ва ё молу сарвати умумиро забт намудааст, дам аз мавҳибатҳои илоҳӣ мезанад ва ба унвони ин ки ҳар чӣ ба ҳар кас дода мешавад, Худододӣ аст ва Худост, ки ба мунъим дарё-дарё неъмат ва ба муфлис киштӣ-киштӣ миҳнат арзонӣ фармудааст, беҳтарин санад барои ҳаққоният ва машрӯияти он чи тасоҳуб карда ироа медиҳад. Ва он ки аз мавҳибатҳои илоҳӣ маҳрум монда, ба худ ҳақ намедиҳад, ки эътироз кунад, зеро фикр мекунад ин эътироз, эътироз ба “қисмат” ва тақдири илоҳӣ аст ва дар муқобили қисмат ва тақдири илоҳӣ бояд собир буд, бояд розӣ ва шокир буд.
Золиму ситамгар аз аъмоли ҷобиронаи худ ба баҳонаи сарнавишт ва қазо ва қадар, рафъи масъулият мекунад, зеро ӯ дасти Ҳақ аст ва дасти Ҳақ сазовори таън нест.
Ва ба ҳамин далел, мазлуму ситамкаш низ он чи аз дасти ситамгар мекашад таҳаммул мекунад, зеро фикр мекунад он чи бар ӯ ворид мешавад, мустақиман ва биловосита аз тарафи Худост ва бо худ мегӯяд, мубориза бо зулму ситамгарӣ ҳам беҳуда аст, зеро панҷа бо панҷаи қазо афкандан аст ва ҳам зидди ахлоқ аст, зеро мунофии мақоми ризо ва таслим аст.
Мӯътақид ба ҷабр, чун робитаи сабабӣ ва мусаббабиро дар ашё, ба хусус дар миёни инсон ва аъмол ва шахсияти руҳӣ ва ахлоқии ӯ аз як тараф, ва миёниояндаи саодатбор ё шақоватбораш аз тарафи дигар мункир аст, ҳаргиз дар фикри тақвияти шахсият ва ислоҳи ахлоқ ва контроли аъмоли худ намеафтад ва ҳама чизро ҳавола ба тақдир мекунад.

## Истифодаҳои сиёсӣ

Таърих нишон медиҳад, ки масъалаи қазо ва қадар дар замони Банӣ Умайя дастовези қурсу муҳкаме буда барои сиёсатмадорони умавӣ. Онҳо ҷиддан аз маслаки ҷабр тарафдорӣ мекарданд ва тарафдорони ихтиёру озодии башарро ба унвони мухолифат бо як ақидаи динӣ мекуштанд ё ба зиндон меандохтанд, то он ҷо, ки ин ҷумла маъруф шуд:

الجبر والتشبيه أمويان، والعدل والتوحيد علويان

Қадимтарин касоне, ки масъалаи ихтиёру озодии башарро дар давраи умавӣ унвон карданд ва аз ақидаи озодӣ ва ихтиёри башар ҳимоят карданд, марде аз аҳли Ироқ ба номи Маъбад ибни Абдуллоҳи Ҷуҳанӣ ва марди дигаре аз аҳли Шом маъруф ба Ғаялони Димишқӣ буданд. Ин ду нафар ба ростӣ ва дурустӣ ва сидқу имон шинохта мешуданд. Маъбад ба ҳамроҳии Ибни Ашъас (алайҳи хулафои умавӣ) хуруҷ кард ва ба дасти Ҳаҷҷоҷ кушта шуд ва Ғаялон низ пас аз он ки ҳарфҳояш ба гӯши Ҳишом ибни Абдулмалик (халифаи умавӣ) расид, ба дастури Ҳишом дастҳо ва поҳояшро бурида, сипас ӯро ба дор овехтанд.

Дар китоби "*Таърихи илми калом*", таълифи Шибли Нӯъмон (*ҷ.1, с.14*) менависад:

"*Агарчӣ барои ихтилофи ақоид тамоми омилҳо ва асбоб фароҳам буд, лекин огози он аз сиёсат ё муқтазаёти мамлакатӣ буда. Дар замони умавиён чун бозори саффокӣ ривоҷ дошт, қаҳран дар табиатҳо шӯриш пайдо мешуд… Ҳар вақт калимаи шикояте аз забони касе дармеомад, тарафдорони ҳукумат ҳавола ба тақдир карда ва ӯро сокиту хомӯш мекарданд, ки он чи мешавад, муқаддар ва марзийи Худост ва набояд ҳеч дам зад: "Оманно бил-қадарӣ хайриҳӣ ва шарриҳӣ." Дар замони Ҳаҷҷоҷ Маъбади Ҷуҳанӣ, ки аз тобеъин буд ва бисёр далеру ростгӯ буд, як рӯз аз устоди худ Ҳасани Басрӣ пурсид: ин ки аз тарафи Банӣ Умайя масъалаи қазо ва қадарро пеш мекашанд, то куҷо ин ҳарф рост асту дуруст? Ӯ гуфт: эшон душманони Худо ҳастанд, дурӯг мегӯянд*."

Аббосиён ҳарчанд сиёсаташон бо умавиён мухолиф буд ва гурӯҳе аз онҳо — махсусан Маъмуну Мӯътасим — аз Мӯътазила, ки яке аз ақоидашон озодӣ ва ихтиёри башар буд ҳимоят карданд, аммо аз замони Мутаваккил ба баъд, варақ баргашт ва аз ақоиди Ашоъира, ки аз он ҷумла масъалаи ҷабр аст, ҳимоят карданд ва аз он ба баъд мазҳаби ашъарӣ, мазҳаби роиҷ ва умумии ҷаҳони ислом шуд.

Бидуни шак, ривоҷ ва нуфузи мазҳаби ашъарӣ дар олами ислом осори зиёде гузошт. Фирқаҳои дигар монанди шиъа ҳарчанд расман аз онҳо пайравӣ намекарданд, аммо аз нуфузи ақоиди онҳо дар амон намонданд. Аз ин рӯ, бо он ки мактаби шиъӣ бо мактаби ашъарӣ мухолиф аст — ва албатта бо мактаби мӯътазилӣ ҳам сад дар сад мувофиқ нест — дар адабиёти арабӣ ва форсии шиъӣ, он андоза, ки аз маҳкум будани башар дар баробари сарнавишт сухан рафта, аз озодӣ ва ихтиёр сухан нарафтааст, бо он ки тибқи тасреҳоти

пешвоёни шиъа, яъне имомони аҳли байт (алайҳимус салом), қазо ва қадари умумӣ бо ихтиёр ва озодии башар мунофот надорад.
Сирри ин ки калимаи сарнавишт ё қазо ва қадар руъбовар ва ҳаросангез шудааст, ин аст, ки дар асари тафаввуқ ва тасаллути мактаба ашъарӣ бар ҷаҳони ислом ва таҳти нуфуз қарор додани адабиёти исломӣ, ин калимот ва калимоте амсоли инҳо муродиф бо ҷабр ва адами озодӣ ва тасаллути бемантиқи як қудрати номаръӣ бар инсон ва аъмолу афъоли ӯ муаррифӣ шудааст.

## Ҳамлаи Урупои масеҳӣ ба ислом

Ин ҷиҳат баҳонае ба дасти урупоиёни масеҳӣ дода, ки иллатулилали инҳитоти мусалмононро эътиқод ба қазо ва қадар бидонанд ва чунин вонамуд кунанд, ки ислом худ як ойини ҷабрӣ аст ва дар он ҳар гуна ихтиёр ва ҳуррият аз башар салб шудааст.
Марҳум Сайид Ҷамолуддини Асадободӣ дар вақтҳое, ки дар Урупо буд, мутаваҷҷеҳи ин интиқод шуд ва дар мақолоти худ ба ин интиқоди нодуруст ҷавоб дод. Вай дар яке аз мақолоти худ мегӯяд:
*"Ақида ба қазо ва қадар, яке аз он ақоиди ҳуққабоз аст, ки мавриди иштибоҳ ва мавзӯи бехабарии ҷоҳилон аст. Ғофилони фарангӣ гумонҳои хато бурданд ва гуфтанд: эътиқод ба тақдир дар миёни ҳар миллате шойеъу росих гардад, ҳиммату қуввату шуҷоат ва дигар фазоил аз миёни он миллат рахт бармебандад. Ва гуфтанд: сифоти нописандидаи мусалмонон ҳама натиҷаи эътиқод ба қазо ва қадар аст. Мусалмонон имрӯз бенаво ва тиҳидаст ва дар қувваҳои низомӣ ва сиёсӣ заъифтар аз миллатҳои фаранг шудаанд ва фасоди ахлоқ ва дурӯғу найрангу кина ва душманӣ ва тафриқа ва ҷаҳл ба аҳволи ҷаҳон ва бебасиратӣ бар хайру шарр ва қаноат ба маишати бихӯру намир, дар эшон роиҷ ва умумӣ гашта, парвои тараққӣ ва дафъи душман надоранд. Лашкари хунхори аҷониб аз ҳар сӯ бар эшон тохтааст… Бечорагон ба ҳар пешомаде шокиранд ва ба ҳар мазаллате ҳозир. Ба кунҷи хона осуда хуфтаанд ва ганҷи сарвату истиқлолро ба душман ва бегона вогузоштаанд."*
Он гоҳ мегӯяд:
*"Ғарбиён ин мафосидро, ки баршумурдем, ба мусалмонон нисбат медиҳанд. Ҳамаи зиштиҳо ва пастиҳоро зоидаи эътиқод ба қазо ва қадар медонанд ва мегӯянд: агар мусалмонон чанде дигар бар ин ақида бимонанд, дигар ҳисобашон соф аст ва об аз сарашон гузаштааст."*

Сипас мегӯяд:

*“Фарангиҳо миёни эътиқод ба қазо ва қадар ва эътиқод ба мазҳаби ҷабр, ки мегӯяд инсон дар куллияи аъмолу афъоли худ маҷбури мутлақ аст, фарқе ва тафовуте нагузоштаанд…“ (Иқтибос аз ёддоштҳои оқои Садри Восиқӣ дар бораи Сайидҷамолуддин, нақл аз мақолаи “Сайид дар бораи қазо ва қадар” тарҷумаи Сайид Абулқосими Фарзонаи Яздӣ, китобхонаи мадрасаи Оли Сипаҳсолор*)

## Мушкили илмӣ

Вале аз баёни гузашта набояд чунин тасаввур кард, ки тарҳи масъалаи қазо ва қадар ва ҷабру ихтиёр дар миёни мусалмонон, танҳо решаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад. Баъдан тавзеҳ хоҳам дод, ки ин масъала қабл аз ҳар чизи дигар як мушкили илмӣ ва як маҷҳули фалсафӣ ва уқдаи фикрӣ аст, ки барои ҳар фард ва ҳар миллате, ки дар ӯ истеъдоди андешидан дар масоили куллӣ вуҷуд дошта бошад, хоҳ нохоҳ пеш меояд ва шояд дар ҳамаи ҷаҳон миллате ёфт нашавад, ки дар бораи ин мавзӯъ ба наҳве фикр накарда бошад.

## Фалсафаи моддӣ ва сарнавишт

Тасаввури баъзе чунин аст, ки ин муъзал танҳо барои илоҳийюн матраҳ аст ва моддийюн аз тарҳи чунин масъалае ва заҳмати дарку ҳалли он фориғанд.

Ин тасаввур ботил аст. Барои касоне, ки тарзи тафаккури моддӣ доранд, айнан ҳамин мушкил бо андак тафовут вуҷуд дорад. Зеро тибқи қонуни собит ва мусалламаи “иллату маълул”, ҳар падида ва ҳодисае зоидаи иллат ё иллатҳое аст ва он иллат ё иллатҳо низ ба навбаи худ зоидаи иллат ё иллатҳои дигар мебошад, ва аз тарафе ба вуҷуд омадани маълул бо фарзи вуҷуди иллати марбута, зарурӣ ва қатъӣ ва иҷтинобнопазир аст ва бо фарзи адами вуҷуди он иллат, мумтанеъ ва ношуданӣ аст.

Моддийюн асли “иллати умумӣ” ва “зарурати иллӣ ва маълулӣ”-ро ба ҳамин тартиб пазируфтаанд ва инро бузургтарин такягоҳи фалсафаи моддӣ мешуморанд. Инҷост, ки ин пурсиш барои онҳо ва мактаби онҳо пеш меояд, ки аъмол ва афъоли башар, монанди ҳамаи падидаҳои дигар, тобеъи ин қонунанд ва наметавонанд аз он мустасно бошанд? Яъне

аъмоли башар таҳти қонунҳои мусаллам ва қатъӣ ва ҷабрӣ анҷом меёбад ва дар ин сурат, озодӣ ва ихтиёрро чӣ гуна ва аз чӣ роҳ бояд тавҷеҳ кард? Аз ин рӯ, мебинем дар тамоми системҳои фалсафии қадиму ҷадид, хоҳ илоҳӣ ва хоҳ моддӣ, масъалаи ҷабру ихтиёр матраҳ аст. Албатта мушкили масъала дар фалсафаи илоҳӣ бо фалсафаи моддӣ мутафовит аст ва — чунонки баъдан тавзеҳ хоҳем дод — ин тафовут дар ҷавҳари масъала таъсире надорад, балки эътиқод ба қазо ва қадари илоҳӣ имтиёзоте дорад, ки эътиқод ба қазо ва қадари моддӣ ва ҷабри табиӣ, он имтиёзотро надорад.

## Танзеҳ ва тавҳид

Ин мушкил дар миёни фалосифаи илоҳӣ ва мутакаллимин аз он ҷо матраҳ шудааст, ки ин муфаккирон аз тарафе таваҷҷӯҳ доштаанд ба қонуни иллату маълул ва мунтаҳӣ шудани ҳамаи ҳаводис ва мумкинот ба зоти воҷибулвуҷуд ва ин ки маҳол аст ҳодисае либоси ҳастӣ бипӯшад ва мустанад ба иродаи Ҳақ набошад. Ва ба иборати дигар, мутаваҷҷеҳи “тавҳиди афъолӣ” ва ин ки дар мулки вуҷуд наметавонад шарике барои Ҳақ бошад будаанд, ва аз тарафи дигар ба ин нукта, ки ҳатто авомуннос низ мутаваҷҷеҳ ҳастанд, таваҷҷӯҳ кардаанд, ки зиштиҳо ва фаҳшо ва гуноҳонро наметавон ба Худованд нисбат дод. Аз ин рӯ, дар миёни танзеҳу тавҳид мураддад мондаанд. Гурӯҳе таҳти унвони “танзеҳ”, ирода ва машиати Ҳақро таъсиргузор дар афъолу аъмоли бандагон, ки аҳёнан муттасиф ба зиштӣ ва фаҳшост надонистаанд, ва гурӯҳе таҳти унвони “тавҳид” ва ин ки:

لا مؤثر في الوجود الاّ الله

— ҳама чизро мустанад ба иродаи Ҳақ кардаанд.

Гӯянд, Ғаялони Димишқӣ, ки тарафдори ақидаи ихтиёр буд, болои сари Рабиъатурраъй, донишманди маъруф, ки қазо ва қадарӣ буд, истод ва гуфт:

أنت الذي يزعم أن الله يجب أن يعصى

Яъне “*Ту он касе ҳастӣ, ки гумон мекунад Худованд дӯст дорад маъсият шавад*.” Яъне ба ақидаи ту, маъсиятҳо низ ба ирода ва машиати Ҳақ воқеъ мешавад. Рабиъатурраъй фавран гуфт:

أنت الذي يزعم أن الله يعصى قهرا

Яъне “*Ту он касе ҳастӣ, ки гумон мекунад Худованд ҷабран алорағми иродааш маъсият мешавад.*” Яъне ба ақидаи ту, мумкин аст Худованд чизеро бихоҳад ва хилофи он чи ӯ мехоҳад, сурат гирад.

Абӯисҳоқи Исфароинӣ, ки тарафдори ақидаи қазо ва қадар буд, рӯзе дар маҳзари Соҳиб ибни Уббод нишаста буд, ки Қозӣ Абдулҷаббори Мӯътазилӣ ворид шуд. Қозӣ Абдулҷаббор бар хилофи Абӯисҳоқ, мункири умумияти қазо ва қадар буд. То чашми Қозӣ ба Абӯисҳоқ афтод гуфт:

سبحان من تنزّه عن الفحشاء

Яъне “*Муназзаҳ (пок) аст зоти Ҳақ аз ин ки корҳои зишт ба ӯ нисбат дода шавад!*” Киноя аз ин ки ту ҳама чизро аз Худо медонӣ ва лозимааш иттисофи Худо ба корҳои зишт аст. Абӯисҳоқ фавран гуфт:

سبحان من لا يجري في ملكه الاّ ما يشاء

Яъне “*Муназзаҳ (пок) аст зоти Ҳақ аз ин ки дар мулки ӯ — мулки вуҷуд — чизе воқеъ шавад магар он ки ӯ бихоҳад!*” Киноя аз ин ки ту барои Худо дар мулки Худо шарик қоил ҳастӣ ва хаёл мекунӣ мумкин аст Худованд чизеро нахоҳад ва он чиз воқеъ гардад.

Чунонки қаблан ишора шуд, ин масъала қабл аз он ки ангезаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар он дахолат дошта бошад, як маҷҳул ва мушкилаи илмӣ будааст. Барои гурӯҳе ин ақида, ки ҳама чиз ҳатто зиштиҳо ва бадиҳо мунтасаб ба Худост, ғайриқобили қабул буда, Худоро аз ин гуна умур танзеҳ мекардаанд. Барои гурӯҳе дигар, ки ба тавҳид ошнотар будаанд, ин ҷиҳат, ки дар ҷаҳони ҳастӣ — ки қоим ба зоти илоҳӣ аст ва ҳар мавҷуде ҳар лаҳза аз ӯ мадад мегирад — мавҷуде дар феъли худ истиқлол дошта бошад ва Худо чизе бихоҳад ва он мавҷуд чизи дигар ва он гоҳ хостаи он махлуқ бар хилофи хостаи Худо ҷомаи амал бипӯшад, ғайриқобили қабул будааст, ва аз ин рӯ ихтилофи назару ақида пайдо шудааст.

Аммо ҳар дастае, аз тариқи баёни эродҳое, ки бар ақидаи дастаи мухолиф ворид будааст, мехостаанд сиҳҳати ақидаи худро собит кунанд бидуни он ки аз ӯҳдаи ҷавоби ишколоте, ки бар ақидаи худи онҳо ворид аст, бароянд. Мурочеа ба китобҳои каломӣ муддаои моро

равшан мекунад. Мубоҳисаи Ғаялон ва Рабиъатурраъй ва мубоҳисаи Қозӣ Абдулҷаббор ва Абӯисҳоқ намунае аз ин тарзи истидлол аст.

Ҳақиқат ин аст, ки ақидаи қазо ва қадар ва ақидаи ихтиёр ва озодӣ, он тавр, ки тарафдорони онҳо тарҳ мекарданд, ҳеч кадом қобили дифоъ набудааст ва агар инҳо ба ҳақиқати матлаб расида буданд ва мефаҳмиданд, ки назари ҳар дастае фақат бар ҷузъе аз ҳақиқат муштамил аст, низоъ аз миён бармехост ва мефаҳмиданд, ки лозимаи эътиқод ба қазо ва қадар ва тавҳиди афъолӣ, ҷабр ва салби озодӣ аз башар нест. Ҳамон тавр, ки лозимаи ихтиёр ва ҳуррияти башар, нафйи қазо ва қадар нест.

## Қазо ва қадар

“Қазо” ба маънии ҳукм ва қатъ ва файсала додан аст. Қозиро аз ин ҷиҳат қозӣ мегӯянд, ки миёни мутахосимон ҳукм мекунад ва ба кори онҳо файсала медиҳад. Дар Қуръони Карим ин калима зиёд истеъмол шуда, чӣ дар мавриди башар ва чӣ дар мавриди Худо ва чӣ дар мавриди қатъу фасли қавлӣ, ки сухане мӯҷиби қатъу фасле бишавад, ва чӣ дар мавриди қатъу фасли амалӣ ва таквинӣ, ки ҳақиқате аз ҳақоиқ мӯҷиби қатъу фасл гардад.

“Қадар” ба маънии андоза ва таъйин аст. Ин калима низ ба ҳамин маънӣ дар Қуръони Карим зиёд истеъмол шудааст.

Ҳодисаҳои ҷаҳон аз он ҷиҳат, ки вуқӯи онҳо дар илм ва машиати илоҳӣ қатъият ва ҳатмият ёфтааст, мақзӣ (қазоёфта) ба қазои илоҳӣ мебошанд (тавзеҳи ин матлаб баъдҳо бештар хоҳад омад), ва аз он ҷиҳат, ки ҳудуду андоза ва мавқеияти макони ва замонии онҳо таъйин шудааст, муқаддар (тақдиршуда) ба тақдири илоҳӣ мебошанд. (Тавзеҳи ин матлаб низ хоҳад омад.)

Ҳукамо ва мутакаллимин дар ин замина истилоҳот ва баёноти хоссе доранд, ва чун марбут аст ба масъалаи илми Борӣ Таъоло ва маротиби илми Борӣ ва онҳо низ бастагӣ дорад ба масоили зиёде — аз он ҷумла таҳқиқ дар оламҳои куллии вуҷуд — мо дар ин мақола вориди баҳси онҳо намешавем.

Ҳоҷӣ Сабзаворӣ дар “*Манзума*”-и маъруфи худ мегӯяд:

إذ يكشف الأشياء مرات له

فذا مراتب بيان علمه

عناية وقلم لوح قضا

وقدر سجل كون يرتضى

Он чи дар ин мақола метавон баҳс кард, ин аст, ки ба таври куллӣ, дар бораи ҳаводисе, ки дар ҷаҳон воқеъ мешавад, се гуна метавон назар дод:

**1)** Яке ин ки бигӯем: ҳаводис бо гузаштаи худ ҳеч гуна иртиботе надорад; ҳар ҳодиса дар ҳар замон, ки воқеъ мешавад, марбут ва мадюни умуре, ки бар ӯ тақаддум доранд (чӣ тақаддуми замонӣ ва чӣ ғайризамонӣ) нест; на асли вуҷуди ӯ ба умури қаблӣ марбут ва муттакӣ аст, ва на хусусиёту шаклу мухтассоти замонӣ ва маконӣ ва андозаву ҳудуди ӯ марбут ба гузашта аст ва дар гузашта таъйин шудааст.

Албатта бо ин фарз, сарнавишт маънӣ надорад. Сарнавишти ҳеч мавҷуде қаблан, яъне дар мартибаи вуҷуди як мавҷуди дигар, таъйин намешавад, зеро робитаи вуҷудӣ миёни онҳо нест.

Мутобиқи ин назар, бояд асли иллиятро яксара инкор кунем ва ҳаводисро бо газофу иттифоқ ва сурати ғайриилмӣ тавҷеҳ кунем.

(Ва ин дар ҳоле аст, ки) асли иллияти умумӣ ва пайванди зарурӣ ва қатъии ҳаводис бо якдигар ва ин ки ҳар ҳодисае ҳатмият ва қатъияти худро ва ҳамчунин тақаддуру хусусиёти вуҷудии худро аз амре ё умуре муқаддам бар худ гирифтааст, амрест мусаллам ва ғайриқобили инкор. “Асли иллият” ва “асли зарурати иллӣ ва маълулӣ” ва “асли синхияти иллӣ ва маълулӣ”-ро аз усули ҳамаи улуми башарӣ бояд шумурд.

**2)** Назари дигар ин ки: барои ҳар ҳодиса иллат қоил бишавем, вале низоми асбобу мусаббаботро ва ин ки ҳар иллате маълули хоссе эҷоб мекунад ва ҳар маълуле аз иллати муайяне имкони судур дорад, мункир шавем ва чунин пиндорем, ки дар ҳамаи олам ва ҷаҳони ҳастӣ як иллат ва як фоил бештар вуҷуд надорад ва он зоти Ҳақ аст. Ҳамаи ҳаводис ва мавҷудот мустақиман ва биловосита аз ӯ содир мешаванд; иродаи Худо ба ҳар ҳодисае мустақиман ва ҷудогона таъаллуқ мегирад. Чунин фарз кунем, ки қазои илоҳӣ — яъне илму иродаи Ҳақ — ба вуҷуди ҳар мавҷуде, мустақил аст аз ҳар илми дигар ва қазои дигар.

Дар ин сурат, бояд қабул кунем, ки омиле ғайр аз Худо вуҷуд надорад. Илми Ҳақ дар азал таъаллуқ гирифта, ки фалон ҳодиса дар фалон вақт вуҷуд пайдо кунад, ва қаҳран он ҳодиса дар он вақт вуҷуд пайдо мекунад ва ҳеч чизе ҳам дар вуҷуди он ҳодиса дахолат надорад. Афъолу аъмоли башар яке аз он ҳаводис аст. Ин афъолу аъмолро мустақиман ва биловосита, қазо ва қадар — яъне илму иродаи илоҳӣ — ба вуҷуд меоварад ва аммо худи башар ва қувва ва нерӯи ӯ дахолате дар кор надорад; инҳо сирфан як пардаи зоҳирӣ ва як намоиши пиндорӣ ҳастанд.

Ин ҳамон мафҳуми ҷабр ва сарнавишти ҷабрӣ аст, ва ин ҳамон эътиқоде аст, ки агар дар фард ё қавме пайдо шавад, зиндагии онҳоро табоҳ мекунад.

Ин назар, гузашта аз мафосиди амалӣ ва иҷтимоӣ, ки дорад, мантиқан маҳкуму мардуд аст ва аз назари бурҳонҳои ақлӣ ва фалсафӣ — чунонки дар маҳалли худ гуфта шудааст — тардиде дар бутлони ин назар нест. Низоми асбобу мусаббабот ва робитаи иллӣ ва маълулӣ байни ҳаводис, ғайриқобили инкор аст. На танҳо улуми табиӣ ва мушоҳидоти ҳиссӣ ва таҷрибӣ, бар низоми асбобу мусаббабот далолат мекунад, дар фалсафаи илоҳӣ мутқантарин бурҳонҳое бар ин матлаб иқома шудааст. Ба илова, Қуръони Карим низ асли иллияти умумӣ ва низоми асбобу мусаббаботро таъйид кардааст.

**3)** Назари саввум ин ки: асли иллияти умумӣ ва низоми асбобу мусаббабот бар ҷаҳон ва ҷамиъи вақойеъ ва ҳаводиси ҷаҳон ҳукмфармост ва ҳар ҳодисе зарурат ва қатъияти вуҷуди худро ва ҳамчунин шаклу хусусияти замонӣ ва макониӣ ва соири хусусиёти вуҷудии худро аз иллатҳои мутақаддимаи худ касб кардааст ва як пайванди ногусастанӣ миёни гузашта ва ҳол ва оянда, миёни ҳар мавҷуде ва иллатҳои мутақаддимаи ӯ ҳаст.

Бино бар ин назар, сарнавишти ҳар мавҷуде ба дасти мавҷуде дигар аст, ки иллати ӯст, ва он иллат аст, ки вуҷуди ин мавҷудро эҷоб карда ва ба ӯ зарурат ва ҳатмият додааст. Ва ҳам он иллат аст, ки хусусиёти вуҷудии ӯро эҷоб кардааст, ва он иллат низ ба навбаи худ маълули иллати дигаре аст ва ҳамин тавр…

Пас, лозимаи қабули “асли иллияти умумӣ”, қабули ин нукта аст, ки ҳар ҳодисае зарурат ва қатъият ва ҳамчунин хусусият ва шакл ва андоза ва кайфияти худро аз иллати худ мегирад. Дар ин ҷиҳат, фарқ намекунад, ки мо илоҳимаслак бошем ва ба иллатулилале, ки

асли ҳамаи эҷобҳо (қазоҳо) ва асли ҳамаи таъаюнҳо (қадарҳо) ҳаст мӯътақид бошем, ё набошем ва чунин иллатулилалеро нашносем.

Аз ин рӯ, аз ҷанбаи амалӣ ва иҷтимоӣ, дар ин масъала фарқе байни илоҳӣ ва моддӣ нест. Зеро эътиқод ба сарнавишт, аз эътиқод ба "асли иллияти умумӣ" ва низоми сабабӣ ва мусаббабӣ сарчашма мегирад, хоҳ он ки тарафдори ин эътиқод илоҳӣ бошад ё моддӣ.

Чизе, ки ҳаст, ба ақидаи як нафар моддӣ, қазо ва қадар сирфан айнӣ аст, ва ба ақидаи илоҳӣ, қазо ва қадар дар айни ин ки айнӣ аст, илмӣ ҳам ҳаст. Яъне, аз назари як нафар моддӣ, сарнавишти ҳар мавҷуде дар иллатҳои гузашта таъйин мешавад бидуни он ки худи он иллатҳо ба кори худ ва хоссияти худ огоҳ бошанд, вале аз назари як нафар илоҳӣ, силсилаи тӯлии иллатҳо (иллатҳои мофавқи замон) ба худ ва ба кору хоссияти худ огоҳ мебошанд. Аз ин рӯ, дар мактаби илоҳийюн, он иллатҳо, номи "китоб" ва "лавҳ" ва "қалам" ва амсоли инҳо ба худ мегиранд, аммо дар мактаби моддийюн чизе, ки шоистаи ин номҳо бошад вуҷуд надорад.

## Ҷабр

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки эътиқод ба қазо ва қадари умумӣ ва ин ки ҳар ҳодисае ва аз он ҷумла аъмолу афъоли башар, ба қазо ва қадари илоҳӣ аст, мусталзими ҷабр нест. Эътиқод ба қазо ва қадар он гоҳ мусталзими ҷабр аст, ки худи башар ва иродаи ӯро дахил дар кор надонем, ва қазо ва қадарро ҷонишини қувва ва нерӯ ва иродаи башар бидонем, ва ҳол он ки — чунонки ишора шуд — аз номумкинтарини номумкинҳо ин аст, ки зоти Ҳақ биловосита дар ҳаводиси ҷаҳон таъсиргузор бошад. Зеро зоти Ҳақ, вуҷуди ҳар мавҷудеро фақат ва фақат аз роҳи иллатҳо ва асбоби хосси ӯ эҷоб мекунад.

**Қазо ва қадари илоҳӣ чизе ҷуз сарчашма гирифтани низоми сабабӣ ва мусаббабии ҷаҳон, аз илму иродаи илоҳӣ нест.** Ва чунонки қаблан ишора шуд, лозимаи қабули "асли иллияти умумӣ" ва "асли зарурати иллӣ ва маълулӣ" ва "асли синхияти иллӣ ва маълулӣ" ин аст, ки сарнавишти ҳар мавҷуде бо иллатҳои мутақаддимаи худ бастагӣ дошта бошад, хоҳ он ки тибқи назари илоҳийюн мабдаи илоҳӣ дар кор бошад ва ё он ки тибқи назари моддийюн мабдаи илоҳӣ дар кор набошад ва фақат мабдаи моддӣ дар кор бошад, яъне, хоҳ он ки низоми асбобу мусаббаботро қоим ба ғайр ва мунбаъис (бархоста) ва муттакӣ ба

машиати илоҳӣ бидонем, ва ё он ки ин низомро мустақил ва қоим ба зот фарз кунем. Зеро мустақил ва қоим ба зот будани низоми сababӣ ва мусаббабӣ, ва мустақил ва қоим ба зот набудани он, дар масъалаи сарнавишт ва озодии башар таъсир надорад. **Аз ин рӯ, бисёр ҷоҳилона аст, ки касе ақидаи ҷабрро ношӣ аз эътиқод ба қазо ва қадари илоҳӣ бидонад ва аз ин назар, эътиқод ба сарнавишт ва қазо ва қадарро мавриди интиқод қарор диҳад**.

Агар мақсуд аз сарнавишт ва қазо ва қадари илоҳӣ, инкори асбобу мусаббабот ва аз он ҷумла қувва ва нерӯ ва ирода ва ихтиёри башар аст, чунин қазо ва қадар ва сарнавиште вуҷуд надорад ва наметавонад вуҷуд дошта бошад. Дар ҳикмати илоҳӣ, бурҳонҳои пӯлодин, ки ҷойи ҳеч гуна шакку ибҳом боқӣ намегузорад, бар беасос будани чунин сарнавишт ва қазо ва қадаре иқома шудааст.

Ва агар мақсуд аз сарнавишт ва қазо ва қадар, пайванди ҳатмияти ҳар ҳодиса бо иллатҳои худ ва пайванди шакл гирифтани ҳар ҳодиса аз ноҳияи иллатҳои худ аст, албатта ин ҳақиқатест мусаллам, вале эътиқод ба ин гуна сарнавишт, аз мухтассоти илоҳийюн нест. Ҳар мактаб ва равиши илмӣ ва фалсафӣ, ки ба "асли иллияти умумӣ" изъон дорад, ночор аст ин гуна пайвандҳоро бипазирад; бо ин тафовут, ки илоҳийюн мӯътақиданд силсилаи иллатҳо дар буъде ғайр аз буъдҳои замону макон, мунтаҳӣ мешавад ба иллатулилал ва воҷибулвуҷуд, яъне ба ҳақиқате, ки ӯ қоим ба зот аст ва иттикое ба ғайри худ надорад; аз ин рӯ ҳамаи қазоҳо (ҳатмиятҳо) ва ҳамаи қадарҳо (таъаюнҳо) дар нуқтаи муайяне мутаваққиф мешавад. Ин тафовут таъсире дар исбот ё нафйи назари ҷабр надорад.

## Озодӣ ва ихтиёр

Дар ин ҷо як суол пеш меояд, ва он ин ки: агар мо қазо ва қадари илоҳиро мустақиман ва бе воситаи иллатҳо ва асбоб бо ҳаводис муртабит бидонем, дигар озодӣ ва ихтиёри башар мафҳуме нахоҳад дошт. Ва аммо бо қабули "асли иллияти умумӣ" оё метавон озодӣ ва ихтиёри башарро қабул кард, ё ин ки "асли иллияти умумӣ" низ бо озодӣ ва ихтиёри башар мунофот дорад? Оё танҳо роҳи ақида ба озодӣ ва ихтиёри башар ин аст, ки аъмолу афъоли башар ва иродаи ӯро бо ҳеч иллати хориҷӣ марбут надонем ва назари аввал аз се назари гузаштаро бипазирем?

Бисёре аз мутафаккирони қадиму ҷадид чунин гумон кардаанд, ки "асли иллияти умумӣ" бо озодӣ ва ихтиёри башар мунофот дорад, ва ночор ба иродаи ба истилоҳ "озод", яъне ба иродае, ки бо ҳеч иллат иртибот надорад қоил шудаанд ва дар ҳақиқат судфа ва иттифоқ ва газофро, ҳарчанд дар мавриди иродаи башар, пазируфтаанд.

Мо дар повароқиҳои ҷилди севвуми "*Усули фалсафа*" собит ва мубарҳан кардем, ки гузашта аз ин ки "асли иллияти умумӣ" на қобили инкор аст ва на истиснопазир, агар робитаи иродаро бо иллате моварои худ инкор кунем, бояд бипазирем, ки аъмолу афъоли башар ба куллӣ аз ихтиёри ӯ хориҷ аст. Яъне, ба ҷойи ин ки битавонем бо қабули назари "адами иртиботи зарурии ирода бо иллате аз иллатҳо", навъе ихтиёр барои башар собит кунем, ӯро беихтиёртар кардаем.

Башар мухтору озод офарида шудааст, яъне ба ӯ ақлу фикру ирода дода шудааст. Башар дар корҳои иродии худ монанди як санг нест, ки ӯро аз боло ба поин раҳо карда бошанд ва таҳти таъсири омили ҷозибаи замин хоҳ нохоҳ ба тарафи замин суқут кунад. Ва монанди гиёҳ нест, ки танҳо як роҳи маҳдуд дар ҷилави ӯ ҳаст ва ҳамин, ки дар шароити муайяни рушду нумӯ қарор гирифт, хоҳ нохоҳ маводди ғизоиро ҷазб ва роҳи рушду нумӯро тай мекунад. Ва ҳамчунин монанди ҳайвон нест, ки ба ҳукми ғариза корҳое анҷом диҳад. Башар ҳамеша худро дар сари чаҳорроҳиҳое мебинад ва ҳеч гуна иҷборе надорад, ки фақат яке аз онҳоро интихоб кунад; соири роҳҳо бар ӯ баста нест; интихоби яке аз онҳо ба назару фикру иродаву машиати шахсии ӯ марбут аст. Яъне тарзи фикру интихоби ӯст, ки як роҳи хоссро муайян мекунад.

Ин ҷост, ки пойи шахсият ва сифоти ахлоқӣ ва руҳӣ ва савобиқи тарбиятӣ ва маврусӣ ва мизони ақлу дурандешии башар ба миён меояд ва маълум мешавад, ки ояндаи саодатбахш ё шақоватбори ҳар касе то чӣ андоза марбут аст ба шахсият ва сифоти руҳӣ ва малакоти ахлоқӣ ва қудрати ақлӣ ва илмии ӯ ва билохира ба роҳе, ки барои худ интихоб мекунад.

Тафовуте, ки миёни башар ва оташ, ки месӯзонад ва об, ки ғарқ мекунад ва гиёҳ, ки мерӯяд ва ҳатто ҳайвон, ки роҳ меравад вуҷуд дорад, ин аст, ки ҳеч як аз онҳо кору хоссияти худро аз чанд кор ва чанд хоссият барои худ интихоб намекунанд, вале инсон интихоб мекунад, ӯ ҳамеша дар баробари чанд кор ва чанд роҳ қарор гирифтааст ва қатъият ёфтани як роҳ ва як кор фақат ба хости шахсии ӯ муртабит аст.

## Ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ

Дар осору ривоёти динӣ ва дар ишороти қуръонӣ, аз “қазо ва қадари ҳатмӣ” ва “қазо ва қадари ғайриҳатмӣ” ёд шудааст ва чунин менумояд ду гуна қазо ва қадар аст: ҳатмӣ ва ғайриқобили тағйир, ғайриҳатмӣ ва қобили тағйир.

Ин пурсиш пайдо мешавад, ки маънии “қазо ва қадари ғайриҳатмӣ” чист? Агар ҳодисаи хоссеро дар назар бигирем ё илми азалии Ҳақ ва иродаи ӯ ба он ҳодиса таъаллуқ гирифтааст ё нагирифтааст. Агар таъаллуқ нагирифтааст, пас қазо ва қадар дар кор нест. Агар таъаллуқ гирифтааст, ҳатман бояд воқеъ шавад, вагарна лозим меояд илми Ҳақ бо воқеъ мутобиқат накунад ва лозим меояд тахаллуфи мурод аз иродаи Ҳақ, ки мусталзими нуқсон ва нотамомии зоти Ҳақ аст.

Ба баёни ҷомеътар, қазо ва қадар дар воқеъ иборат аст аз инбиъос (бархостан) ва сарчашма гирифтани ҳамаи иллатҳо ва асбоб, аз ирода ва машиат ва илми Ҳақ, ки иллатулилал аст, ва ба истилоҳ, қазо иборат аст аз илм ба “низоми аҳсан”, ки маншаъ ва падидоварандаи он низом аст.

والكل من نظامه الكياني

يتشأ من نظامه الرباني

Ва аз тарафе, чунонки медонем, “қонуни иллияти умумӣ” зарурат ва ҳатмиятро эҷоб мекунад. Лозимаи қонуни иллият ин аст, ки вуқӯи ҳодисае дар шароити махсуси маконӣ ва замонии худаш, қатъӣ ва ҳатмӣ ва ғайриқобили тахаллуф буда бошад, ҳамон тавр, ки воқеъ нашудани ӯ дар ғайри он шароит низ, ҳатмӣ ва тахаллуфнопазир аст. Улум, қатъияти худро мадюни ҳамин қонунанд.

Қудрати пешбиниҳои илмии башар то ҳудуде аст, ки ба иллатҳо ва асбоб ошно бошад, ва чун қазо ва қадар эҷобу тақдири ҳаводис аст аз тариқи иллатҳо ва маълулот ва дар низоми сабабӣ ва мусаббабӣ, пас қазо ва қадар айни ҳатмият ва қатъият аст. Бинобар ин, тақсими қазо ва қадар ба “ҳатмӣ” ва “ғайриҳатмӣ” ва ё ба қобили табдил ва ғайриқобили табдил, чӣ маъно ва мафҳуме метавонад дошта бошад?

Ин ҷост, ки ин бунбаст пеш меояд, ки ё бояд монанди ҷабриҳо ба як гуна қазо ва қадар бештар қоил набошем ва қобили табдил будани сарнавиштро ба ҳар сурату ҳар шакл мункир шавем ва дар натиҷа барои башар ҳеч гуна қудрате дар табдили сарнавишт ва ҳеч гуна озодӣ ва ихтиёре қоил нашавем, ва ё монанди Мӯътазила мункири қазо ва қадар дар ҷараёни олам, лоақал дар афъолу аъмоли башар, бишавем. Акнун бояд бибинем, роҳе барои хуруҷ аз ин бунбаст ҳаст ё нест?

Муқаддиматан бояд гуфта шавад, ҳамон тавре, ки назари ҷабирҳо мабнӣ бар ғайриқобили табдил будани сарнавишт, мусталзими нафйи қудрат ва ихтиёри башар ва адами тасаллути ӯ бар сарнавишт аст, назари Мӯътазила низ, гузашта аз ин ки аз ҷанбаи тавҳидӣ ва усули қатъии илми илоҳӣ мардуд аст, аз назари қудрату ихтиёри башар ва тасаллути ӯ бар сарнавишт низ дарде даво намекунад. Зеро фаразан қазо ва қадарро ба мафҳуми илоҳии он напазирем, бо мафҳуми моддии он, яъне ҳукумати қатъӣ ва тахаллуфнопазири иллияти умумӣ ва фармонравоии навомиси ба истилоҳ ҷабрии ношӣ аз он, чӣ метавонем бикунем? Оё метавонем қонуни иллиятро дар ҷараёни олам ва лоақал дар аъмолу афъоли башар, инкор кунем? Мӯътазила ва пайравони онҳо ин корро ҳам кардаанд ва мункири асли зарурати иллӣ ва маълулӣ — лоақал дар мавриди фоили мухтор — шудаанд. Иддае аз донишмандони ҷадиди урупоӣ низ ҳамон афкори Мӯътазиларо дар ин масъала иброз доштаанд ва аз “иродаи озод”, яъне иродае, ки тобеъи қонуни иллият набошад, сухан гуфтаанд ва ҳатто иддао кардаанд, ки қонуни иллият фақат дар дунёи моддӣ, ки аз атомҳо ташкил ёфта содиқ аст, аммо ин қонун дар дунёи руҳӣ ва дар дунёи дохилии атомҳо содиқ нест. Мо дар ин ҷо наметавонем доманаи баҳсро ба қонуни иллият бикашонем; ҷӯяндаро ба поварақиҳои ҷилди севвуми “*Усули фалсафа ва равиши реализм*” ирҷоъ мекунем.

Ин ҷо ҳамин қадр мегӯем, ки иллати ин ки донишмандони ҷадид умумияти қонуни иллиятро мавриди тардид қарор додаанд ин аст, ки пиндоштаанд, қонуни иллият як қонуни таҷрибӣ аст ва он гоҳ дар мавориде, ки таҷрибиёти илмии башар натавониста равобити иллӣ ва маълулиро кашф кунад ва падид омадани маълули муайянеро ба дунболи иллати муайяне ба даст оварад, хаёл кардаанд, ин маворид аз ҳавзаи қонуни иллият хориҷ аст.

Усулан, ин фарз, ки тамоми қоидаҳо ва қонунҳои илмии башар ва тамоми тасаввуроти зеҳнии вай, аз эҳсосу таҷриба сарчашма мегирад, аз бузургтарин иштибоҳоте аст, ки домангири бисёре аз системҳои фалсафии ғарб шудааст ва ба муқаллидони шарқии онҳо низ сироят кардааст.

Хулоса, роҳи инкори иллияти умумӣ баста аст ва бо қабули он, ишколи "сарнавишти ғайриҳатмӣ" ба ҷойи худ боқӣ аст, хоҳ он ки ба ҷанбаи илоҳии қазо ва қадар қоил бошем ё қоил набошем.

Хулосаи ишкол ин ки: ҳар ҳодисае — ва аз он ҷумла аъмолу афъоли башар — аз ноҳияи иллатҳо ва асбоби худ ҳатмият пайдо мекунад (қазо), ва ҳудуду мушаххасоту хусусиёти худро низ аз ноҳияи иллатҳо ва асбоб ва мӯҷиботи худ касб мекунад (қадар). Пас, иллият мусовӣ аст бо ҳатмият ва тахаллуфнопазирӣ. Пас, имкони тағйиру табдил дар кор нест. Ва аз ин рӯ, тамоми эътирофкунандагон ба "асли иллияти умумӣ" — ва аз он ҷумла моддигароён — ки ҳам зарурати иллӣ ва маълулӣ (детерминизм)-ро пазируфтаанд ва ҳам мехоҳанд сарнавиштро қобили тағйиру табдил бидонанд ва барои инсон нақши тасаллут бар сарнавишт қоил шаванд, дучори ин ишкол ва бунбаст ҳастанд. Бинобар ин, назари Мӯътазила мабнӣ бар нафйи қазо ва қадар ба мафҳуми илоҳӣ, яъне нафйи иҳота ва шумули иродаи илоҳӣ нисбат ба ҳамаи ҳаводиси ҷаҳон ва нафйи ин ки илми илоҳӣ мабдаи низоми куллӣ бошад, дардеро даво намекунад.

## Таваҳҳуми маҳол

Агар мақсуд аз тағйиру табдили сарнавишт ва ғайриҳатмӣ будани он аз ҷанбаи илоҳӣ ин бошад, ки илму иродаи илоҳӣ чизеро эҷоб кунад ва он гоҳ омили мустақилле — ки он омил аз қазо ва қадар сарчашма нагирифтааст — дар муқобили он пайдо шавад ва онро бар хилофи он чи машиату иродаву илми Ҳақ иқтизо карда эҷод кунад ва ё он ки он омили мустақилли хориҷӣ, илму машиати Ҳаққро иваз кунад, албатта чунин чизе маҳол аст.

Ва ҳамчунин аз ҷанбаи иллияти умумӣ, агар мақсуд ин бошад, ки иллияти умумӣ чизеро эҷоб кунад ва омиле дар муқобили иллияти умумӣ пайдо шавад ва онро беасар кунад, албатта маҳол аст, зеро тамоми омилҳои ҳастӣ аз илму иродаи Ҳақ сарчашма мегирад ва ҳар омиле, ки дар ҷаҳон худнамоӣ мекунад, таҷаллии илму иродаи Ҳақ ва мазҳари хости

Худованд ва олати иҷроии қазо ва қадари ӯст. Ва низ ҳар омилеро, ки дар назар бигирем, маҳкуми қонуни иллият ва мазҳаре аз мазоҳири он аст. Омиле, ки худ таҷаллии иродаи Ҳақ ва мазҳари хости ӯ ва олати иҷроии қазо ва қадари ӯ набошад ё аз ҳавзаи қонуни иллият хориҷ буда бошад ва дар муқобили он арзи андом кунад, тасаввур надорад.
Пас, тағйиру табдили сарнавишт ба маънии қиёми омиле дар нуқтаи муқобили қазо ва қадар ё дар ҷиҳате мухолифи қонуни иллият, маҳол ва мумтанеъ аст.

## Ҳақиқати мумкин

Ва аммо тағйири сарнавишт ба маънии ин, ки омиле, ки худ низ аз мазоҳири қазо ва қадари илоҳӣ ва ҳалқае аз ҳалқаҳои иллият аст, сабаби тағйиру табдили сарнавиште бишавад, ва ба иборати дигар, тағйири сарнавишт ба мӯҷиби сарнавишт, ва табдили қазо ва қадар ба ҳукми қазо ва қадар — ҳарчанд шигифт ва мушкил ба назар мерасад — аммо ҳақиқат аст.
Шигифттар он ҷост, ки қазо ва қадарро аз ҷанбаи илоҳӣ дар назар бигирем, зеро тағйири қазо ва қадар аз ин ҷанба, мафҳуми тағйир дар олами боло ва лавҳу китобҳои малакутӣ ва илми илоҳӣ ба худ мегирад. Магар мумкин аст дар илми Худованд тағйиру табдил пайдо шавад? Ин шигифтӣ он гоҳ ба сарҳадди ниҳоии худ мерасад, ки ҳодисаҳои поин — ва махсусан ирода ва афъолу аъмоли инсониро — сабаби тағйироте ва маҳву исботҳое дар олами боло ва бархе лавҳҳои тақдирӣ ва китобҳои малакутӣ бидонем.
Магар на ин аст, ки низоми поин ва айнӣ, ношӣ аз низоми боло ва илмӣ ва мунбаъис (бархоста) аз ӯст? Магар на ин аст, ки олами поин донӣ аст ва олами боло олӣ? Магар на ин аст, ки ҷаҳони носут маҳкуми ҷаҳони малакут аст? Ҳоло, оё мумкин аст мутақобилан аҳёнан низоми поин ва лоақал қисмате аз он — яъне олами инсонӣ — дар низоми боло ва илмӣ асар бигузорад ва сабаби тағйироте бишавад, ҳарчанд ки худи ҳамин таъсир низ ба мӯҷиби сарнавишт ва ба ҳукми қазо ва қадар буда бошад?
Ин ҷост, ки суолоти аҷиб пушти сар ҳам худнамоӣ мекунад. Оё илми Худо тағйирпазир аст? Оё ҳукми Худо қобили нақз аст? Оё донӣ метавонад дар олӣ асар бигузорад?..
Ҷавоби ҳамаи инҳо мусбат аст. Бале, илми Худо тағйирпазир аст. Яъне, Худо илми қобили тағйир ҳам дорад. Ҳукми Худо қобили нақз аст. Яъне, Худо ҳукми қобили нақз ҳам дорад. Бале, донӣ метавонад дар олӣ асар бигузорад. Низоми поин — ва махсусан ирода ва хост

ва амали инсон, балки ихтисосан ирода ва хост ва амали инсон — метавонад олами болоро такон бидиҳад ва сабаби тағйироте дар он бишавад. Ва ин, олитарин шакли тасаллути инсон бар сарнавишт аст.

Эътироф мекунам шигифтовар аст, аммо ҳақиқат аст. Ин ҳамон масъалаи олӣ ва шомихи “бадоъ” аст, ки Қуръони Карим барои аввалин бор дар таърихи маорифи башарӣ аз он ёд кардааст:

يَمْحُو اللَّهُ مَا يَشَاءُ وَيُثْبِتُ وَعِندَهُ أُمُّ الْكِتَابِ

“***Худованд ҳар чиро бихоҳад (ки қаблан сабт шудааст) маҳв мекунад, ва ҳар чиро бихоҳад (ки қаблан сабт нашудааст) сабт мекунад, ва китоби модар (аслу модари ҳамаи китобҳо ва навиштаҳо) мунҳасиран назди ӯст***.” (*Сураи Раъд, ояти 39*)

Дар тамоми системҳои маорифи башарӣ собиқа надорад. Дар миёни фирқаҳои исломӣ, танҳо донишмандоне аз шиъа ҳастанд, ки дар асари пайравӣ ва иқтибос аз калимоти имомони аҳли байт (алайҳимус салом) тавонистаанд ба ин ҳақиқат пай бибаранд ва ин ифтихорро ба худ ихтисос диҳанд.

Мо дар ин ҷо наметавонем тафсилан вориди ин мабҳаси олии фалсафӣ бишавем ва дуруст матлабро он чунон, ки ҳаст равшан кунем. Дар ин ҷо ҳамин қадр ишора карда, мегӯем: масъалаи “бадоъ” решаи қуръонӣ дорад ва аз латифтарин ҳақоиқи фалсафӣ аст. Дар миёни фалосифаи шиъа низ ҷуз баъзе, ки дар Қуръон зиёд тадаббур мекардаанд ва аз осору калимоти пешвоёнонашон — махсусан калимоти Амирулмӯъминин Алӣ (алайҳис салом) — истифода мекардаанд, касе дигар ба ғаври ин матлаб нарасидааст.

Албатта, дар чунин масъалае танҳо ба тасаввури оммиёнаи авомуннос, ки аз пеши худ фарзи аҳмақонае ба номи “бадоъ” месозанд ва сипас ба мисдоқи “худ мекушӣ ва худ таъзия мехонӣ”, он сохта ва пардохтаи хаёли худро мавриди эроду интиқод қарор медиҳанд, набояд қаноат кард.

Ба ҳар ҳол, дар ин рисолаи мухтасар наметавонем вориди он мабҳаси олӣ бишавем. Дар ин ҷо кофист масъалаи дугонагии қазо ва қадар ва қобилияти тағйири сарнавиштро сирфан аз ҷанбаи айнӣ ва иллияти умумӣ мавриди баҳс қарор диҳем ва бибинем оё аз ин назар

бархе қазо ва қадарҳо ҳатмӣ ва тахаллуфнопазир ва баъзе дигар ғайриҳатмӣ ва тағйирпазир аст? Ва агар инчунин аст, чӣ гуна метавон тавзеҳ дод?

Мавҷудоти ҷаҳон бар ду қисманд: бархе аз онҳо имкони бештар аз як навъи хосс аз вуҷуд дар онҳо нест, монанди муҷаррадоти болоӣ. Бархе дигар ин тавр нестанд; имкони беш аз як навъи хосс аз вуҷуд дар онҳо ҳаст ва онҳо моддиёт мебошанд. Мавҷудоти моддӣ онҳое ҳастанд, ки аз як моддаи хосс ба вуҷуд меоянд ва заминаи ба вуҷуд омадани мавҷудоти дигар мебошанд, монанди ҳамаи мавҷудоте, ки маҳсусу малмуси мо мебошанд. Моддаи табиӣ, нақшпазири суратҳои мухталиф аст; моддаи табиӣ истеъдоди такомул дорад; моддаи табиӣ аз баъзе омилҳои табиат қуввату нерӯ мегирад ва аз баъзе дигар нуқсон пайдо мекунад ва ё роҳи фано ва завол мегирад; моддаи табиӣ истеъдод дорад, ки бо иллатҳо ва омилҳои мухталиф мувоҷеҳ шавад ва қаҳран таҳти таъсири ҳар кадом аз онҳо як ҳолату кайфият ва асаре пайдо кунад мухолиф бо ҳолату кайфият ва асаре, ки аз он дигаре метавонист пайдо кунад. Як тухм, ки дар замин кошта мешавад, агар мусодиф шавад бо обу ҳаво ва ҳарорату нур, офате ҳам ба ӯ бархӯрд накунад, аз замин мерӯяд ва рушд мекунад ва ба сарҳадди камол мерасад. Ва агар яке аз омилҳои рушду камол каср шавад ё офате бирасад, ба он ҳадд нахоҳад расид. Барои як моддаи табиӣ ҳазорҳо “агар” вуҷуд дорад: агар чунин бишавад, чунон мешавад, ва агар чунон бишавад, чунин мешавад. Яъне, агар мувоҷеҳ бо фалон силсила аз иллатҳо шавад, чунин мешавад, ва агар бо фалон силсилаи дигар мувоҷеҳ гардад, чунон мегардад.

Дар муҷаррадот, ки бештар аз як наҳв наметавонанд вуҷуд дошта бошанд ва таҳти таъсири иллатҳои мухталиф қарор намегиранд, қазо ва қадар ҳатмӣ аст; ғайриқобили табдил аст, зеро бо беш аз як силсила аз иллатҳо сару кор надоранд ва сарнавишти маълул бо иллат аст; пас, як сарнавишт бештар надоранд. Ва чун имкони ҷонишин шудани силсилае аз иллатҳо ба ҷойи ин силсила нест, пас сарнавишти онҳо ҳатмӣ аст. Аммо дар ғайримуҷаррадот, ки имкони ҳазорон нақшу рангро доранд ва таҳти қонуни ҳаракат мебошанд ва ҳамвора бар сари дуроҳиҳо ва чаҳорроҳиҳо мебошанд, қазо ва қадарҳои ғайриҳатмӣ вуҷуд дорад. Яъне, як навъ қазо ва қадар сарнавишти онҳоро муайян намекунад, зеро сарнавишти маълул дар дасти иллат аст, ва чун ин умур бо иллатҳои мухталиф сару кор доранд, пас сарнавиштҳои мухталиф дар интизори онҳост. Ва чун ҳар

силсила аз иллатҳоро дар назар бигирем, имкони ҷонишин шудани як силсилаи дигар дар кор ҳаст, пас сарнавишти онҳо ғайриҳатмӣ аст. Ба ҳар андоза, ки “агар” дар бораи онҳо саҳеҳ аст, қазо ва қадарҳо ҳаст ва имкони тағйиру табдил вуҷуд дорад.

Агар касе ба навъе беморӣ мубтало бошад, ночор иллати хоссе сабаби ранҷурии ӯ шудааст ва ин сарнавишти хосс аз он иллат ношӣ шудааст. Ҳоло агар ин бемор даво бихӯрад, даво иллати дигаре аст ва сарнавишти дигаре ҳамроҳ дорад. Бо хӯрдани даво, иллати беморӣ аз миён меравад. Яъне сарнавишти бемор тағйир мекунад.

Агар аз ин бемор ду пизишк аёдат карда бошанд ва ташхис ва нусхаашон мухолифи якдигар бошад: як нусха муфид ва шифодиҳанда, ва нусхаи дигар муҳлик ва кушанда бошад, бояд гуфт: ду сарнавишти мухталиф дар интизори ин бемор аст. Ва аз он назар, ки аз ҷониби бемор, ҳам имкони интихоби ин нусха мавҷуд аст, ҳам имкони интихоби он нусха, пас, аз назари бемор ҳеч кадом аз ин ду сарнавишт ҳатмӣ нест. Гӯ ин ки билохира яке аз онҳоро интихоб хоҳад кард ва интихоби он бастагӣ дорад ба як силсила иллатҳои ошкору пинҳон, вале ин ҷиҳат мӯҷиби салби ин имкон намегардад, яъне дар айни ин ки яке ба хусус интихоб мешавад, имкони ин, ки интихоб нашавад ва ба истилоҳ, имкони истеъдоди интихоби нусхаи мухолиф, мавҷуд ва маҳфуз будааст.

Пас, сарнавиштҳои гуногун дар кор аст ва ин сарнавиштҳо метавонанд ҷонишини якдигар бишаванд; ҷонишин шудани онҳо низ ба ҳукми сарнавишт аст. Бинобар ин, агар касе бемор бишавад ва даво бихӯрад ва наҷот пайдо кунад, ба мӯҷиби сарнавишт ва қазо ва қадар аст. Ва агар даво нахӯрад ва ранҷур бимонад ва ё давои зиёнбахш бихӯрад ва бимирад, боз ба мӯҷиби сарнавишт ва қазо ва қадар аст. Ва агар ҳам аз муҳити беморӣ дурӣ гузинад ва масун бимонад, боз ба ҳукми сарнавишт ва қазо ва қадар аст. Билохира, ҳар чӣ бикунад, навъе сарнавишт ва қазо ва қадар аст ва аз ҳавзаи қазо ва қадар наметавонад берун бошад.

Мавлавӣ мегӯяд:

*Ҳамчунин таъвили “қад ҷаффал-қалам”*

*Баҳри таҳриз аст бар шуғли аҳам.*

*Пас қалам бинвишт, ки ҳар корро*

*Лоиқи он ҳаст таъсиру ҷазо.*

*Каж равӣ, “ҷаффал-қалам” каж оядат,*

*Ростӣ орӣ, саодат зоядат.*

*Зулм орӣ, мудбирӣ “ҷаффал-қалам”,*

*Адл орӣ, барх(в)арӣ “ҷаффа-л-қалам”.*

*Чун бидуздад, даст шуд “ҷаффал-қалам”,*

*Хӯрд бода, маст шуд “ҷаффал-қалам”.*

*Ту раво дорӣ? Раво бошад, ки Ҳақ*

*Ҳамчу маъзул ояд аз ҳукми сабақ?*

*Ки зи дасти ман бурун рафтаст кор,*

*Пеши ман чандин маё, чандин мазор.*

*Балки маънӣ он бувад “ҷаффал-қалам”:*

*Нест яксон пеши ман адлу ситам.*

Сирри матлаб ин аст, ки қазо ва қадар — чӣ аз ҷанбаи илоҳӣ ва чӣ аз ғайри ҷанбаи илоҳӣ — омиле дар арзи соири омилҳои ҷаҳон нест, балки мабдаъ ва маншаъ ва сарчашмаи ҳамаи омилҳои ҷаҳон аст. Ҳар омиле, ки биҷунбад ва асаре аз худ буруз диҳад, мазҳаре аз мазоҳири қазо ва қадар аст ва таҳти қонуни иллияти умумӣ аст. Аз ин рӯ, маҳол аст, ки қазо ва қадар дар шакли як омил дар муқобили соири омилҳо ва муҷаззо аз онҳо зоҳир шавад ва ҷилави таъсири омили хоссеро бигирад ва ё як омили хоссеро ба коре иҷбору икроҳ кунад.

Ба ҳамин далел аст, ки “ҷабр” маҳол аст. Ҷабр яъне икроҳу иҷбори инсон аз тарафи қазо ва қадар. Ин гуна асар бахшидан барои қазо ва қадар — ки сарчашмаи омилҳои ҳастӣ аст, на омиле дар арзи соири омилҳои ҳастӣ – маҳолу мумтанеъ аст. Бале, барои мазоҳири қазо ва қадар мумкин аст; мисли ин ки инсоне инсони дигарро ба коре иҷбор кунад. Аммо ин, ғайр аз ҷабри истилоҳӣ аст. Ҷабри истилоҳӣ яъне таъсири мустақими қазо ва қадар бар рӯи иродаи инсонӣ ба сурати як омили манфӣ барои рафъ ва ҷилавгирӣ, ё ба сурати як омили мусбат барои илзому икроҳ.

Ва ба иборати дигар, сирри матлаб дар имкони табдили сарнавишт ин аст, ки қазо ва қадар, вуҷуди ҳар мавҷудеро фақат ва фақат аз роҳи иллатҳо ва асбоби хосси худи ӯ эҷоб мекунад.

Эҷобу эҷоди мавҷуде аз ғайри маҷрои иллатҳо ва асбоби хосси худи ӯ маҳолу мумтанеъ аст. Ва аз тарафи дигар, иллатҳо ва асбоби табиӣ, мухталиф аст ва маводди ин олам дар они воҳид истеъдоди таъсир пазируфтан аз чандин иллатро доранд.
Агар қазо ва қадарро он тавр фарз кунем, ки Ашоъира фарз кардаанд, яъне “асли иллияти умумӣ” ва “ҷараёни сабабӣ ва мусаббабӣ”-ро зоҳири бе ҳақиқат бидонем, ва ё монанди нимаашъариҳо дар мавориди хоссе истисноъан дахолати мустақим ва биловоситаи қазо ва қадарро дар ҷараёни умур бипазирем, масъала шакли дигар пайдо мекунад. Аммо чунин қазо ва қадаре вуҷуд надорад ва наметавонад вуҷуд дошта бошад.

## Имтиёзи башар

Аъмолу афъоли башар аз он силсила ҳодисаҳое аст, ки сарнавишти ҳатмӣ ва тахаллуфнопазир надорад, зеро бастагӣ дорад ба ҳазорон иллатҳо ва асбоб ва аз он ҷумла анвоъи иродаҳо ва интихобҳо ва ихтиёрҳо, ки аз худи башар зуҳур мекунад. Тамоми имконоте, ки дар мавриди ҷамодот ва наботот ва афъоли ғаризии ҳайвон вуҷуд дорад ва тамоми “агар”-ҳое, ки дар вуқӯи онҳо ҳаст, дар афъолу аъмоли башар ҳаст. Дар рушди як дарахт ва ё анҷоми амали ғаризии як ҳайвон, ҳазорон “агар” — ки ҳамон шароити табиӣ ҳастанд — метавонанд вуҷуд дошта бошанд.
Ҳамаи он “агар”-ҳо дар афъолу аъмоли инсон ҳаст ба иловаи ин, ки дар инсон ақлу шуъуру иродаи ахлоқӣ ва қувваи интихобу тарҷеҳ офарида шудааст.
Инсон қодир аст амалеро, ки сад дар сад бо ғаризаи табиӣ ва ҳайвонии ӯ мувофиқ аст ва ҳеч родеъ (боздоранда) ва монеи хориҷӣ вуҷуд надорад, ба ҳукми ташхис ва маслиҳатандешӣ тарк кунад. Ва қодир аст кореро, ки сад дар сад мухолифи табиати ӯст ва ҳеч гуна омили иҷборкунандаи хориҷӣ ҳам вуҷуд надорад, ба ҳукми маслиҳатандешӣ ва нерӯи хирад, онро анҷом диҳад.
Инсон монанди ҳайвон таҳти таъсир муҳаррикоти нафсонӣ ва рағбатҳои дарунӣ воқеъ мешавад, аммо дар муқобили онҳо дастбаста ва мусаххар нест; аз як навъ ҳуррияте бархӯрдор аст. Яъне агар ҳамаи омилҳое, ки барои як ҳайвон дар анҷоми амали ғаризӣ фароҳам аст ва илзоман ӯро водор ба амалу ҳаракат мекунад, барои инсон фароҳам бошад, тоза роҳи феълу тарк барои ӯ аз ноҳияи ақлу иродаи худаш боз аст. Анҷоми ин амал

машрут аст ба ин, ки қувваи тамйизу ташхиси ӯ ҳамонанди як “шӯрои олӣ” ба тасвиб бирасонад ва қувваи иродаи ӯ монанди як “қувваи муҷрия” ба кор биафтад.

Ин ҷост, ки таъсири инсон дар сарнавишти худ ба унвони як омили мухтор, яъне омиле, ки пас аз он, ки ҳамаи шароити табиӣ фароҳам аст, дар интихоби феълу тарк “озод” аст, маълум мешавад.

Маънии озодии инсон ин нест, ки аз қонуни иллият озод аст, зеро гузашта аз ин ки озодӣ аз қонуни иллият дар ҳадди зоти худ маҳол аст, бо ихтиёр иртибот надорад, балки ин гуна озодӣ бо иҷбор яксон аст. Чӣ фарқ мекунад, ки инсон аз ноҳияи омили хоссе маҷбур бошад, ки бар хилофи майлу хости худ амал бикунад, ё ин ки худи амал аз қонуни иллият озод бошад ва бо ҳеч иллате ва аз он ҷумла худи башар бастагӣ надошта бошад ва худ ба худ воқеъ шавад? Ин ки мегӯем, башар мухтору озод аст, ба ин маънӣ аст, ки амали ӯ аз хосту ризояти комили ӯ ва тасвиби қувваи тамйизи ӯ сарчашма мегирад ва ҳеч омиле ӯро бар хилофи майлу рағбат ва ризову ташхиси ӯ водор намекунад.

Хулоса ин ки: чун тамоми иллатҳо ва асбоб, мазоҳири қазо ва қадари илоҳӣ мебошанд, дар мавриди ҳар ҳодисае, ҳар андоза иллатҳо ва асбоб мухталиф ва ҷараёнҳои мухталиф мутасаввар бошад, қазо ва қадарҳои гуногун мутасаввар аст. Он ҷараёне, ки воқеъ мешавад ва сурат мегирад, ба қазо ва қадари илоҳӣ аст, ва он ҷараёне ҳам, ки мутаваққиф мешавад, ба қазо ва қадари илоҳӣ аст.

## Нигоҳе ба садри ислом

Аз Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) суол шуд: ҳирзҳое ба унвони истишфо мавриди истифода қарор мегирад. (Мутобиқи нақли Ғаззолӣ дар “*Эҳёул-улум*”, аз даво ва ҳирз ҳар ду суол шуд.) Оё метавонад ин умур ҷилави қадари илоҳиро бигирад? Фармуд:

إنّها من قدر الله

“*Худи инҳо низ аз қадари илоҳӣ мебошад.*”

Яъне, таъсири инҳо дар ҷилавгирӣ аз беморӣ низ, ба қазо ва қадари илоҳӣ аст.

Алӣ (алайҳис салом) дар сояи девори каҷе нишаста буд. Аз он ҷо ҳаракат кард ва дар зери сояи девори дигаре нишаст. Ба он ҳазрат гуфта шуд:

يا أمير المؤمنين! أتفرّ من قضاء الله

“*Эй амири мӯъминон! Аз қазои илоҳӣ фирор мекунӣ*?

Фармуд:

أفرّ من قضاء الله الى قدر الله

“*Аз қазои илоҳӣ ба қадари илоҳӣ паноҳ мебарам*.”

Яъне, аз навъе қазо ва қадар ба навъе дигар аз қазо ва қадар паноҳ мебарам. Яъне агар биншинам ва девор бар сарам хароб шавад, қазо ва қадари илоҳӣ аст, зеро дар ҷараёни иллатҳо ва асбоб агар инсоне дар зери девори шикаста биншинад, он девор бар сараш хароб мешавад ва садама мебинад. Ва ин худ қазо ва қадари илоҳӣ аст. Ва агар худро ба каноре бикашад, аз хатари ӯ масун мемонад, ки ин низ қазо ва қадари илоҳӣ аст.

Ҳамин тавр мумкин аст дар ҳамон ҳол дар як ҷараёни дигар аз иллатҳо ва асбоб, хатаре дигар мутаваҷҷеҳи ӯ гардад, ки он низ қазо ва қадари илоҳӣ аст.

Ба ҳар ҳол, худро аз хатар дур нигаҳ доштан, парҳез аз амри Худост ба амри Худо. Фирор аз қазои илоҳӣ аст ба қазои илоҳӣ.

*Ҳосил он, к-аз васваса ҳар к-ӯ гусехт,*

*Аз қазо ҳам дар қазо бояд гурехт.*

*Бо қазо панҷа задан набвад ҷиҳод,*

*З-он, ки инро ҳам қазо бар мо ниҳод.*

Маҷмӯан аз таърихи исломӣ равшан мешавад, ки мусалмонони садри аввал, бо эътиқоди росихе, ки ба қазо ва қадар доштанд, ин таълимро он чунон дарёфт карда буданд, ки бо тасаллути худашон бар сарнавишташон мунофоте намедиданд ва масъалаи тағйиру табдили сарнавишт ва ин ки худи ин тағйиру табдилҳо низ ҷузъи қазо ва қадар аст, назди онҳо амре мусаллам буда ва аз ин рӯ эътиқоди муҳками онҳо ба сарнавишт, онҳоро ба сӯи ақидаи ҷабр накашонид ва ононро бе ҳиссу лоқайду ҳавола ба тақдиркун бор наёвард. Онҳо зимни фаъолиятҳои аҷиб ва муттакӣ ба нафси камназирашон, ҳамвора аз Худованд

беҳтарин “қазо”-ро талаб мекарданд. Чун мутаваҷҷеҳ буданд, ки дар ҳар мавриде анвоъи қазо ва қадарҳо ҳаст, аз Худо беҳтарини онҳоро мехостанд.

Аҷиб ин аст, ки он чи аз Худо талаб мекарданд, беҳтарин қазоҳо ва тақдирҳост, на беҳтарин мақзӣ (қазошуда) ва муқаддарҳо (тақдиршудаҳо). Ин мазмун дар бисёре аз дуоҳои исломӣ ҳаст.

Шояд аз ҳама аҷибтар ин аст, ки ин мазомин дар калимоти мусалмонони соддазамири садри ислом пайдо мешавад. Дар ҷилди дуввуми “*Комил*”-и Ибни Асир зайли сафҳаи 313 нақл аз Таърихи Табарӣ, номае аз Саъд ибни Абиваққос нақл мекунад, ки байни ӯ ва Умар ибни Хаттоб радду бадал шуд. Саъд дар зимни нома навишт:

**وأمر الله بعد ماض وقضاءه مسلم الى ما قدّر لنا وعلينا، فنسأل الله خير القضاء وخير القدر في عافية**

Яъне, “*Амри илоҳӣ нофиз, ва қазо ва қадари ӯ қатъӣ аст, то барои мо чӣ муқаддар карда бошад. Аз ӯ беҳтарин қазоҳо ва қадарҳоро масъалат менамоем!*”

Дар шарҳи Ибни Абилҳадид бар “*Наҳҷул-балога*”, хутбаи 132 мегӯяд:

Умар ибни Хаттоб дар яке аз сафарҳо, ки ба Шом рафт, қабл аз вуруд ба Шом иттилоъ пайдо кард, ки дар он ҷо бемории тоъун пайдо шуда. Бо ҳамроҳони худ дар бораи вуруд ба Шом машварат кард. Ҳама ӯро манъ карданд, магар Абӯубайдаи Ҷарроҳ, ки фармондеҳи мусалмонон дар Шом буд. Ӯ ба Умар ибни Хаттоб гуфт:

**يا أمير المؤمنين! أتفرّ من قدر الله**

Яъне, оё аз қазо ва қадари илоҳӣ фирор мекунӣ?

Умар ибни Хаттоб гуфт:

**نعم، أفرّ من قدر الله بقدر الله الى قدر الله**

Яъне, “*Аз қазо ва қадари илоҳӣ ба ҳукми қазо ва қадари илоҳӣ ба сӯи қазо ва қадари илоҳӣ фирор мекунам!*” Ва ҳамон вақт шахсе гуфт, аз Пайғамбар шунидааст, ки агар дар шаҳре тоъун буд ва шумо дар беруни он шаҳр будед, вориди он шаҳр нашавед; вале агар дар шаҳре будед ва тоъун омад, аз шаҳр хориҷ нашавед. Умар ибни Хатоб аз вуруд ба шаҳр мунсариф шуд.

Он чи маҷмӯан аз ахбору ривоёти шиъаву суннӣ бармеояд ин аст, ки шахси Расули Акрам (с) мусалламан масъалаи қазо ва қадарро барои асҳоби худ тарҳ кардааст ва Алӣ ибни Абӯтолиб низ мукаррар дар ин боб доди сухан додааст.

Он чи эъҷобро бармеангезад ин аст, ки ин таълими бузург он чунон бо устодӣ ва маҳорат ба мардуми садри ислом талқин шудааст, ки бо "ҷабр" фарсангҳо фосила дошта ва онҳоро ҷабримаслак ва дар натиҷа беирода ва ғайримуттакӣ ба нафс бор наёвардааст; ҳам амалашон дар садри аввал ҳокӣ аз ин матлаб аст ва ҳам гуфтаҳое, ки каму беш аз онҳо расидааст.

Баъдҳо, ки мутакаллимони исломӣ омадаанд ва хостаанд дар ин масъала баҳсу истидлол ва таҷзияву таҳлил кунанд, натавонистаанд байни эътиқод ба қазо ва қадар ва эътиқод ба ҷабр фарқ бигузоранд ва то имрӯз, ки чаҳордаҳ қарн тақрибан аз он замон мегузарад, камтар афроде дар шарқу ғарби олам пайдо шудаанд, ки тавониста бошанд байни ин ду ақида фарқ бигузоранд.

## Сарчашмаи аслӣ

Сарчашмаи аслии ин навъ таълим, ки башарро дар айни эътиқод ба қазо ва қадар, ба тасаллути ӯ бар сарнавишт низ мӯътақид мекунад, Қуръони Карим аст. Қуръони Карим аз қазоҳои мутаъаддид ном мебарад:

هُوَ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن طِينٍ ثُمَّ قَضَى أَجَلًا وَأَجَلٌ مُّسمًّى عِندَهُ

*"Ӯст, ки шуморо аз гил офарид ва аҷале муайян кард ва аҷали номбурдашуда дар назди худи ӯст." (Сураи Анъом, ояти* 2)

Қуръони Карим дар айни ин ки аз лавҳи маҳфуз ва китоби азалӣ ва тақдири гузашта дам мезанад ва мегӯяд:

وَلاَ رَطْبٍ وَلاَ يَابِسٍ إِلاَّ فِي كِتَابٍ مُّبِينٍ

(*"Ва ҳеч тару хушке нест, магар ин ки дар китобе равшан сабт аст." (Сураи Анъом, ояти 59*)) ё мегӯяд:

مَا أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ فِي الْأَرْضِ وَلَا فِي أَنفُسِكُمْ إِلَّا فِي كِتَابٍ مِّن قَبْلِ أَن نَّبْرَأَهَا

*(“Ҳеч мусибате на дар замин ва на дар нафсҳои шумо, (ба шумо) намерасад, магар он ки пеш аз он ки падид оварем, дар китобе аст…” (Сураи Ҳадид, ояти 22)*), дар айни ҳол мегӯяд:

كُلَّ يَوْمٍ هُوَ فِي شَأْنٍ

*“Худованд ҳар рӯз даст дар коре аст.” (Сураи Раҳмон, ояти 29*)

Аз Расули Худо (с) суол шуд:

أنحن في أمر فرغ منه أم في أمر مستأنف

*“Оё мо ба корҳое саргармем, ки Худованд аз онҳо фориғ шудааст, ё он ки пас аз ин, таклифи онҳо равшан мешавад?”*

Фармуд:

في أمر فرغ منه وفي أمر مستأنف

*“Шумо ба корҳое саргармед, ки ҳам Худованд аз онҳо фориғ шуда ва ҳам фориғ нашудааст.”(Шарҳи Усули Кофӣ, Мулло Садро, зайли ҳадиси 394*)

## Тағйирнопазирӣ дар табиат

Гуфтем, дар забони пешвоёни дин — чӣ дар дуо ва чӣ дар ғайри дуо — аз дугунагии қазо ва қадар ёд шудааст, ва тавзеҳ додем, ки муҷаррадоти илвӣ (болоӣ), қазо ва қадарашон ҳатмӣ аст, бар хилофи мавҷудоти табиат. Бояд изофа кунем, ки дар табиат низ қазо ва қадарҳои ҳатмӣ, ва ба иборати дигар, ҷараёнҳои ғайриқобили табдил ҳаст. Дар табиат, ҳар мавҷуде масбуқ ба адам аст ва бояд аз мавҷуди дигар сарчашма бигирад; ин қазои ҳатмӣ аст. Ҳар мавҷуди табиӣ бояд роҳи фанову завол пеш бигирад, магар ин ки табдил шавад ба мавҷуди ғайримоддӣ. Ин низ қазо ва қадари ҳатмӣ аст. Мавҷудоти ҷаҳони табиат ба марҳилае мерасанд, ки тағйири масир барои онҳо ғайримумкин мешавад: ё бояд маъдум шаванд ва ё ҳамон ҷараёнро тай кунанд, яъне тақдири ҳатмӣ пайдо мекунанд. Масалан, селлули нутфаи як мард, ки бо тухмаки як зан ҷуфт мешавад ва маҷмӯан як воҳиди селлулро ташкил медиҳанд, сиришт ва тинати муайянеро бароиояндаи кӯдак ташкил медиҳанд ва сифоти маврусии хоссеро дар кӯдак баъдан ба вуҷуд меоваранд, ки дар

сарнавишти ояндаи ӯ таъсиргузор аст. Бадеҳӣ аст, ки агар селлули нутфаи ин мард бо тухмаки зани дигар ҷуфт шуда буд, воҳиди дигаре муғойир бо ин воҳид, ва сиришту тинати дигаре муғойир бо ин сиришту тинат таквин мешуд. Пас аз таквини як сиришту тинат, дигар наметавон онро ба сиришти дигар табдил кард. Яъне дар ин марҳила қазо ва қадар ҳатмӣ мешавад. Бисёре аз кайфиётҳи дигар дар мароҳили баъдии раҳм қатъӣ ва ҳатмӣ мешавад; аз ин рӯ мебинем, ки дар забони дин, раҳм яке аз алвоҳи қазо ва қадар номида шудааст.

## Низомоти лоятағайяр (тағйирнопазир)

Қонунҳо ва низомоте, ки бар ҷаҳон ҳукмфармо мебошанд низ ғайриқобили тағйиру табдиланд. Мавҷудоти табиат дар тағйиру табдиланд, аммо низомоти табиат собит ва лоятағайяранд. Мавҷудоти табиат мутағайиру мутакомиланд ва дар масирҳои мухталиф қарор мегиранд; гоҳе ба сарҳадди камол мерасанд ва гоҳе мутаваққиф мешаванд; гоҳ тунд мераванд ва гоҳ кунд. Омилҳои мухталиф сарнавишти онҳоро тағйир медиҳад.
Аммо низомоти табиат на мутағайиранд ва на мутакомил; собит ва якнавохтанд. Қуръони Карим аз ин низомоти лоятағайяр ба “суннати илоҳӣ” таъбир мекунад ва мегӯяд:

سُنَّةَ اللَّهِ فِي الَّذِينَ خَلَوْا مِن قَبْلُ وَلَن تَجِدَ لِسُنَّةِ اللَّهِ تَبْدِيلًا

(*“Дар бораи касоне, ки пештар будаанд, (ҳамин) суннати Худо ҷорӣ будааст, ва дар суннати Худо ҳаргиз тағйире нахоҳӣ ёфт.”* (Сураи Аҳзоб, ояти 62))
Суннати илоҳӣ тағйирпазир нест; суннати илоҳӣ қобили баргардондан нест. Масалан ин ки оқибат бо муттақиён ва покон аст ва замин аз они солеҳон аст, суннати лоятағайяри илоҳӣ аст:

وَلَقَدْ كَتَبْنَا فِي الزَّبُورِ مِن بَعْدِ الذِّكْرِ أَنَّ الْأَرْضَ يَرِثُهَا عِبَادِيَ الصَّالِحُونَ

(*“Ва дар ҳақиқат дар Забур пас аз Таврот навиштем, ки заминро бандагони шоистаи мо ба ирс хоҳанд бурд.”* (Сураи Анбиё, ояти 105))

إِنَّ الْأَرْضَ لِلَّهِ يُورِثُهَا مَن يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ وَالْعَاقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ

*(“Замин аз они Худост, онро ба ҳар кас аз бандагонаш, ки бихоҳад медиҳад, ва фарҷоми нек барои парҳезгорон аст.” (Сураи Аъроф, ояти 128))*

Ин ки то мардуме бо ибтикори худашон дар авзоъу аҳволи худ тағйире надиҳанд, Худованд авзоъу аҳволи умумии онҳоро иваз намекунад, суннати лоятағайяри илоҳӣ аст:

إِنَّ اللهَ لاَ يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُواْ مَا بِأَنْفُسِهِمْ

*(“Дар ҳақиқат Худо ҳоли қавмеро тағйир намедиҳад, то онон ҳоли худро тағйир диҳанд…” (Сураи Раъд, ояти 11))*

Ин ки вазъи ҳукумати мардуме бо вазъи руҳия ва афкору ахлоқ ва шоистагии онҳо бастагӣ дорад, суннати тағйирнопазири илоҳӣ аст:

وَكَذَلِكَ نُوَلِّي بَعْضَ الظَّالِمِينَ بَعْضًا

*(“Ва ин гуна бархе аз ситмагаронро ба кайфари он чи ба даст меоваранд, сарпарасти бархе дигар мегардонем.” (Сураи Анъом, ояти 129))*

Ин ки агар дар миёни қавме табақае мутраф (хушгузарон) пайдо шаванд ва фиску фуҷуру шаҳватронӣ ва танпарварӣ оғоз кунанд, мунҷар ба ҳалокати он қавм мегардад, суннати тағйирнопазири илоҳӣ аст:

وَإِذَا أَرَدْنَا أَن نُّهْلِكَ قَرْيَةً أَمَرْنَا مُتْرَفِيهَا فَفَسَقُواْ فِيهَا فَحَقَّ عَلَيْهَا الْقَوْلُ فَدَمَّرْنَاهَا تَدْمِيرًا

*(“Ва чун бихоҳем шаҳреро ҳалок кунем, хушгузарононашро вомедорем, то дар он ба инҳирофу фасод бипардозанд ва дар натиҷа азоб бар он шаҳр лозим гардад, пас онро яксара зеру забар кунем.” (Сураи Исро, ояти 16)*

Ин ки агар мардуме ба имон муҷаҳҳаз бошанд ва шоиста амал кунанд, дар майдони танозӯи бақо гӯи сибқатро хоҳанд рубуд ва хилофати замин дар ихтиёри онҳо қарор хоҳад гирифт, суннати қатъӣ ва тағйирнопазири илоҳӣ аст:

وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنكُمْ وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ لَيَسْتَخْلِفَنَّهُم فِي الْأَرْضِ كَمَا اسْتَخْلَفَ الَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمْ دِينَهُمُ الَّذِي ارْتَضَى لَهُمْ

*(“Худо ба касоне аз шумо, ки имон оварда ва корҳои шоиста кардаанд, ваъда додааст, ки ҳатман ононро дар ин сарзамин ҷонишини худ қарор диҳад, ҳамон гуна ки касонеро, ки пеш аз онон буданд,*

*ҷонишини худ қарор дод ва он динеро, ки барояшон писандидааст ба судашон мустақар кард…” (Сураи Нур, ояти 55)*)

Ин ки оқибат ва ниҳояти зулму бедодгарӣ, вайронӣ ва табоҳӣ ва нобудӣ аст, суннати тағйирнопазири илоҳӣ аст:

**وَتِلْكَ الْقُرَى أَهْلَكْنَاهُمْ لَمَّا ظَلَمُوا وَجَعَلْنَا لِمَهْلِكِهِم مَّوْعِدًا**

(*“Ва мардуми он шаҳрҳо чун бедодгарӣ карданд, ҳалокашон кардем ва барои ҳалокаташон мавъиде муқаррар доштем.” (Сураи Каҳф, ояти 59)*)

Низ дар ривоят аст, ки:

**الملك يبقى مع الكفر ولا يبقى مع الظلم**

(“*Ҳукумат бо куфр боқӣ мемонад, вале бо ситам боқӣ намемонад.*”)

## Назариёти дигар

Мутобиқи он чи мо тавзеҳ додем, тақсими қазо ва қадар ба “ҳатмӣ” ва “ғайриҳатмӣ”, аз вазъи хосси мавҷудот сарчашма мегирад. Мавҷуде, ки имконоти мутаъаддид дорад ва иллатҳои мухталиф мумкин аст дар ӯ таъсир кунанд ва ҳар иллате ӯро дар як маҷро ва як масири бахусус қарор медиҳад, муқаддароти (тақдирҳои) мутаъаддиде дорад; ба ҳар андоза, ки ба иллатҳои гуногун бастагӣ ва иртибот дорад, муқаддарот дорад. Аз ин рӯ, сарнавишт ва қазо ва қадари чунин мавҷуде, ғайриҳатмӣ аст. Ва аммо мавҷуде, ки беш аз як имкон дар ӯ нест ва як масир бештар барояш мумкин нест ва ҷуз бо як навъ иллат сару кор надорад, сарнавишташ ҳатмӣ ва ғайриқобили тағйир аст.

Ба иборати дигар, ҳатмият ва адами ҳатмият, ношӣ аз ҷанбаи қобилӣ аст, на ҷанбаи фоилӣ, ба маънии қобилияти воҳид ва қобилиятҳои мутаъаддид аст. Аз ин рӯ, муҷаррадоти илвӣ (олами боло), ки фоқиди имкони истеъдодӣ мебошанд, ва ҳамчунин мавҷудоти табиат дар баъзе ҳолот, ки истеъдоди беш аз як ояндаро надоранд, сарнавишташон ҳатмӣ аст, ва аммо он даста аз падидаҳои табиат, ки истеъдоди беш аз як ояндаро доранд, сарнавишташон ғайриҳатмӣ аст.

Ин буд хулосаи тафсиру тавзеҳи қазо ва қадари ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ.

Ин масъала таврҳои дигар низ тафсир шудааст. Баъзе, ба миқёси инсон тафсир кардаанд. Гуфтаанд: воқеиятҳое, ки тағйиру табдили онҳо дар ихтиёри инсон нест, тақдирашон ҳатмӣ аст, ва воқеиятҳое, ки тағйиру табдили онҳо дар ихтиёри инсон аст, тақдирашон ғайриҳатмӣ аст. Масалан, барои башар (лоақал дар ҳоли ҳозир) тағйир додани авзоъи ҷаввӣ аз лиҳози гармову сармо ва барфу борон ва бодҳо ва тағйир додани авзоъи умумии замин аз лиҳози зилзилаҳо ва тӯфонҳо ва селобҳо ғайримақдур аст. Башар, чӣ бихоҳад ва чӣ нахоҳад, инҳо сурат мегиранд. Пас, онҳо умури ҳатмӣ ҳастанд ва муқаддароти илоҳӣ дар ин умур, ҳатмӣ аст. Аммо тағйири авзоъи иҷтимоӣ ва ислоҳи умур ба меъёрҳои адолату рифоҳи умумӣ ва саодати ҳамагонӣ, мақдури башар аст ва хости башар метавонад инҳоро иваз кунад. Пас, инҳо умури ғайриҳатмӣ ҳастанд ва муқаддароти илоҳӣ дар ин умур, ғайриҳатмӣ аст.

Ин тафсир саҳеҳ нест. Зеро иллат надорад қудрату имконоти башарро милоки ҳатмӣ ё ғайриҳатмӣ будани муқаддарот қарор бидиҳем. Забони ахбор ва осори дин ҳам бо ин тафсир қобили татбиқ нест.

Баъзе дигар, қазо ва қадари ҳатмӣ ва ғайриҳатмиро ба миқёси таҳаққуқ ва адами таҳаққуқи шароит тафсир кардаанд, ба ин маънӣ, ки чунонки гуфтем, бархе мавҷудот имконоти мутаъаддид доранд ва бо иллатҳои мухталиф иртиботу пайванд доранд. Ба ҳар андоза, ки бо иллатҳои гуногун бастагӣ доранд, муқаддарот дошта ва дар ҳақиқат сарнавишти онҳо ба дасти он иллатҳост. Ҳар иллате як сарнавиште барои ин мавҷуд дар даст дорад ва ҳар сарнавиште машрут аст ба вуқӯъ ва таҳаққуқи он иллате, ки он сарнавиштро дар даст дорад. Бадеҳӣ аст, ки дар миёни иллатҳо ва шароити гуногун, баъзе сурати вуқӯъ пайдо мекунанд ва баъзе на, ва боз возеҳ аст, ки иллати ин ки баъзе аз иллатҳо ва шароит вуҷуд пайдо мекунанд ва баъзе на, ин аст, ки иллатҳо ва шароити он иллатҳову шароит, мавҷуд будааст. Ва иллати ин ки он иллатҳо ва шароити дигар вуҷуд пайдо накардаанд, ин аст, ки иллатҳо ва шароити он иллатҳову шароит мавҷуд набуда, ва ҳамин тавр иллатҳо ва шароити дараҷаи севвум ва чаҳорум… Муқаддароти ҳатмӣ яъне муқаддароте, ки дар чанги иллатҳо ва шароите ҳастанд, ки он иллатҳову шароит вуҷуд пайдо мекунанд, ва аммо муқаддароти ғайриҳатмӣ яъне муқаддароте, ки дар дасти иллатҳо ва шароите мебошанд, ки заминаи вуҷуд барои онҳо пайдо намешавад.

Фарз кунем шахси муайяне аз лиҳози сохтмони ҷисмӣ истеъдод дорад, ки агар шароити тандурустиро риоят кунад, 150 сол умр кунад, вале агар риоят накунад, умри ӯ ба нисф тақлил пайдо мекунад. Муқаддари ӯ чунин аст, ки агар риояти шароити тандурустӣ бикунад, 150 сол умр кунад ва агар накунад, 75 сол. Он гоҳ он шахс риоят накарда ва дар 75-солагӣ мурд. Пас, барои ин шахс ду умр тақдир шуда ва ҳар ду машрут будааст, вале шарти яке муҳаққақ шуда ва шарти дигаре таҳаққуқ наёфтааст. Он тақдире, ки шарташ воқеъ шуда ва сурати воқеъ ба худ гирифтааст, қазо ва қадари ҳатмӣ аст ва он, ки шарташ воқеъ нашудааст, қазо ва қадари ғайриҳатмӣ аст.

Дар мақоми тамсил, ин ду тақдир монанди ду қонун аст дар бораи як нафар дар заминаи ду шарти мухталиф. Масалан, қонун ҳукм мекунад агар муттаҳам ба ҷурми худ иқрор кунад, муҷозоти марбут иҷро шавад, ва агар иқрор накунад ва далоили дигаре ҳам алайҳи ӯ набошад, озод гардад. Ҳоло агар муттаҳам иқрор кард, қаҳран муҷозот иҷро мешавад. Қонун аз ҷанбаи ин ки агар иқрор кард бояд муҷозот шавад, дар бораи ин шахс қатъият ва ҳатмият пайдо кардааст, ва аз ҷанбаи ин ки агар иқрор накард ва фаразан далели дигаре ҳам дар кор нест, бояд озод шавад, қатъият ва ҳатмият пайдо накардааст.

Мутобиқи ин тафсир, мақсуд аз қатъият ва ҳатмият дар ин ҷо, вуҷуд пайдо кардани шарт ва интибоқи амалии муфоди қонун аст, вагарна қонун аз он ҷиҳат, ки як асли куллӣ аст, аз ҳар ду ҷиҳат қатъӣ ва ҳатмӣ ва ғайриқобили тахаллуф аст.

Бар ҷаҳони таквин як силсила қонунҳо ва номусҳои қатъӣ ва ғайриқобили тахаллуф ҳукмфармост. Ҳамаи қонунҳо аз он назар, ки қонуни куллӣ мебошанд, ҳатмӣ ва истиснонопазир мебошанд. Масалан, ин ки ашхоси дорои фалон истеъдоди ҷисмӣ агар риояти шароити тандурустӣ бикунанд, умрашон ба 150 сол мерасад, қонуни қатъии ҷаҳон аст, ва ҳам ин ки агар ҳамонҳо риояти шароити тандурустӣ накунанд, умрашон ба нисфи он муддат тақлил меёбад, боз қонуни қатъии ҷаҳон аст ва ин қонунҳо ва суннатҳои қатъӣ, мазоҳир ва маҷории қазо ва қадари илоҳӣ мебошанд.

Бинобар ин, қазо ва қадари ҳатмӣ яъне он қонун ва суннат ва номус, ки шароиташ вуҷуд пайдо карда ва амалан иҷро шудааст, ва қазо ва қадари ғайриҳатмӣ яъне он қонун ва суннати ҷаҳонӣ, ки шарташ воқеъ нашуда ва амалан мисдоқ пайдо накардааст.

Ин тафсир, ҳарчанд дар ҳадди зоти худ матлаби қобили қабуле аст ва баъид нест баъзе таъбироти динӣ нозир ба ҳамин ҷиҳат бошад, аммо наметавон таъбиротеро, ки ба номи қазои лозим ва ғайрилозим ва ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ дар ахбору осори динӣ омадааст, ба ин маънӣ ҳамл кард. Мусалламан мақсуд аз қазо ва қадари лозим ё ғайрилозим, қазо ва қадари қобили тағйир ва ғайриқобили тағйир аст. Боз мусалламан дар мавориде, ки шароити як қонуни куллӣ таҳаққуқ пайдо кардааст, имкони тағйир ҷое нарафтааст; қазия аз назари зоти худ имкони ин ки ҷури дигар сурат бигирад доштааст. Пас, бо фарзи таҳаққуқи шароит, боз қазо ва қадар ҷанбаи ғайриҳатмии худро аз он назар, ки гуфтем, аз даст намедиҳад.

Тафсири дигар ин ки: қазо ва қадари ҳатмӣ он аст, ки аз тарафи Худованд таъкид ва эҷоб шудааст, ки ҳатман бояд воқеъ шавад ва ҳатман ҳам воқеъ хоҳад шуд, вале қазо ва қадари ғайриҳатмӣ он аст, ки иродаи Худованд нисбат ба ӯ бетараф ва бетафовут аст, ва ё бетафовут нест аммо илзому эҷобе ҳам дар кор нест, ҳамон тавр, ки аҳкоми таклифӣ аз ин қабил аст: гоҳе як чиз аз тарафи омир ва муқаннин ҳатму эҷоб мешавад (вуҷуб), ва гоҳе омир ва муқаннин нисбат ба чизе бетараф аст, аз назари ӯ тафовуте нест, ки он кор сурат бигирад ё сурат нагирад (ибоҳа), ва гоҳе омир тарафи вуқӯъ ё адами вуқӯъро тарҷеҳ медиҳад, аммо илзому эҷоб намекунад (истеҳбоб ва кароҳат).

Дар умури таквинӣ низ ҳамин тавр аст, гоҳе эҷобу илзом аст, ва он қазо ва қадари ҳатмӣ аст, ва гоҳе бетарафӣ аст ва ё он ки як тараф (вуқӯъ ё адами вуқӯъ) тарҷеҳ дорад аммо илзому эҷобе дар кор нест, ва он қазо ва қадари ғайриҳатмӣ аст.

Ин тафсир, ғайриилмитарин тафсири ин матлаб аст. Ин нафйи қазо ва қадар аст, зеро маҳол аст, ки иродаи Ҳақ нисбат ба ҳодисаи хоссе бетарафу бетафовут бошад ва ё бетараф набошад вале эҷоб накунад; ҳамон тавре, ки маҳол аст ҳодисае аз қонуни иллият мустасно бошад ва ё таҳти қонуни иллият бошад аммо заруруату эҷоб дар кор набошад.

Қиёс гирифтани ҳақоиқи таквинӣ ба умури урфӣ ва қарордодӣ дуруст нест.

## Омилҳои маънавӣ

Дар мисолҳои гузашта, он чи роҷеъ ба иллатҳо ва асбобу омилҳои таъсиргузор дар тағйири сарнавишт зикр кардем, аз ҳудуди омилҳои моддӣ ва таъсироти онҳо таҷовуз намекард.

Яъне дунёи ҳодисаҳоро фақат аз ҷанбаи абъоди моддӣ ва равобити ҳиссӣ ва ҷисмонӣ дар назар гирифтем ва омилҳое, ки дар иллатҳо ва маълулот ширкат додем, танҳо омилҳои моддӣ ва ҳиссӣ буд. Бадеҳӣ аст аз назари ҷаҳонбинии моддӣ, танҳо бояд ба ҳамин омилҳо ва равобити иллӣ ва маълулӣ миёни онҳо иктифо кард. Аммо аз назари ҷаҳонбинии илоҳӣ, ки воқеиятро дар чаҳорчӯби модда ва ҷисм ва кайфиёт ва инфиъолоти ҷисмонӣ маҳдуду маҳсур намедонад, дунёи ҳодисаҳо дорои торупудҳои бештар ва печидатар аст ва омилҳое, ки дар падид омадани ҳодисаҳо ширкат доранд, басе афзунтар мебошанд.

Аз назари моддӣ, омилҳои таъсиргузор дар аҷал, рӯзӣ, саломат, саодат ва хушбахтӣ мунҳасиран моддӣ аст. Танҳо омилҳои моддӣ аст, ки аҷалро наздик ё дур мекунад; рӯзиро тавсиъа медиҳад ё танг мекунад; ба тан саломат медиҳад ё мегирад; хушбахтӣ ва саодатро таъмин ё нобуд мекунад. Аммо аз назари ҷаҳонбинии илоҳӣ, иллатҳо ва омилҳои дигаре, ки омилҳои руҳӣ ва маънавӣ номида мешаванд низ ҳамдӯши омилҳои моддӣ дар кори аҷал, рӯзӣ, саломат, саодат ва амсоли ин умур таъсиргузоранд.

Аз назари ҷаҳонбинии илоҳӣ, ҷаҳон як воҳиди зинда ва бошуъур аст; аъмолу афъоли башар ҳисобу аксуламал дорад; хубу бад дар миқёси ҷаҳонӣ, бетафовут нест; аъмоли хубу бади башар мувоҷеҳ мешавад бо аксуламалҳое аз ҷаҳон, ки аҳёнан дар давраи ҳаёт ва зиндагии худи фард ба ӯ мерасад.

Озори ҷондор, аъам аз ҳайвону инсон, хусусан озору азият ба соҳибони ҳуқуқ, аз қабили падару модар ва муаллим, осори суе дар ҳамин зиндагии дунёӣ бор меоварад. Дар табиат мукофот ҳаст.

Ин осору натоиҷ, худ қисмате аз мазоҳири қазо ва қадар аст. Бадеҳӣ аст, ки ин гуна қазоё ва иртиботот миёни ҳаводис ва падидаҳо, бо ҷаҳонбинии илоҳӣ, ки ҷаҳонро як дастгоҳи воҳиди зиндаи соҳиби ирода ва шуъур медонад, қобили тавҷеҳ аст ва бахше аз равобити иллӣ ва маълулиро ташкил медиҳад ва аммо бо тарзи тафаккури моддӣ ва ҷаҳонбинии материалистӣ, қобили тавҷеҳ нест.

Аз назари ҷаҳонбинии илоҳӣ, ҷаҳон, ҳам шунавост ва ҳам бино; нидо ва фарёди ҷондорҳоро мешунавад ва ба онҳо посух медиҳад. Ба ҳамин ҷиҳат, дуо яке аз иллатҳои ин ҷаҳон аст, ки дар сарнавишти инсон таъсиргузор аст, ҷилави ҷараёнҳоеро мегирад ва ё

ҷараёнҳое ба вуҷуд меоварад. Ба иборати дигар, дуо яке аз мазоҳири қазо ва қадар аст, ки дар сарнавишти ҳодисае метавонад таъсиргузор бошад ё ҷилави қазо ва қадареро бигирад.

**الدعاء يردّ القضاء (بعد ما أبرم) ابراما**

*"Дуо қазоро бармегардонад ҳарчанд он қазо муҳкам шуда бошад."*

**وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ**

*"Ҳаргоҳ бандгонам маро аз ту бипурсанд, ман наздикам; хостаи он ки маро бихонад, иҷобат мекунам." (Сураи Бақара, ояти 186)*

Ҳамчунин, садақоту эҳсонҳо яке дигар аз омилҳо ва мазоҳири қазо ва қадар аст, ки аз маҷории маънавӣ дар тағйиру табдили сарнавиштҳо таъсиргузор аст.

Ба таври куллӣ, гуноҳ ва тоъат, тавба ва пардадарӣ, адлу зулм, некӯкорӣ ва бадкорӣ, дуо ва нафрин ва амсоли инҳо, аз умуре мебошанд, ки дар сарнавишти башар аз назари умр, саломат ва рӯзӣ таъсиргузор мебошанд. Имом Содиқ (а) фармуд:

**من يموت بالذنوب أكثر ممن يموت بالأجل، ومن يعيش بالإحسان أكثر ممن يعيش بالاعمار**

*"Ададди касоне, ки ба воситаи гуноҳон мемиранд, аз касоне, ки ба воситаи сар омадани умр мемиранд, бештар аст. Ва ададди касоне, ки ба сабаби некӯкорӣ зиндагии дароз мекунанд, аз касоне, ки бо умри аслии худ зиндагӣ мекунанд, афзун аст."*

Мақсуди ҳадис ин аст, ки гуноҳон аҷалро тағйир медиҳанд ва эҳсонҳо ва некӯкориҳо умрро зиёд мекунанд. Яъне, бо ин ки аҷал ва умр ба ҳукми қазо ва қадари илоҳӣ таъйин шудаанд, ин умур омили тағйиру табдили қазо ва қадар мебошанд. Ва албатта чунонки қаблан гуфта шуд, худи ин тағйир ҳам, ба қазо ва қадари илоҳӣ аст.

Мо дар ин ҷо наметавонем ба баррасии кайфияти таъсири умури маънавӣ дар умури моддӣ бипардозем ва маҷории иллӣ ва маълулии ин қазияро нишон бидиҳем. Дар ин ҷо назароти фалсафии дақиқе, ки бо таъбироти мазҳабӣ низ комилан созгор аст, изҳор шуда. Ва ҳамчунин дар мақоми баёни шароити таъсири иллатҳои маънавӣ нестем, ки масалан дуо ё садақот ва ҳамчунин зулму ситам ва помол кардани ҳуқуқ, дар чӣ шароите аксуламалҳое эҷод мекунад. Шояд тавзеҳу шарҳи ин матлаб бо таваҷҷӯҳ ба қазоё ва машҳудот ва таҷрибиёте, ки афроди башар доранд, китобе пурҳаҷмро ташкил диҳад.

Мақсуди мо фақат тазаккури ин нукта буд, ки аз мисолҳое, ки гуфта шуд, ин таваҳҳум пеш наёяд, ки силсилаи иллатҳо ва маълулоти ҷаҳон, мунҳасир аст ба умури моддӣ ва маҳсус.

## Чун қазо ояд…

Дар ахбору ривоёте, ки аз Расули Акрам (с) ё имомони атҳор (а) расидааст, матлабе ба ин мазмун ба чашм мехӯрад: агар қазо ва қадар биёяд, асбобу иллатҳо — махсусан ақл ва қувваи тадбири инсон — аз кор меафтад. Ин матлаб дар адабиёти форсӣ ва арабӣ ба ҳамин мазмун мунъакис аст.

Дар "*Ҷомеъус-сағир*" чандин ҳадис дар ин маънӣ аз Расули Акрам нақл мекунад, аз он ҷумла:

إن الله اذا اراد امضاء أمر، نزع عقول الرجال حتى يمضي أمره، فاذا أمضاه، ردّ اليهم عقولهم ووقعت الندامة

*"Ҳар гоҳ Худо бихоҳад коре ба анҷом расад, хирадҳои мардумро аз онҳо ҷудо мекунад то вақте, ки амри худро ба анҷом расонад. Ҳамин, ки ба анҷом расонд, хирадҳои онҳоро ба онҳо бозмегардонад ва дар ин вақт аст, ки пушаймонӣ сурат мегирад."*

Дар "*Туҳафул-ъуқул*" сафҳаи 442 аз Имом Ризо (а) нақл мекунад:

اذا أراد الله أمرا، سلب العباد عقولهم فأنفذ أمره وتمّت ارادته، فاذا أنفذ أمره ردّ الى كلّ ذي عقل عقله فيقول: كيف ذا؟ ومن أين ذا؟

*"Ҳар гоҳ Худо чизеро бихоҳад, ақлҳои бандагонро аз онҳо салб мекунад ва ҳукми худро иҷро мекунад ва хостаи худро ба поён мерасонад. Ҳамин, ки ҳукми худро иҷро кард, ақли ҳар соҳиби ақлро ба ӯ бармегардонад; он гоҳ ӯ мураттаб мегӯяд: чӣ гуна шуд, ки ин кор шуд? Аз куҷо ин кор сурат гирифт?"*

Мавлавӣ мегӯяд:

*Чун қазо ояд, фурӯ пӯшад басар,*
*То надонад ақли мо поро зи сар.*
*Чун қазо бигзашт, худро мех(в)арад,*
*Парда бидрида, гиребон медарад.*

* * *

*Гуфт: “Изо ҷоъал-қазо зоқал-фазо,*

*Тухҳҷатул-абсору из ҷоъал-қазо”.*

* * *

*Чун қазо ояд, набинӣ ғайри пӯст,*

*Душманонро бознашносӣ зи дӯст.*

* * *

*Чун қазо ояд, табиб аблаҳ шавад*

*В-он даво дар нафъ ҳам гумраҳ шавад.*

Ишколе, ки дар ин ҷо ба назар меояд ин аст, ки дар ин баёнот, қазо ва қадар ба унвони ноқизу ботилкунандаи асли иллияти умумӣ ва ба унвони омиле дар муқобили соири омилҳои ҷаҳон — вале қавитар ва нерӯмандтар аз онҳо — зикр шудааст. Ва ин, бо он чи дар гузашта гуфта шуд, ки қазои илоҳӣ ҳеч чизеро ҷуз аз маҷрои иллатҳо ва асбоби худ эҷоб намекунад ва дар забони ҳадис низ таъйид шуда, мунофот дорад.

Дар ҳадис аст:

أبى الله أن يجري الأمور الاّ بأسبابها

ё:

أبى الله أن يجري الأشياء الاّ بأسباب، فجعل لكلّ شيء سببا ولكلّ سبب شرحا وجعل لكلّ شرح علما وجعل لكلّ علم بابا ناطقا

*“Худованд имтиноъ дорад, ки умури оламро ҷорӣ кунад магар аз тариқи васоит ва асбобе. Худованд барои ҳар чиз сабабе, ва барои ҳар сабаб ҳикмате, ва барои ҳар ҳикмате донише, ва барои ҳар донише дарвозаи гӯёе қарор додааст.”*

Ишколи дигар ин ки: он чи дар ин баёнот омада, бо умумияти қазо ва қадар, бо ин ки ҳеч чизе хориҷ аз ҳавзаи қазо ва қадар нест ва Қуръони Карим — чунонки дар гузашта ёд кардем — бо камоли сароҳат онро таъйид мекунад, мунофот дорад. Агар ҳама чиз ва ҳамаи ҷараёнот ба қазо ва қадари илоҳӣ аст, пас лаҳзае нест, ки қазо ва қадари илоҳӣ набошад.

Пас “агар қазо ва қадар биёяд” яъне чӣ? Пас, гузашта аз ин ки мазмуни аҳодис ва абёти боло бо асли иллияти умумӣ муноқиз аст, бо умумияти қазо ва қадар низ муноқиз аст;

мерасонад, ки қазо ва қадари илоҳӣ дар мавоқеи хосс ва истисноӣ, по ба миён мегузорад, ва агар истисноан по ба миён гузошт, ҳама чиз аз кор меафтад, ақлҳо аз сарҳо мепарад, чашмҳо кӯр мешавад, давоҳо аз асар меафтад…

Акнун чӣ бояд гуфт? Оё ин ахбору ривоёт бо матни ислом қобили интибоқ нест ва сохтаи ҷабримазҳабон аст, ё тавҷеҳу тафсири саҳеҳе дорад?

Ба ақидаи ин ҷониб (Мутаҳҳарӣ), ин ахбору ривоёт нозир ба як матлаби саҳеҳе аст. На бо асли иллияти умумӣ мунофӣ аст ва на бо умумияти қазо ва қадар; нозир ба низоми куллии олам ва маҷмӯи иллатҳо ва асбоб — аъам аз моддӣ ва маънавӣ — аст; нозир ба мавориде аст, ки иллатҳо ва асбоби маънавӣ, иллатҳо ва асбоби моддиро таҳтушшуъо қарор медиҳад. Дар фасли пеш гуфтем, ки иллатҳо ва асбобро танҳо дар абъоди моддӣ набояд маҳсур кард. Низоми атамм (комил), аз маҷмӯи иллатҳо ва асбоби ошкору ниҳон ташкил шудааст. Ҳамон тавре, ки иллатҳои моддӣ ва маҳсус, баъзе баъзи дигарро хунсо мекунанд ва аз кор меандозанд, дар мавоқеи хоссе таҳти таъсири иллатҳои маънавӣ низ аз кор меафтанд.

Касе, ки танҳо иллатҳои моддӣ ва маҳсусро мебинад, хаёл мекунад сабаб мунҳасир ба ҳамин чизҳост; намедонад, ки ҳазорон иллатҳо ва асбоби дигар низ мумкин аст ба ҳукми қазо ва қадари илоҳӣ дар кор бошанд ва он гоҳ, ки он иллатҳо ва асбоб по ба миён гузоштанд, асбобу иллатҳои моддиро хунсо ва беасар мекунанд.

Дар худи Қуръони Карим ин матлаб ба баёне балиғтар ва расотар аз он чи дар забони ахбору аҳодис омадааст баён шудааст.

Дар ҷараёни ҷанги Бадр мефармояд:

وَإِذْ يُرِيكُمُوهُمْ إِذِ الْتَقَيْتُمْ فِي أَعْيُنِكُمْ قَلِيلًا وَيُقَلِّلُكُمْ فِي أَعْيُنِهِمْ لِيَقْضِيَ اللهُ أَمْرًا كَانَ مَفْعُولًا وَإِلَى اللهِ تُرْجَعُ الأُمُورُ

*“Ёд кун он замонро, ки Худованд онҳоро (хасмро) ҳангоме, ки бо онҳо бархӯрдед, дар чашми шумо андак, ва шуморо дар чашми онҳо андак намоёнд, барои ин ки ба анҷом расонад чизеро, ки шуданӣ будааст. Ҳамаи корҳо ба Худованд бозгардонда мешавад.”* (Сураи Анфол, ояти 44)

Ин ҷараён, яке аз мавориди тақаддум пайдо кардани иллатҳои маънавӣ бар иллатҳои моддӣ аст. Ҳангоме, ки қавме дар асари гом бардоштан дар роҳи дурустӣ ва салоҳ, шоистагии таъйиду нусрат пайдо кунанд ва қавми дигар баръакс мустаҳиққи хизлону нобудӣ гарданд, низоми мутқан ва атамм (комил) ва акмали ҷаҳон, қавми аввалро бо ҳамаи

камбуди васоилу таҷҳизоти моддӣ, тахти ҳимояти худ қарор медиҳад ва қавми дуввумро бо ҳамаи васоилу асбоби моддӣ, ба завол маҳкум мекунад.

Ва низ Қуръони Карим мефармояд:

وَمَن يَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ فَهُوَ حَسْبُهُ إِنَّ اللَّهَ بَالِغُ أَمْرِهِ قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا

*“Он кас, ки дар роҳи Ҳақ ба Худо эътимод кунад, Худованд ӯро бас аст. Худо фармону ҳукми худро ба натиҷа мерасонад. Худованд барои ҳар чизе, қадру андозаву ҳадде қарор додааст.” (Сураи Талоқ, ояти 3)*

Дар ин ояи карима, бо ин ки бо ҷумлаи:

قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا

(“*Худованд барои ҳар чизе, қадру андозаву ҳадде қарор додааст*”), ба низоми олам ва ин ки ҳеч чиз ба газоф сурат намегирад ва ҳар чиз дар мартибаи худ қарор дорад, тасреҳ шуда, яъне низоми асбобу мусаббабот ба расмият шинохта шудааст, дар айни ҳол, мефармояд:

*“Худо фармону ҳукми худро ба натиҷа мерасонад.”*

Яъне, он ҷо ки пойи равобити маънавӣ ва таъйидоти ғайбӣ ба миён меояд, ҷараёни дигаре пеш меояд ва иллатҳо ва асбоби зоҳирӣ беасар мегарданд.

## Тафовути ду мактаб

Дар гузашта гуфтем, моддигароён (ва ҳамчунин баъзе аз масеҳиён) мавзӯи қазо ва қадарро дастовези ҳамла ба ислом қарор додаанд ва мегӯянд, лозимаи эътиқод ба қазо ва қадар ин аст, ки инсон худро маҷбуру дастбаста бидонад ва нақши худро дар эҷоду таквину созандагии беҳтари иҷтимоъ фаромӯш кунад ва мунтазири сарнавишт биншинад.

Ва гуфтем, ин иштибоҳ аз он ҷо ношӣ шуда, ки миёни эътиқод ба қазо ва қадар, ва ақидаи ҷабр фарқ гузошта нашудааст. Тибқи ақидаи ҷабр, инсон аз худ ирода ва ихтиёре надорад ва омили воқеии гуфтору кирдори худаш нест ва сифоту руҳиёти худаш таъсире дар сарнавишташ надорад. На танҳо дар паси ойина тӯтисифат он чи ба ӯ гуфта шуд бигӯяд мегӯяд, балки ҳатто омили воқеии ҳамин гуфтаи талқинӣ низ худаш нест.

Вале тибқи ақидаи қазо ва қадар, илм ва иродаи илоҳӣ ҳеч чизеро ҷуз аз маҷрои иллатҳо ва асбоби худ эҷоб намекунад; маҳол аст, ки илму иродаи илоҳӣ ба чизе аз ғайри маҷрои иллатҳо ва асбоби худ таъаллуқ бигирад. Зеро бо ягонагӣ ва басотат ва улувви зоти ақдаси илоҳӣ мунофӣ аст. Бинобар ин, илм ва иродаи илоҳӣ ба афъолу аъмоли инсон ва саодат ё шақовати вай низ мунҳасиран аз тариқи иллатҳо ва асбоби марбута таъаллуқ мегирад. Қазо ва қадари илоҳӣ аст, ки инсонро дастбозу мухтору озоду таъсиргузор дар сарнавишт офаридааст.

Ва чун чунин аст, фарқе миёни мактаби илоҳӣ ва мактаби моддӣ аз ин назар нест. Агар ҳудуси ҳатмӣ ва зарурии ҳар ҳодиса ва аз он ҷумла афъолу аъмоли инсон, аз тариқи иллатҳо ва асбоби худ мусталзими ҷабр ва дастбаста будани инсон аст, эроде аст, ки ба ҳар ду мактаб ворид аст. Ва агар мусталзими ҷабр ва дастбаста будан нест (чунонки воқеан ҳам ҳамин тавр аст), боз фарқе миёни мактаби илоҳӣ ва моддӣ аз ин ҷиҳат нест. Пас, эроду ишколи моддигароён ва соири касоне, ки тарафдори қонуни иллият мебошанд, бар ақидаи исломии қазо ва қадар, беҷо ва ношӣ аз адами иттилои кофӣ аст.

Акнун изофа мекунем, ки як тафовут байни ин ду мактаб ҳаст, ки бисёр ҳассос ва аз назари осори тарбиятӣ ва иҷтимоӣ фавқулъода қобили таваҷҷӯҳ аст. Ба мӯҷиби ин тафовут, эътиқод ба қазо ва қадар аз назари ҷаҳонбинии илоҳӣ дар эҷоди умеду нишоти фаъолият ва эътимод ба натиҷа гирифтан аз саъю амал асари хориқулъода дорад, бар хилофи ҷаҳонбинии моддӣ, ки фоқиди ин имтиёз аст.

Ин тафовут аз асле, ки дар фасли гузашта зикр кардем, ношӣ мешавад. Мутобиқи он асл, омилҳои таъсиргузор дар кори ҷаҳон, ки маҷмӯан иллатҳо ва асбоби ҷаҳонро ташкил медиҳанд ва мазоҳири қазо ва қадар ба шумор мераванд, мунҳасир ба умури моддӣ намебошанд. Як силсила умури маънавӣ низ вуҷуд доранд, ки ҷузъи омилҳои таъсиргузори ҷаҳонанд ва қаҳран дар тағйиру табдили сарнавишт таъсиргузоранд. Мутобиқи ин назар, як силсила ҳисобҳои ғайримоддӣ низ ҷузъи ҳисоби олам аст. Масалан, ҳимоят аз ҳаққу адолат як ҳисоби маънавӣ дорад моварои ҳисобҳои моддӣ ва маҳсус. Ҷаҳон ба ҳаққу адолат барпост ва ба ҳимояти касоне, ки ба ҳимояти ҳаққу адолат бармехезанд, бармехезад, ва аҷру подоши онҳоро зойеъ намекунад:

إِن تَنصُرُوا اللَّهَ يَنصُرْكُمْ وَيُثَبِّتْ أَقْدَامَكُمْ

*“Агар ба ёрии Худо (ҳақиқат) бархезед, Худо (ҳақиқат) ба ёрии шумо бармехезад.”* (*Сураи Муҳаммад (с), ояти 7*)

إِنَّ اللَّهَ يُدَافِعُ عَنِ الَّذِينَ آمَنُوا إِنَّ اللَّهَ لَا يُحِبُّ كُلَّ خَوَّانٍ كَفُورٍ

*“Худованд мудофеъи аҳли имон аст ва хиёнаткорони кофири неъматро дӯст намедорад.”* (*Сураи Ҳаҷ, ояти 38*)

وَلَيَنصُرَنَّ اللَّهُ مَن يَنصُرُهُ إِنَّ اللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ

*“Худованд ёрӣ мекунад он касро, ки ӯро ёрӣ кунад. Худованд нерӯманду ғолиб аст.”* (*Сураи ҳаҷ, ояти 40*)

Яке аз ҳисобҳои олам, таваккул ва эътимод ба Худост. Таваккул яъне инсон дар паймудани роҳи ҳақ, ба худ тазалзул роҳ надиҳад ва мутмаин бошад, ки агар дар ҷараёни зиндагӣ ҳадафи саҳеҳу Худописанди худро дар назар бигирад, на манофеи шахсиро, агар фаъолияти худро мутаваҷҷеҳи анҷоми вазифа кунад, на мутаваҷҷеҳи худ, кори худро ба Худо бозгузорад, Худованд ӯро таҳти ҳимояти худ қарор медиҳад.

Инҳо ва амсоли инҳо як силсила ҳисобҳои махсусе аст, ки фақат дар ҷаҳонбинии илоҳӣ мавҷуд аст ва аз назари ҷаҳонбинии илоҳӣ ҷузъи омилҳои иллӣ ва маълулӣ ва мазоҳири қазо ва қадар аст. Бинобар ин, эътиқоди дуруст ба қазо ва қадари илоҳӣ, як нафар боимонро дар амал ва фаъолияти саҳеҳ, мутмаинтар ва ба натиҷаи кор умедвортар мекунад. Зеро аз назари моддӣ, суннатҳои ташреъӣ — яъне муқаррароте, ки хуб аст ва бояд башар ба онҳо амал кунад — ҳисоби махсусе дар миёни суннатҳои таквинӣ надорад. Ҳаққу ботил, дурусту нодуруст, адолату ситам як ҷур ҳисоб доранд. Ҷаҳон нисбат ба тарафдорони ҳар як аз инҳо бетараф аст. Аммо аз назари илоҳӣ, ҷаҳон нисбат ба ин умур бетараф нест; тарафдори аҳли ҳақ ва дурустӣ ва адолат аст.

Мӯътақид ба тақдири илоҳӣ, ба ҳикмат ва раҳмат ва адолати илоҳӣ низ мӯътақид аст. Мӯътақид аст агар касе ризои Худоро таҳсил кунад, яъне аз суннати ташреъии илоҳӣ пайравӣ кунад, дар канафи онҳо маҳфуз хоҳад монд. Ин гуна эътиқод ба тақдир ва тадбири илоҳӣ, ки натиҷааш таваккул ва эътимод ба Худост, тарс аз марг ва нобудӣ ва ҳамчунин

тарс аз фақру бечизиро аз миён мебарад ва бузургтарин нуқтаи заъфи одамиро, ки тарс аз нестӣ ё ҳастии шақоватолуд аст, ислоҳ мекунад.

Эътиқод ба вуҷуди ин гуна ҳисобҳо дар кори олам буд, ки мусалмонони садри исломро он андоза фаъолу кӯшо ва шуҷоъу далер бор овард, ки дар ҷаҳон монанд надорад. Қуръони Карим васфулҳоли онҳоро ин тавр зикр мекунад:

**الَّذِينَ قَالَ لَهُمُ النَّاسُ إِنَّ النَّاسَ قَدْ جَمَعُواْ لَكُمْ فَاخْشَوْهُمْ فَزَادَهُمْ إِيمَانًا وَقَالُواْ حَسْبُنَا اللّهُ وَنِعْمَ الْوَكِيلُ. فَانقَلَبُواْ بِنِعْمَةٍ مِّنَ اللّهِ وَفَضْلٍ لَّمْ يَمْسَسْهُمْ سُوءٌ وَاتَّبَعُواْ رِضْوَانَ اللّهِ وَاللّهُ ذُو فَضْلٍ عَظِيمٍ**

*"Онон, ки мардум ба онҳо гуфтанд: ҷамъияти анбӯҳе барои нобудии шумо гирд омадаанд, пас битарсед аз онҳо, аммо ин таҳдид ҷуз бар имони онҳо наяфзуд ва гуфтанд: ҳимояти Худо моро бас аст ва ӯ хуб коргузоре аст! Пас бозгаштанд бо неъмате аз Худованд ва тафаззуле аз ҷониби ӯ дар ҳоле, ки ҳеч гуна бадӣ ба онҳо нарасида буд ва танҳо хушнудии Худоро дар назар гирифтанд ва пайҷӯӣ карданд. Худованд соҳиби тафаззуле бузург аст." (Сураи Оли Имрон, оятҳои 173-174*)

Бо ин баён, имтиёзи комили эътиқод ба қазо ва қадари илоҳӣ тибқи таълимоти Қуръони Маҷид, аз эътиқод ба сарнавишт ва қазо ва қадари моддӣ, ки як нафар материалист тибқи низоми иллату маълули моддӣ дорои он аст, комилан равшан аст.

Як нафар моддӣ ҳар андоза ба маслаку равишу ойини худ мӯъмину мӯътақид бошад, беш аз ин ақида надорад, ки ба ҳар андоза саъю кӯшишу муҷоҳидат дар роҳи таҳаққуқ бахшидан ба ормони худ ба харҷ диҳад, натиҷа мегирад. Аммо як нафар мусалмони мӯъмину мӯътақид ба қазо ва қадари илоҳӣ, ақида дорад, ки ҷаҳон тавре сохта шудааст, ки агар ӯ дар роҳи ақида ва имони худ фидокорӣ кунад ва кӯшиш ба харҷ диҳад, дастгоҳи иллӣ ва маълулии ҷаҳон ба ҳимояти ӯ бармехезад ва ӯро аз пуштибонии худ баҳраманд мекунад; садҳо ҳазор баробари нерӯе, ки ӯ худ дар роҳи ҳадафи худ масраф мекунад, нерӯи захира дар ҷаҳон ҳаст, ки дар чунин шароите ба ёрии ӯ ба кор меафтад.

Аз назари моддӣ, як нафар тарафдори ҳақиқату адолат ҳамон қадр бояд ба асари фаъолияти худ мутмаинну умедвор бошад, ки як нафар тарафдори зулму ботил ба фаъолиятҳои худ ва асари онҳо мутмаин аст; зеро ба ақидаи ӯ, аз назари ҷаҳон ва ҷараёни куллии олам, фарқе миёни он ду нафар нест, вале аз назари мактаби илоҳӣ, байни ин ду тафовут бисёр аст.

# Мантиқи ихтисосии Қуръон

Қаблан гуфтем, ки гуфтугӯ дар масъалаи ҷабру қадар аз нимаи дуввуми қарни аввали ҳиҷрӣ расман дар миёни мутакаллимони исломӣ оғоз ва мавриди таҷзияву таҳлил воқеъ шуда. Қадимитарин масъалаи каломӣ, ҳамин масъала аст. Мутакаллимон натавонистанд ин масъаларо дуруст таҷзияву таҳлил кунанд ва мунҳариф шуданд: гурӯҳе тарафдори ҷабр ва гурӯҳе тарафдори қадар шуданд. Дар миёни умуми аҳли калом эътиқод ба тақдир мусовӣ бо ҷабр, ва эътиқод ба ихтиёру озодии башар мусовӣ бо нафйи тақдир шинохта мешуд.

Ва аммо эътиқод ба тақдир дар айни эътиқод ба ихтиёр, ҳарчанд мавриди қабули замири содда ва софи мусалмонони садри аввал буд, аммо ҳамин, ки дар чаҳорчӯби калом қарор гирифт ва ранги фалсафӣ ёфт, натавонист мавриди қабули он мардум воқеъ шавад, ҳамчунон ки барои мардуми чаҳордаҳ қарни баъд аз онҳо низ мушкил ба назар мерасад.

Қуръони Карим ва ҳамчунин ривоёти зиёд ва ғайриқобили инкоре, ки дар ин замина аз шахси Расули Акрам (с) ё имомони аҳли байт (а) расидааст, ки бо камоли сароҳат, ҳам мегӯяд ҳама чиз ба қазо ва қадари илоҳӣ аст ва ҳам инсонро омили таъсиргузор дар сарнавишти худ ва масъули аъмолу афъоли худ муаррифӣ мекунад.

Мо дар гузашта намунае аз ҳар ду даста оятҳои Қуръон зикр кардем ва гуфтем, ҳам тарафдорони ҷабр ва ҳам тарафдорони қадар дар садади таъвилу тавҷеҳи оятҳои Қуръон баромаданд. Тарафдорони ҷабр, оятҳои ҳикояткунандаи ихтиёру озодӣ ва масъулияти башарро таъвил карданд, ва тарафдорони ихтиёр, оятҳои ҳикояткунандаи тақдири куллии илоҳиро.

Бадеҳӣ аст, ки пас аз он, ки муаммо ҳал шуд ва маълум шуд ҳеч гуна мулозимае байни умумияти тақдир ва маҷбур будани инсон ва ҳамчунин байни ихтиёри ӯ ва нафйи тақдир вуҷуд надорад, таноқузу таъоруз худ ба худ ҳал мешавад ва ниёзе ба таъвилу тавҷеҳ нест. Масалан, он ҷо, ки Қуръони Карим ҳидояту залолат, иззату қудрат, ризқу саломат ва ҳатто ҳасаноту сайиотро ба машиат ва тақдири илоҳӣ мустанад мекунад ва мегӯяд:

فَيُضِلُّ اللّٰهُ مَن يَشَاءُ وَيَهْدِي مَن يَشَاءُ

*“Худо ҳар касро бихоҳад, гумроҳ, ва ҳар касро бихоҳад, ҳидоят мекунад.”* (*Сураи Иброҳим, ояти 4*)

Ё мегӯяд:

**قُلِ اللَّهُمَّ مَالِكَ الْمُلْكِ تُؤْتِي الْمُلْكَ مَن تَشَاء وَتَنزِعُ الْمُلْكَ مِمَّن تَشَاء وَتُعِزُّ مَن تَشَاء وَتُذِلُّ مَن تَشَاء بِيَدِكَ الْخَيْرُ إِنَّكَ عَلَىَ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ**

*“Бигӯ: эй Худо! Эй соҳиби қудрат! Ту ба он кас, ки бихоҳӣ, фармонравоӣ медиҳӣ, ва аз он кас, ки бихоҳӣ, бозмеситонӣ. Ҳар киро бихоҳӣ, иззат медиҳӣ, ва ҳар киро бихоҳӣ, хор месозӣ. Хубӣ дар дасти туст, ҳамоно ту бар ҳар чиз тавоноӣ.”* (*Сураи Оли Имрон, ояти 26*)

Ё мегӯяд:

**إِنَّ اللَّهَ هُوَ الرَّزَّاقُ ذُو الْقُوَّةِ الْمَتِينُ**

*“Ҳамоно Худованд танҳо касе аст, ки рӯзидиҳандаи соҳиби нерӯи муҳкам аст.”* (*Сураи Зориёт, ояти 58*)

Ва ё мегӯяд:

**وَفِي السَّمَاء رِزْقُكُمْ وَمَا تُوعَدُونَ**

*“Рӯзии шумо ва ҳар чӣ ба шумо ваъда дода мешавад, дар болост.”* (*Сураи Зориёт, ояти 22*)

Ё аз забони ҳазрати Иброҳими Халил (а) мегӯяд:

**وَالَّذِي هُوَ يُطْعِمُنِي وَيَسْقِينِ. وَإِذَا مَرِضْتُ فَهُوَ يَشْفِينِ. وَالَّذِي يُمِيتُنِي ثُمَّ يُحْيِينِ**

*“Ва (Худо) касе, ки ӯ маро аз ғизо сер ва аз об сероб мекунад ва ҳангоме, ки бемор гардам шифо медиҳад ва касе, ки маро мемиронад ва сипас зинда мекунад.”* (*Сураи Шуъаро, оятҳои 79-81*)

Ё дар бораи ҳасаноту сайиот мегӯяд:

**قُلْ كُلًّ مِّنْ عِندِ اللّهِ**

*“Бигӯ: ҳама аз назди Худост.”* (*Сураи Нисо, ояти 78*) – ҳеч як аз инҳо мусталзими нафйи дахолати иллатҳо ва асбоби табиӣ нест. Бинобар ин, байни ин оятҳо ва оятҳое, ки сареҳан дахолати худи башарро дар ҳидояту залолат, ё дар иззату қудрат, ё дар ризқу саломат, ё дар ҳасаноту сайиот таъйид мекунад, мунофоте нест, мисли ин ки мегӯяд:

**وَأَمَّا ثَمُودُ فَهَدَيْنَاهُمْ فَاسْتَحَبُّوا الْعَمَى عَلَى الْهُدَى**

*“Аммо Самуд, мо онҳоро ҳидоят кардем, сипас онҳо худашон кӯриро бар ҳидоят тарҷеҳ доданд...” (Сураи Фуссилат, ояти 17*)

Ё он ки пас аз зикри сарнавишти шуму зиллатбори фиръавниён ва суқути онҳо аз авҷи иззат ба ҳазизи зиллат, мефармояд:

**ذَلِكَ بِأَنَّ اللہَ لَمْ يَكُ مُغَيِّرًا نِّعْمَةً أَنْعَمَهَا عَلَى قَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُواْ مَا بِأَنفُسِهِمْ**

*“Он бад-он ҷиҳат буд, ки Худованд чунин нест, ки неъматеро, ки ба қавме дода иваз кунад, магар он ки онҳо ҳар чӣ марбут ба худашон аст иваз кунанд...” (Сураи Анфол, ояти 53*)

Ё он ки дар мақоми интиқод аз ақидаи ҷабрии мушрикин мегӯяд:

**وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ أَنفِقُوا مِمَّا رَزَقَكُمْ اللَّهُ قَالَ الَّذِينَ كَفَرُوا لِلَّذِينَ آمَنُوا أَنُطْعِمُ مَن لَّوْ يَشَاءُ اللَّهُ أَطْعَمَهُ**

*“Ҳар гоҳ ба онҳо гуфта шавад: аз рӯзиҳое, ки Худованд ба шумо дода инфоқ кунед, мегӯянд: оё касонеро сер кунем, ки Худо агар мехост худаш онҳоро сер мекард? (Яъне Худо онҳоро зада вагарна худаш онҳоро сер мекард.)” (Сураи Ёсин, ояти 47*)

Ё мегӯяд:

**ظَهَرَ الْفَسَادُ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ بِمَا كَسَبَتْ أَيْدِي النَّاسِ**

*“Фасод дар саҳрову дарё падид омада ба мӯҷиби осоре, ки башар аз корҳои худ ба даст овардааст...” (Сураи Рум, ояти 41*)

Сирри матлаб чунонки қаблан ишора шуд ин аст, ки қазо ва қадар ва машиату ирода ва илм ва инояти Ҳақ Таъоло иллате аст дар тӯли иллатҳои табиӣ, на дар арзи онҳо. Тамоми низоми муназзами лониҳоии иллатҳо ва асбоб, муттакӣ ва мунбаъис (бархоста) аст аз ирода ва машиати Ҳақ ва қазо ва қадари илоҳӣ. Таъсир ва иллияти ин иллатҳо ва асбоб аз назаре айни таъсир ва иллияти қазо ва қадар аст.

Аз ин рӯ ин тақсим ғалат аст, ки бигӯем: чӣ чиз феъли Худост ва чӣ чиз феъли Худо нест. Ё он ки агар чизе ва феъле ба Худо нисбат дода шуд, бигӯем: пас, он чиз феъли махлуқ нест. Ва агар ба махлуқот нисбат дода шуд, бигӯем: пас он чиз феъли махлуқ аст ва феъли Худо

нест. Миёни холиқ ва махлуқ тақсими кор ғалат аст; ҳама чиз дар айни ин ки феъли фоил ва сабаби наздики худ аст, феъли Худованд ҳам ҳаст.

Дар "*Туҳафул-ъуқул*" сафҳаи 468 зимни ҳадиси муфассале аз Имом Ҳодӣ (а), ки менумояд рисолае аст, ки Имом дар мавзӯи ҷабру тафвизу адл ба гурӯҳе аз пайравонаш навиштааст, менависад:

Шахсе аз ҳазрати Амирулмӯъминин Алӣ (а) аз қудрату иститоат суол кард, ки оё инсон қудрату иститоат дорад ва корҳоро бо қудрату иститоати худ мекунад, ё фоқиди қудрату иститоат аст? Ва агар қудрату иститоат дорад ва корҳоро бо ҳавлу қувваи худ мекунад, пас дахолати Худованд дар коре, ки инсон ба қудрату иститоати худ мекунад чӣ гуна аст?

Аз матни ҳадис чунин истифода мешавад, ки суолкунанда мӯътақид буда, ки инсон дорои қудрату иститоат ҳаст ва корҳоро бо қудрату иститоати худ мекунад, бинобар ин дахолати тақдири илоҳӣ барояш ғайримафҳум будааст.

Имом ба ӯ фармуд:

**سألت عن الاستطاعة تملكها من دون الله أو مع الله**

"Ту аз иститоат суол кардӣ. Оё ту, ки молики ин иститоат ҳастӣ, ба худии худ ва бидуни дахолати Худованд соҳиби ин иститоатӣ ё бо ширкати Худованд соҳиби он ҳастӣ?

Суолкунанда дар ҷавоб мутаҳайир монд чӣ бигӯяд. Имом фармуд:

Агар муддаӣ шавӣ, ки ту ва Худо бо ҳам соҳиби ин иститоату қудрат ҳастед.. худро шарики Худо ва ҳамдӯшу ҳамкор бо Худо фарз кардаӣ; ва ин куфр аст. Ва агар бигӯӣ: бидуни Худо соҳиби ин иститоат ҳастӣ… худро мустақил ва бениёз аз Худо фарз кардаӣ; ин низ куфр аст; зеро истиқлол дар ҳар шаъне аз шуъун мусталзими истиқлол дар зот ва мунофӣ бо имкони зотӣ ва мусталзими вуҷуби зотӣ аст.

Соил пурсид: пас чӣ бигӯям? Фармуд:

**إنك تملكها بالله الذي يملكها من دونك. فان يملكها إياك كان ذلك من عطائه، وان يسلبكها كان ذلك من بلائه، هو المالك لما ملكك والقادر على ما عليه أقدرك**

*"Ту ба машиат ва иродаи Ҳақ соҳиби иститоат мебошӣ, дар ҳоле, ки дар ҳамин ҳол Худованд соҳиби мустақилли ин иститоат аст. (Яъне, ту соҳиби ин иститоатӣ, аммо соҳиби муттакӣ*

*ба ғайр ва ғайри қоим ба зот; ва аммо ӯ соҳиби ҳамин иститоат аст, аммо соҳиби қоим ба зот ва ғайри муттакӣ ба ғайр.) Агар ба ту иститоат медиҳад, ин иститоати ту атияи ӯст, ва агар аз ту салб мекунад, туро дар бӯтаи озмоиш қарор медиҳад. Дар айни ҳол бояд бидонӣ, он чи ба ту тамлик мекунад, дар айни ин ки ба ту тамлик мекунад, худаш молики ӯст. Туро ба ҳар чӣ қодир месозад, боз таҳти қудрати худи ӯст ва аз таҳти қудрати ӯ хориҷ намешавад."*

Хулосаи мазмуни ҳадис ин аст, ки: ҳар асаре дар айни ин ки ба фоили (анҷомдиҳандаи) худ мустанад аст, ба Худованд мустанад аст. Агар он асарро ба фоил ва таъсиргузори оддӣ ва табиии вай нисбат диҳем, ӯро ба фоили ғайри қоим ба зоти ӯ нисбат додаем. Ва агар ба Худованд нисбат диҳем, ӯро ба фоили қоим ба зоти ӯ нисбат додаем. Худованд ба мавҷудот хоссияти таъсиру имкони таъсир медиҳад ва ато мекунад. Аммо ато ва тамлики илоҳӣ бо ато ва тамлики башар, ки чизеро ба каси дигар тамлик мекунад ё мебахшад, мутафовит аст. Тамлик ё эътои башар чизеро, мусталзими хуруҷи он шайъ аст аз милки тамликкунанда ё бахшанда, ва то аз милкияти ӯ хориҷ нашавад, ба милкияти дигаре дарнамеояд. Аммо тамлик ва эътои Худованд бо ҳифзу бақои моликияти Худованд мунофот надорад, балки шаъне аз шуъун ва мазҳаре аз мазоҳири моликияти Худованд аст. Худованд ба ҳамаи ашё таъсир ва асар мебахшад ва тамлик мекунад ва дар айни ҳол, худ молики мустақилли ҳамаи таъсирҳо ва асарҳост.

Ахбору аҳодиси зиёде ба ин мазмун ё қариб ба ин мазмун ҳаст, ки наметавонем ҳамаи онҳоро дар ин рисола зикр кунем ва шарҳ диҳем.

## Сатҳи олӣ

Чизе, ки барои як нафар муҳаққиқи ошно ба масоили тавҳид бисёр-бисёр эъҷобовар аст, мантиқи махсусе аст, ки Қуръони Карим ва пас аз он, ривоёти ҳазрати Расули Акрам (с) ва Алӣ (а) ва соири имомони аҳли байт (а) дар масоили тавҳид пеш гирифтаанд. Ин мантиқ аслан ва абадан бо мантиқи он асру замон татбиқ намекунад, балки бо мантиқи қарнҳо баъд, ки калом равнақ гирифт ва мантиқу фалсафа роиҷ шуд низ татбиқ намекунад; басе болотар ва волотар аз онҳост.

Он чи дар масъалаи сарнавишт ва қазо ва қадар ва ҷабру ихтиёр омадааст, намунае аз ин мантиқ аст. Ин худ мерасонад, ки Қуръони Карим аз манбаъ ва маншаи дигаре сарчашма

гирифта ва он кас, ки Қуръон бар забони муқаддаси ӯ ҷорӣ шудааст, ҳақоиқи тавҳидиро бо дидаи дигаре медида ва мушоҳида мекардааст. Ва ҳам мерасонад, ки аҳли байти Пайғамбар (с) ошноияшон бо мантиқи Қуръон ва улуми Қуръон бо дигарон мутафовит будааст.

Дар ҷоҳое, ки дигарон ба иқтизои баландии матлаб аз сатҳи оддии афкори башарӣ дучори саргиҷа будаанд, он бузургворон ҳақоиқро бо равшанбинии хоссе баён кардаанд. Ҷои таъаҷҷуб нест агар дида мешавад ҳатто мутакаллимони шиъа қодир набудаанд ин масоилро дуруст ҳазм кунанд, ки инҳирофе барои онҳо даст надиҳад.

Ҳангоме, ки инсон ба калимоти бузургоне монанди Шайх Муфид ва Сайид Муртазо ва Алломаи Ҳиллӣ ва Маҷлисӣ ва амсоли инҳо бархӯрд мекунад ва баёноти ононро дар ин заминаҳо дар китобҳои каломӣ ё дар шарҳи аҳодис мебинад, мутаваҷҷеҳ мешавад, ки ин шахсиятҳои бузург аз қарор гирифтан таҳти таъсири баёноти Мӯътазила ва Ашоъира дар амон намондаанд; тарзи тафаккурашон наздик ба тарзи тафаккури Мӯътазила ё Ашоъира будааст ва ночор будаанд то ҳадди зиёде оятҳо ва ахборро дар ин гуна масоил таъвилу тавҷеҳ кунанд. Бадеҳӣ аст ин нақсе барои он бузургон маҳсуб намешавад. Ҳар каси дигар ҳам, ки дар шароити онҳо мебуд, наметавонист аз он чи онҳо дар амон намондаанд, масун бимонад. Дар ҳамаи шарқу ғарби олам, ин мантиқ мунҳасир аст ба Қуръони Карим ва фаразандон ва парвардагони ин китоби муқаддас, яъне имомони аҳли байт (а).

Дигарон тадриҷан ва қадам ба қадам дар асари ошноии усулӣ бо ин гуна масоил ва таъаммуқу тафаккури зиёд ба ин ҳарим роҳ ёфтаанд.

Баъзе аз донишмандоне, ки дар асри мо зиндагӣ мекардаанд, бо он ки аз лиҳози тарзи тафаккури иҷтимоӣ ва таҷзияву таҳлили он масоил аз худ шоистагӣ нишон медиҳанд, вақте ки ба ин гуна масоил мерасанд, ҳамон андоза дучори саргиҷа мешаванд, ки мутакаллимон мешуданд. Барои намуна, Аҳмад Амини Мисрӣ, соҳиби китобҳои "*Фаҷрул-ислом*" ва "*Зуҳал-ислом*" ва "*Зуҳрул-ислом*" ва "*Явмул-ислом*"-ро метавон зикр кард.

Аҳмад Амин дар баррасиҳои иҷтимоӣ то ҳадди зиёде аз худ шоистагӣ нишон медиҳад, аммо дар ин гуна масоил ҳамон андоза нотавон аст, ки мутакаллимон нотавон будаанд. Аҳмад Амин дар охири "*Фаҷрул-ислом*" фасле таҳти унвони "*Ҷабру қадар*" боз кардааст, аммо маҷмӯан фаҳмида мешавад, ки аз назари ӯ эътиқод ба тақдир бо ақидаи ҷабр мусовӣ

аст. Аҳмад Амин бовар намекунад, ки ахбори тақдир сиҳҳате дошта бошад, ҳамон тавре, ки наметавонад бовар кунад “*Наҳҷул-балога*” аз Алӣ (а) аст. Албатта ӯ аз ин ҷиҳот гуноҳкор нест; сармояии илмии ӯ ба ӯ иҷозаи қабул намедиҳад. Усулан бояд донист донишманде, ки сармояаш мунҳасир ба улуми иҷтимоӣ аст, чӣ урупоӣ ва чӣ мисрӣ ва чӣ эронӣ, ҳаргиз қодир нест бо он сармоя дар таърихи маорифи исломӣ изҳори назар намояд.

Таърихнависон ва шарқшиносони урупоӣ ҳар вақт дар ин масъала изҳори назар кардаанд, ё расман исломро як дини ҷабрӣ муаррифӣ кардаанд ё муддаӣ шудаанд, ки ақидаи қазо ва қадар дар Қуръон нест ва дар садри ислом ҳам набуда ва баъд мутакаллимон ин ақидаро ибдоъ кардаанд. Масалан, дар таърихи Олбер Мола (*Albert Malet*) ҷилди севвум, фасли шашум, сафҳаи 99 зимни изҳори назар дар бораи усули дини ислом чунин мегӯяд:

*“Асли асили дини ислом ин аст: Худо якест, Муҳаммад (с) расули ӯст… Уламо ва мутакаллимони ислом баъдҳо таълим доданд, ки Худованд қаблан сарнавишти ҳар касро муайян мекунад ва машиати ӯ тағйирнопазир аст; инро тариқаи ҷабр гӯянд…”*

Густов Лебун (*Gustave Le Bon*) бо лаҳни дифоъ аз Қуръон, мегӯяд:

*“Он чи дар Қуръон дар ин замина расидааст, беш аз он чи дар соири китобҳои муқаддас омадааст нест…”*

Он гоҳ оятҳое чанд аз Қуръони Карим нақл мекунад ва пас аз як силсила баҳсҳо мегӯяд:

*“Аммо эътиқод ба тақдир, ки исломро дар ин боб мулзам қарор додаанд, ин илзом ҳам мисли соири илзомот бе появу моя аст. Мо оятҳоеро, ки дар мавзӯи қазо ва қадар аст, собиқан аз назари хонандагон гузаронидем. Он оятҳо беш аз оятҳое нест, ки дар ин хусус дар китоби муқаддаси мо дарҷ аст. Тамоми ҳукамо ва мутакаллимон (-и масеҳӣ) хусусан Лутер қоиланд, ки куллияи ҳаводис ва воқойеъи олам он чи ҳаст ҳама муқаддар шуда ва қобили ҳеч гуна табдилу тағйир нест. Худи Лутер, ки муслиҳи мазҳаби масеҳӣ аст, менависад: дар ин боб шавоҳиде, ки аз китоби муқаддас дар даст мебошад, тамоман мунофӣ ва мухолиф бо масъалаи ихтиёр аст ва ин қароину шавоҳид дар бисёре аз мавориди китоб, мавҷуд, балки тамоми китобҳо пур аст аз ин қабил аморот…”*

Он гоҳ ба ақидаи тақдир дар миёни қудамои Руму Юнон ишора мекунад, сипас мегӯяд:

*“Пас маълум шуд ислом беш аз соири адён масъалаи тақдирро аҳаммият надода. Ҳатто ба қадри уламои муосир, ки дар пайравӣ аз ақволи Лоплос ва Лейбнитс аҳаммият ба ин масъала додаанд,*

*ислом ин қадр ҳам онро қобили таваҷҷӯҳ қарор надодааст…“* (*Таърихи тамаддуни ислом ва араб, с.141 ва 149*)

Густов Лебун қабул мекунад, ки ақида ба тақдир мусталзими ҷабр ва нафйи ихтиёр аст, вале мегӯяд, дар тамоми адён ва бисёре аз системҳои фалсафӣ ин ақида ҳаст; ихтисос ба Қуръон надорад.

Вил Дуронт дар "*Таърихи тамаддун*" пас аз он ки мазмуни оятҳое аз Қуръонро дар заминаи шумул ва умумияти илму машиати илоҳӣ нақл мекунад, ва низ ба ҳадиси маъруфе, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ аст ишора мекунад, мегӯяд:

"*Ин эътиқод ба қазо ва қадар ҷабригариро аз лавозими тафаккури исломӣ кардааст…“* (*Таърихи тамаддун, ҷ.11, с.41*)

Хуб аст сухане ҳам аз оқои Думиник Сурдил (*Dominique Sourdel*) гӯш кунем. Вай дар китобе, ки ба номи "*Ислом*" навишта ва ҷузъи маҷмӯаи "*Чӣ медонам?*" мунташир ва ба форсӣ тарҷума шудааст, мегӯяд:

"*Аз огози давраи исломӣ, мусалмонон ба хаёли худ таноқузоте дар он (Қуръон) ёфтанд ва ҳатто мутобиқи ҳадисе, ки дар даст аст, Пайгамбар дар ҷавоби онҳо фармуд: "Ба он чи боиси нороҳатии шумо мешавад, имон дошта бошед." Баъдҳо мусалмонон, ки намехостанд баъзе усулро сарсарӣ бипазиранд, кӯшиданд баъзе аз иборот ва калимоти Қуръонро тафсир кунанд ва аз ин ҷост, ки илми тафсир ба вуҷуд омад. Нахустин суоле, ки ба назари мусалмонон омад ин буд, ки агар башар натавонад алайҳи амри Худованд (қадар) иқдоме кунад ва бо вуҷуди ин Худованд подоши ӯро ба мӯҷиби аъмоли хубу бади ӯ бидиҳад, оё қудрати худовандӣ ва масъулияти башар мутаноқиз намеояд? Қуръони Карим низ ба ин суол посухе намедиҳад. Дар воқеъ, қудрати комилаи худовандӣ чунон дар саросари Қуръон ба чашм мехӯрад, ки ҷое барои озодии башар боқӣ намегузорад. Ба ин тариқ ҳисси масъулияти башар дар баробари таслим ба амри Худованд вуҷуд надорад…“* (*Чӣ медонам? Тарҷумаи дуктур Давлатшоҳӣ, с.55 ва 56*)

Китоби оқои Думиник Сурдил пур аст аз ин "таҳқиқоти олӣ"! Ин аст тарзи тафаккур ва истинботи мусташриқон, ва ин аст мизони салоҳияти онҳо дар ин гуна масоил!

Аз он чи гузашт маълум шуд, ки масъалаи сарнавишт ва қазо ва қадар дар худи Қуръони Маҷид мукаррар зикр шуда ва аз ибдоъоти мутакаллимон нест. Ба илова, эътиқод ба

сарнавишт ва қазо ва қадари умумӣ он тавр, ки Қуръон таълим медиҳад, бо маслаки ҷабр аз замин то осмон фосила дорад.

Маъмулан мусташриқони урупоӣ Мӯътазиларо ситоиш мекунанд аз он назар, ки Мӯътазила мункири қазо ва қадар мебошанд, зеро ба ақидаи мусташриқон, эътиқод ба сарнавишт айни эътиқод ба ҷабр аст.

Бидуни шак агар Мӯътазиларо бо Ашоъира муқоиса кунем, Мӯътазила аз ҳуррияту истиқлоли фикрии шоистае бархӯрдор будаанд. Иқдоми Мутаввакили Аббосӣ алайҳи Мӯътазила ва ба курсӣ нишондани равиши ашъариро бояд фоҷиаи бузурге барои ҷаҳони ислом шумурд, аммо дар хусуси масъалаи қазо ва қадар ва сарнавишт, инҳироф ва иштибоҳи Мӯътазила аз Ашоъира камтар нест. Мусташриқон, ки бо маорифи исломӣ ошноии амиқе надоранд ва хаёл мекунанд эътиқод ба сарнавишт айни эътиқод ба ҷабр аст, Мӯътазиларо дар ин масъала мавриди ситоиш қарор медиҳанд.

Дар ҷилди аввали "*Таърихи адабии Эрон*", таълифи Эдворд Броун, сафҳаи 411 мегӯяд:

*"Фирқаи Қадария ё Мӯътазила бештар аҳаммият дошт ва тарафдори озодии ирода ё тариқаи тафвизу ихтиёр буд. Ба гуфтаи дуктур Эштойнер: "Беҳтарин тавсифи Мӯътазила ин аст, ки бигӯем, зуҳури ин қабил афкор дар ҳукми эътирозе аст, ки пайваста ақли салими башар бар аҳкоми ҷобирона ва таълимоти муқаррара ва маҳдуда намудааст." Мӯътазила худро аҳли адлу тавҳид ё тарафдорони адли илоҳӣ ва яктопарастӣ медонистанд. Мегуфтанд, қисмати азалӣ ба ақидаи Ашоъира он аст, ки Худованд сарнавишти ҳар касро қаблан таъйин намояд ва гуноҳонеро кайфар диҳад, ки худ бар башар ба ҷабр таҳмил кардааст ва башарро дар баробари тақдиру сарнавишт, қудрати истиқомат ва пойдорӣ набошад…"*

Ин тарзи тафаккури Мӯътазила яъне ин ки сарнавишт мусталзими ҷабр аст, мавриди таъйиди мусташриқон аст.

## Решаи таърихӣ

Яке аз мабоҳиси қобили таваҷҷӯҳ ин аст, ки маншаи пайдоиши ин афкору ақоид ва ин баҳсу ҷадалҳо чист? Чӣ тавр шуд, ки мусалмонон аз нимаи аввали қарни аввал ва ҳаддиаксар аз нимаи дуввуми он қарн, вориди баҳси ҷабру қадар шуданд.

Бидуни шак, иллати вуруди мусалмонон дар ин мабоҳис, оятҳои Қуръон ва калимоти Расули Акрам (с) аст. Масъалаи сарнавишт ва ҳам масъалаи озодӣ ва ихтиёри башар, аз масоиле аст, ки табиатан мавриди алоқаи ҳар касе аст, ва чун ин масъала мукаррар дар китоби осмонии мусалмонон тарҳу унвон шуда ва оятҳое дар камоли сароҳат, сарнавиштро таъйид мекунад ва оятҳои дигар ба ҳамин сароҳат башарро мухтору озод муаррифӣ мекунад, хоҳ нохоҳ онҳоро ба фикру андеша ва баҳсу гуфтугӯ водор мекард.

Аммо мусташриқон ва дунболаравонашон муддаӣ ҳастанд, ки ин афкор решаи дигар дорад. Чунонки қаблан гуфтем, баъзе аз муаррихони урупоиро ақида ин аст, ки масъалаи сарнавишт ва ҷабру ихтиёр баъдҳо дар миёни мутакаллимони исломӣ унвон шуд ва дар ислом сухане аз ин матолиб нест, на аз ҷабр ва на аз ихтиёр. Вале баъзе дигар дар суханони худ чунин вонамуд мекунанд, ки фикри Ашоъира мабнӣ бар ҷабр ва адами озодии башар ҳамон чизе аст, ки ислом таълим додааст, аммо Мӯътазила зери бори ин ҳарфи ислом монанди бисёре аз ҳарфҳои дигари ислом, ки бо ақлу мантиқ мунтабиқ намешуд, нарафтанд ва мавзӯи озодӣ ва ихтиёри башарро Мӯътазила барои аввалин бор дар миёни мусалмонон унвон карданд. Тоза, Мӯътазила низ ин фикрро аз пеши худ ибдоъ накарданд; дар асари муоширату муҷовират бо миллатҳои дигар ва махсусан масеҳиён, мутаваҷҷеҳи ин фикри бикри олӣ шуданд.

Дар "*Таърихи адабии Эрон*", таълифи Эдворд Броун, ҷилди аввал, сафҳаи 413 мегӯяд:

*"Вон Кремер (Von Kremer) мӯътақид аст фикри озодии иродаро Маъбади Ҷуҳанӣ ба тақлид ва пайравӣ аз як эронии мавсум ба Синбавайҳ дар поёни қарни ҳафтум (-и мелодӣ) дар Димишқ тарвиҷ мекард…"*

Дар сафҳаи 412 мегӯяд:

*"Ба назари Вон Кремер маҳалли таквин ва такомули мӯътақадоти ин қавм Димишқ буда ва таҳти нуфузи мутааллиҳони Бизонс, ба хусус Яҳёи Димишқӣ ва муриди ӯ Теудур Абуқурра будааст…"*

Маълум мешавад ба назари Вон Кремер он эронӣ ҳам, ки ба ақидаи ӯ ибтидоан фикри озодӣ ва ихтиёрро ба Маъбади Ҷуҳанӣ талқин кард, аз фуюзоти мутааллиҳони масеҳии румӣ бахраманд шудааст!

Агар инчунин аст, пас барои баҳс дар масоили тавҳиду маъод ва балки намозу рӯза ҳам бояд инчунин решаи таърихӣ ҷустуҷӯ кунем ва лобуд иллати ин ки мусалмонон мутаваҷҷеҳи баҳс дар тавҳиду маъод ва намозу рӯза шуданд, собиқаҳое аст, ки ин мабоҳис дар ҳавзаҳои масеҳӣ доштааст.

Ҳақиқат ин аст, ки мусташриқон на салоҳияти таҳқиқ дар ақоиду афкори исломиро доро мебошанд ва на ғолибан ҳусни нияти онро. Он ҷо, ки дар мақоми таҷзияву таҳлили афкору ақоиди исломӣ бармеоянд ва масалан вориди масоили марбут ба каломи исломӣ ё ирфону тасаввуф ё фалсафа мешаванд, он қадр мӯҳмалот ба ҳам мебофанд, ки мӯҷиби таъаҷҷуб ва гоҳе музҳик аст. Барои намуна, ба мундараҷоти зайл таваҷҷӯҳ кунед.

Дар ҷилди аввали "*Таърихи адабии Эрон*", таълифи Эдворд Броун, сафҳаи 422 аз китоби "*Таърихи Ислом*"-и Дузӣ (*Reinhart Dozy*), мусташриқи номии ҳуландӣ дар бораи Мӯътазила чунин нақл мекунад:

*"Чун дар бораи аҳкоми шаръ ба таъаммулу тафаккур пардохтанд, тарафдори тариқаи ақлу истидлол шуданд. Бад-ин тариқ яке аз матолиби умдаи онҳо ин буд, ки Қуръон дар воқеъ ҳодис аст ва халқшуда ҳарчанд ки ин ҳарф хилофи қавли Пайғамбар бошад.*[1] *Мегуфтанд лозимаи қадим ва ғайримахлуқ будани Қуръон он аст, ки ду мавҷуди азалӣ ва абадӣ қоил шавем; ҳамин, ки Қуръон яъне каломи Худоро дар зумраи махлуқот ба шумор оварем, дигар наметавон онро мутаъаллиқ*

---

[1] Ин мусташриқи "олиқадр" талвеҳан мехоҳад бифаҳмонад, ки Ашоъира ақидаи қадим будани Қуръонро аз каломи Пайғамбар ахз карда буданд ва Мӯътазила бо таваҷҷӯҳ ба ин ки Пайғамбари Акрам чунин сухане фармудааст, чун ин сухан бо ақлу мантиқ татбиқ намекард, онро рад карданд. Дар сафҳаи 418 ҳамин китоб мегӯяд: "Акси ин ақида (ақидаи қобили руъят набудани Худованд) ва ҳамчунин қадим будани Қуръон ва инкори халқи он, аз ақоиди Ашоъира буд, ки дар ҳамаи умур аз насси Қуръон пайравӣ мекарданд ва аз таъвил, ки мавриди таваҷҷӯҳ ва алоқаи душманонашон буд, худдорӣ доштанд…" Дар сурате, ки кучактарин ишорае дар Қуръон ба қадим будан ва махлуқ набудани он нашудааст ва дар аҳодиси мансуб ба Расули Акрам (с) низ ҳадисе, ки назди Мӯътазила филҷумла эҳтимоли сиҳҳати интисоб ба Расули Акрам (с) дошта бошад, дар кор набудааст.

*ба зоти парвардигор донист, зеро зоти парвардигор лоятагайяр аст.*[1] *Бад-ин тариқ ба тадриҷ асоси нузули ваҳй мутазалзил гашт ва бисёре аз Мӯътазила аланан изҳор мекарданд, ки навиштани назири Қуръон ва ҳатто беҳтар аз он, гайримумкин нест. Бинобар ин, нисбат ба ин ки Қуръон китоби осмонӣ аст ва аз мабдаи ваҳй нозил гардидааст, эътироз доштанд.*[2] *Ақидаи онҳо дар борaи Худо поктару баландтар аз ақидаи муташарреъон ва мутамассикон ба мақбулоти омма ва мавозини шаръия ва Ашоъира буд. Зеро Мӯътазила ба ҳеч наҳв зери бори ин фикр намерафтанд, ки офаридагори ҷаҳон мумкин аст ба сурати ҷисмонӣ зоҳир шавад ва гӯшашон ҳозир ба шунидани ин ҳарф набуд. Дар хабар аст аз Пайғамбари Акрам, ки фармуд: "Ҳамчунон, ки моҳи тамомро дар ҷанги Бадр дидӣ, рӯзе ҳам Худои худро хоҳӣ дид."*[3]*Ва чун муташарреъон каломи мазбурро ба мантуқи он талаққӣ мекарданд, аз ин рӯ ин масъала ҳамвора санги роҳи Мӯътазила буд. Бинобар ин, дар мақоми тафсиру тавзеҳ баромаданд ва мегуфтанд: инсон пас аз марг, Худоро ба чашми*

---

[1] Мутарҷими мӯҳтарами китоб дар ин ҷо дар зайли сафҳа аз тарафи ҷаноби оқои Фурӯзонфар тазаккур додаанд, ки: "Ақида ба халқи Қуръон иртиботе бо ин матолибу истинбототи беасоси нависандаи фавқ надорад."

[2] Мӯътазила ба шаҳодати таърих, мудофеъони сарсахту боимони Қуръон буданд ва бо занодиқа ва ақоиди фалосифа сахт мубориза мекарданд, ва агар тибқи назари оқои Дузӣ онҳо Қуръонро аз мабдаи ваҳй намедонистанд, ба чӣ муносибат худро мулзам ба дифоъ медонистанд?!

[3] Манзур, ҳадисе аст, ки дар китобҳо ба ин мазмун нақл шудааст:

**انكم سترون ربّكم يوم القيامة كما ترون القمر ليلة البدر**

Яъне шумо дар қиёмат Худои худро хоҳед дид он тавр, ки моҳи шаби чаҳордаҳро мебинед. Мусташриқи "номӣ" калимаи "бадр"-ро дар ҷумлаи боло, ки ба маънии моҳи тамом (моҳи шаби чаҳордаҳ) аст, хаёл кардааст, ки ишора ба ҷанги Бадр аст ва он гоҳ барои ин ки маънӣ дуруст биёяд, сиғаи музореъро мозӣ тарҷума кардааст.

Ин ҳадис саргузаште дорад, ки муфассал аст ва то он ҷо, ки қароин нишон медиҳад, як навбат дар дасти баъзе аз ровиёни ҳадис тағйири шакл додааст ва ҳамон тағйири шаклёфта, дубора дар дасти уламои калом масх шуда ва барои севвумин бор дар дасти ин мусташриқи олиқадр ба ин сурати музҳик даромадааст. Дар Қуръони Карим сареҳан руъяти Худованд ба чашм нафй шудааст:

**لاَّ تُدْرِكُهُ الأَبْصَارُ وَهُوَ يُدْرِكُ الأَبْصَارَ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ**

(Сураи Анъом, ояти 103). Дар айни ҳол дар Қуръон аз ҳақиқате ба номи "лиқои Ҳақ" мукаррар ёд шудааст…

*бинои руҳ яъне ба далели ақл хоҳад дид. Ва низ мункири ин ҳарф шуданд, ки Худованди Карим холиқи кофирон аст…“*[1]

Ин буд намунае, ки хостам дар ин ҷо зикр бикунам. Эдворд Броун, нависандаи китоби “*Таърихи адабии Эрон*” ин таҳқиқоти “аршӣ”-ро аз ин мусташриқи олиқадр нақл мекунад ва бидуни ҳеч гуна интиқоде мегузарад.

Ман намедонам номи ин чизҳоро ҷаҳолат бигузорам ё ҷиноят! Он чи бештар мӯҷиби таъассуф аст ин аст, ки дунболаравони шарқии ин мусташриқон низ ба ҷои ин ки мустақиман афкору ақоиди шарқӣ ва исломиро мавриди расидагии комил қарор диҳанд, афкору орои инҳоро сармашқ қарор медиҳанд ва бозгӯ мекунанд.

## Баҳсе ҳадисӣ

Дар миёни ахбору ривоёт аҳёнан мазмунҳое дида мешавад, ки бо он чи гуфта шуд мунофӣ ба назар мерасад, вале бояд донист, ки ин гуна танофиҳо ва таъорузҳо ё дар асари бархе иштибоҳот аст, ки аҳёнан аз бархе ровиёни ҳадис дар нақли мазмуни аҳодис рух додааст ва бо муқоисаи баъзе аҳодис бо баъзе дигар он иштибоҳро метавон кашф кард, ва ё таъоруз ва танофии зоҳирӣ аст ва пас аз таъаммуқ маълум мешавад, ки таъорузе дар кор нест.

Мо барои ҳар ду қисм, намуна нақл мекунем:

**1)** Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Яҳё ибни Яъмар аз Уммулмуъминин Оиша нақл мекунад, ки гуфт: аз Расули Худо дар бораи тоъун суол кардам, он ҳазрат фармуд:

**كان عذابا يبعثه الله على من يشاء فجعله الله رحمة للمؤمنين ما من عبد يكون في بلد يكون فيه ويمكث فيه لا يخرج من البلد صابرا محتسبا يعلم أنه لا يصيبه إلا ما كتب الله له إلا كان له مثل أجر شهيد**

*“Тоъун азобе буд (аст), ки Худованд бар он касон, ки мехоҳад, мефиристад, вале ӯро барои мӯъминин раҳмат қарор додааст. Ҳеч бандае нест, ки дар шаҳре бошад, ки дар он шаҳр тоъун бошад ва ӯ дар он шаҳр макс кунад ва берун наравад ва барои ризои Худо шикебоӣ кунад ва*

---

[1] Ҳатто як нафар мӯътазилӣ дар таърих наметавон ҷуст, ки гуфта бошад Худованд холиқи кофирон нест. Мӯътазила мункири халқи куфр буданд, на халқи кофир. Мегуфтанд, Худованд холиқи куфру зулму маъсият нест. Намегуфтанд, Худованд холиқи кофиру золиму маъсияткор нест.

*мӯътақид бошад, ки ҷуз он чи Худованд барояш навиштааст ба ӯ намерасад, магар он ки подоше монанди подоши шаҳид барои ӯ хоҳад буд.”*

Акнун ҳадиси дигаре дар ин замина нақл мекунам: Дар Кофӣ ҷилди 8 (Равза) сафҳаи 108 нақл мекунад, ки Убайдуллоҳи Ҳалабӣ аз Имом Содиқ (а) дар бораи вабо суол кард, ки дар як маҳалла аз шаҳре падид меояд ва шахсе худро ба маҳаллаи дигар мунтақил мекунад, ва ё вабо дар шаҳре пайдо мешавад ва он шахс аз он шаҳр ба шаҳри дигар меравад. Оё ин кор ҷоиз аст ё на? Имом фармуд:

**لا بأس، إنما نهى رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم عن ذلك لمكان ربيئة كانت بحيال العدو فوقع فيهم الوبا فهربوا منه فقال رسول الله صلى الله عليه وآله: الفارّ منه كالفارّ من الزحف كراهية أن لا يخلو مراكزهم**

*“Монеъе надорад; ҳамоно иллати ин ки Расули Худо (с) дар як ҷараёни бахусусе мардумро аз хуруҷ аз сарзамини вабо манъ кард ин буд, ки мусалмонон дар мавқеъе, ки дар муқобили душман қарор гирифта буданд ва лозим буд маркази худро ҳифз кунанд, ногаҳон вабо пайдо шуд ва онҳо аз он маҳал гурехтанд. Расули Худо (с) фармуд: фирор аз ин вабо мисли фирор аз майдони ҷанг аст ва гуноҳ маҳсуб мешавад. Расули Худо ин ҷумларо гуфт, ки марказро дар муқобили душман тахлия накунанд.”*

Гуфтаи Имом Содиқ (а) тавзеҳ медиҳад, ки манзури Расули Худо дар воқеаи хоссе, ки фирор аз вабо ё тоъунро наҳй карда ин буда, ки мусалмонон ба воситаи омадани вабо вазифаеро, ки дар муқобили душман доранд аз ёд набаранд ва худро дучори мухотара ва маҳлакаи бузургтар накунанд, на ин ки Расули Худо (с) як дастури куллӣ барои ҳамеша содир карда бошад, ки ҳар вақт ва ҳар ҷо, ки вабо ё тоъуне пайдо шуд, марди мусалмон, ки муваззаф аст ҷону моли худро аз газанд ҳифз кунад, дар он ҷо дар муқобили ин бемории муҳлик дастҳоро рӯи ҳам бигузорад ва мунтазири сарнавишт биншинад.

Вале даст ба даст шудани сухани Расули Акрам (с) дар миёни ровиён, кам-кам онро ба сурати як дастури куллӣ даровардааст, ки дар Саҳеҳи Бухорӣ дида мешавад. Хушбахтона Имом Содиқ (а) ба мисдоқи “Аҳлул-байти адро би мо фил-байт”, парда аз рӯи ҳақиқат бардошта ва манзури Расули Акрамро баён кардааст.

Мумкин ҳам ҳаст, ки он чи дар ҳадиси Саҳеҳи Бухорӣ омадааст, барои манзури дигаре аст ва мақсуди дигаре дар миён будааст ва он ин ки Расули Акрам дастур додааст, ки ҳангоме,

ки тоъун ё вабо дар шаҳре пайдо мешавад ва мардуме хоҳ нохоҳ гирифтори он мегарданд, мардуми он шаҳр аз он шаҳр берун нараванд, барои ин ки ин бемориро ба ҷоҳои дигар мунтақил накунанд, то лоақал ҷони мардуми дигар маҳфуз бимонад. Ва чун дар айёми қадим на василаи муолиҷаи ин беморӣ будааст ва на қарантина дар марзҳо ва ё дарвозаҳои шаҳрҳо буда, ки афрод мавриди баррасӣ қарор гиранд ва пас аз ҳусули итминон аз саломати онҳо парвонаи вуруд дода шавад, беҳтарин роҳ барои ҷилавгирӣ аз шуюъи ин беморӣ ин буда, ки мардуме, ки дар шаҳре ҳастанд, ки дар он шаҳр ин беморӣ ҳаст, аз он шаҳр ба шаҳри дигар ё деҳи дигар нараванд ва василаи интиқоли беморӣ нагарданд.

Ибни Абилҳадид дар шарҳи "*Наҳҷул-балога*", хутбаи 132, зимни нақли ҷараёни мусофирати Умар ибни Хаттоб ба Шом мегӯяд: пас аз он ки Умар иттилоъ пайдо кард, ки дар Шом тоъун аст ва тасмим гирифт вориди шаҳр нашавад ва ба эътирози Абӯубайдаи Ҷарроҳ — ки гуфт: оё мехоҳӣ аз қазо ва қадари илоҳӣ фирор кунӣ? — ҷавоб дод: Абдурраҳмон ибни Авф ривоят кард, ки аз Расули Худо (с) шунидааст: агар дар шаҳре тоъун пайдо шуд ва шумо дар он шаҳр будед, аз он шаҳр хориҷ нашавед, вале агар дар шаҳре пайдо шуд ва шумо дар хориҷи он шаҳр будед, дохили он шаҳр нашавед.

Бинобар ин, ҳадиси Саҳеҳи Бухорӣ ё марбут ба он ҷараёне аст, ки Имом Содиқ дар бораи вабо тавзеҳ додааст ва ё як ҷараёни дигар буда ва ин ҳадис марбут ба ӯ нест, ин ҳадис марбут ба ин аст, ки мардуми мубтало ба тоъун риояти ҳоли мардуми ҷоҳои дигарро бикунанд ва аз шаҳр хориҷ нашаванд ва ба ҷои дигар нараванд. Ба ҳар ҳол, қатъан он чи аз зоҳири ҳадиси Уммулмуъминин Оиша истифода мешавад мақсуд нест ва ноқилони ҳадис дар нақли мазмуни он дучори иштибоҳ шудаанд.

**2)** Дар Кофӣ ҷилди 2 сафҳаи 58 аз Имом Содиқ (а) ривоят мекунад:

**إن أمير المؤمنين عليه السلام جلس الى حائط مائل يقضي بين الناس فقال بعضهم :لا تقعد تحت الحائط فإنه معور فقال أمير المؤمنين عليه السلام: حرس امرءا أجله .فلما قام سقط الحائط. قال: وكان أمير المؤمنين عليه السلام مما يفعل وأشباهه، وهذا اليقين**

*"Алӣ (а) дар пойи девори каҷе нишаста буд ва миёни мардум доварӣ мекард. Шахсе ба он ҳазрат гуфт: ин ҷо манишин, ки мушриф ба суқут аст. Алӣ фармуд: аҷал нигаҳбони мард аст. Ҳамин*

*ки Алӣ (а) бархост, девор хароб шуд. Имом Содиқ (а) фармуд: Алӣ (а) аз ин гуна корҳо мекард ва ин яқин аст*."

Мумкин аст гуфта шавад: ин ҳадис аввалан мунофот дорад бо он чи қаблан аз "*Тавҳиди Садуқ*" нақл кардем, ки Асбағ ибни Набота гуфт: Алӣ (а) аз пойи девори каҷе ҳаракат кард ва пойи девори дигаре нишаст. Ҳамин ки мавриди эътироз қарор гирифт, ки мехоҳӣ аз қазо ва қадари илоҳӣ фирор кунӣ, ҷавоб дод: аз қазо ва қадаре ба қазо ва қадари дигар фирор мекунам. Чӣ гуна аст он ҷо, ки худи Алӣ (а) аз пойи девори каҷе ҳаракат мекунад ва ҳаракат карданаш мавриди эрод қарор мегирад, мегӯяд: аз қазо ва қадаре ба қазо ва қадаре паноҳ мебарам, ва аммо он ҷо, ки дигаре ба ӯ тазаккур медиҳад, мегӯяд: аҷал нигаҳбон аст?! Ва сониян, дар зери девори мушриф ба суқут нишастан, аз лиҳози қонуни шаръӣ ҳаром ва мамнӯъ аст; чӣ гуна Алӣ (а) таҳти унвони ин ки аҷал нигаҳбон аст, бар ҷойи худ нишаст? Пас ин ҳадис қобили қабул нест.

Аммо ба назар мерасад бо таваҷҷӯҳ ба матолибе, ки дар гузашта гуфтем, битавон ин ҳадисро тафсир кард, ба тавре, ки на бо ҳадиси "*Тавҳиди Садуқ*" мунофот дошта бошад ва на бо асли мусалламӣ шаръӣ мабнӣ бар вуҷуби ҳифзи нафс ва ҳурмати илқои нафс дар маҳолик.

Дар фасле, ки таҳти унвони "*Омилҳои маънавӣ*" эрод кардем, гуфтем, ки омилҳои қазо ва қадар ва риштаҳои иллӣ ва маълулиро набояд ба иллатҳо ва асбоби моддӣ ва дунёӣ маҳдуду маҳсур кард; омилҳои маънавӣ низ ба навбаи худ риштае аз иллатҳо ва асбоби ин ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, гоҳе агар як ҷараёнро танҳо аз даричаи иллатҳои моддӣ ва абъоди ҷисмонӣ бингарем, робитаи иллӣ ва маълулии комиле мебинем, вале агар бо дидаи дигаре ҷараёнҳои пинҳони дигарро мушоҳида кунем, хоҳем дид он чи мо ӯро иллат мепиндоштем, барои вуҷуди маълул кофӣ набуда, зеро як ҷараёни пинҳони дигар буда, ки дар ҷараёни мавриди назари мо дахолат доштааст. Дар он фасл гуфтем, ки садақоту эҳсонҳо ва ниятҳо ва билохира навъи аъмоли башар, ки бо ният ва ҷанбаҳои руҳии башар вобастагӣ дорад, аз худ осоре дар ҷараёни иллатҳо ва асбоби ҷаҳон боқӣ мегузорад ва агар касе ҳиссе илова бар он чи мо дорем дошта бошад ва он ҷараёнҳоро бо он ҳисс идрок кунад, дар мавориди хоссе тарзи қазовати ӯ бо қазовати мо мутафовит хоҳад буд. Дуруст мисли ин аст, ки мо, ки мавҷуди себуъдӣ ҳастем, бо мавҷудоти дубуъдӣ, ки беш аз ду

буъдро наметавонанд дарк кунанд, дар як мавзӯъ бихоҳем қазоват кунем. Албатта дар мавзӯоти дубуъдӣ қазовати мо ва онҳо яксон хоҳад буд, вале дар мавзӯоти себуъдӣ қазовати мо ва онҳо қаҳран мутафовит хоҳад буд. Аҳли яқин, яъне онҳое, ки ҳиссе дигар ва дидае дигар доранд ва ҷаҳонро дар кашишу имтидоди дигар ва ҷараёну саялони дигар илова бар он чи мо мебинем мебинанд, дар мавориди хоссе қазовати онҳо бо мо мутафовит хоҳад буд. Он чи мо ӯро масалан иллати марг мебинем, ӯ ба воситаи иҳота бар ҷараёни пинҳон мумкин аст иллати марг набинад. Аз лиҳози ҷараёнҳои маънавӣ чӣ монеъе дорад, ки баъзе чизҳо дар ҳукми тазмини умр ё саломат ё ризқ бошад ва таъсире маънавӣ дар идомаи умр ё саломат ё тавсиъаи ризқ дошта бошад ва аҳли яқин аз он огоҳ бошанд? Ба ҳар ҳол, ин ҳадис қобили тавҷеҳ аст ва ин матлаб доманаи дарозе дорад.

## Илми Худо ҷаҳл буд?!

Дар хотимаи баҳси сарнавишт ва қазо ва қадар, бад нест ба зикри маъруфтарин ишколоти ҷабргароён бипардозем ва онро таҷзияву таҳлил намоем, то посухи он равшан гардад.
Ҷабргароён далелҳо ва шавоҳиди зиёде аз нақлу ақл бар муддаои худ иқома кардаанд. Ҷабргароёни мусалмон оятҳои қазо ва қадари Қуръонро, ки қаблан нақл кардем, мустамсак қарор додаанд ва аҳёнан ба калимоте аз Расули Акрам (с) ё имомони атҳор (а) низ дар ин замина истишҳод шудааст.
Далелҳои ақлӣ, ки аз тарафи ҷабргароён бар ин муддао иқома шуда бисёр аст. Мо дар поварақиҳои ҷилди севвуми “*Усули фалсафа*” бархе аз онҳоро зикр ва интиқод кардаем. Маъруфтарин шубҳаи ҷабр ҳамон аст, ки бо масъалаи қазо ва қадар ба мафҳуми илоҳӣ, яъне бо масъалаи илми Худованд марбут аст ва он ин аст:
Худованд, аз азал, аз он чи воқеъ мешавад ва он чи воқеъ намешавад огоҳ аст ва ҳеч ҳодисае нест, ки аз илми азалии илоҳӣ пинҳон бошад. Аз тарафе, илми илоҳӣ на тағйирпазир аст ва на хилофпазир. Яъне на мумкин аст иваз шавад ва сурати дигар пайдо кунад, зеро тағйир бо тамомияту камоли зоти воҷибулвуҷуд мунофӣ аст, ва на мумкин аст он чи ӯ аз азал медонад, бо он чи воқеъ мешавад мухолиф ва муғойир бошад, зеро лозим меояд илми ӯ илм набошад, ҷаҳл бошад; ин низ бо тамомияту камоли вуҷуди мутлақ мунофӣ аст.
Пас, ба ҳукми ин ду муқаддима:

а) Худованд аз ҳама чиз огоҳ аст;

б) Илми илоҳӣ на тағйирпазир аст ва на хилофпазир –

— мантиқан бояд чунин натиҷа гирифт: ҳодисаҳо ҷабран ва қаҳран бояд ба наҳве воқеъ шаванд, ки бо илми илоҳӣ мутобиқат дошта бошанд, хусусан агар ин нукта изофа шавад, ки илми илоҳӣ илми феълӣ ва эҷобӣ аст; яъне илме аст, ки маълум аз илм сарчашма мегирад, на илми инфиъолӣ, ки илм аз маълум реша мегирад назири илми инсон ба ҳаводиси ҷаҳон.

Бинобар ин, агар дар азал дар илми илоҳӣ чунин будааст, ки фалон шахс дар фалон соат фалон маъсиятро муртакиб мешавад, ҷабран ва қаҳран он маъсият бояд ба ҳамон кайфият воқеъ шавад; шахси муртакиб қодир нахоҳад буд тавре дигар рафтор кунад, балки ҳеч қудрате қодир нахоҳад буд онро тағйир диҳад, вагарна илми Худо ҷаҳл хоҳад буд. Хайём мегӯяд:

*Ман май хӯраму ҳар кӣ чу ман аҳл бувад,*
*Май хӯрдани ман ба назди ӯ саҳл бувад.*
*Май хӯрдани ман Ҳақ зи азал медонист,*
*Гар май нахӯрам, илми Худо ҷаҳл бувад.*

Ҷавоби ин шубҳа пас аз дарки саҳеҳи мафҳуми қазо ва қадар осон аст. Ин шубҳа аз он ҷо пайдо шуда, ки барои ҳар як аз илми илоҳӣ ва низоми сababӣ ва мусаббабии ҷаҳон ҳисоби ҷудогона фарз шудааст. Яъне чунин фарз шуда, ки илми илоҳӣ дар азал ба таври тасодуф ба вуқӯи ҳодисаҳо таъаллуқ гирифтааст; он гоҳ барои ин ки ин илм дуруст аз об дароя д ва хилофаш воқеъ нашавад, лозим аст вақойеъи ҷаҳон контрол шавад ва таҳти муроқибат қарор гирад, то бо тасаввур ва нақшаи қаблӣ мутобиқат кунад.

Ба иборати дигар, чунин фарз шуда, ки илми илоҳӣ мустақил аз низоми сababӣ ва мусаббабии ҷаҳон ба вуқӯъ ё адами вуқӯъи ҳодисаҳо таъаллуқ гирифтааст ва лозим аст, ки коре сурат гирад, ки ин илм бо маълуми худ мутобиқат кунад; аз ин рӯ бояд низоми сababӣ ва мусаббабии ҷаҳон контрол гардад. Дар мавориде ҷилави табъи он чи ба ҳукми табъ асар мекунад ва ҷилави ирода ва ихтиёри он, ки бо ирода ва ихтиёр кор мекунад гирифта шавад, то он чи дар илми азалии илоҳӣ гузаштааст, бо он чи воқеъ мешавад мутобиқат кунад ва

бо ҳам муғойират надошта бошанд. Аз ин рӯ аз инсон низ бояд ихтиёру озодӣ ва қудрату ирода салб гардад, то аъмолаш комилан таҳти контрол дарояд ва илми Худо ҷаҳл нашавад. Инчунин тасаввур дар бораи илми илоҳӣ мунтаҳои ҷаҳлу бехабарӣ аст. Магар мумкин аст, ки илми Ҳақ ба таври тасодуф ба вуқӯъ ё адами вуқӯъи ҳодисае таъаллуқ бигирад ва он гоҳ барои ин ки ин илм бо воқеъ мутобиқат кунад, лозим шавад дасте дар низоми мутқану қатъии иллӣ ва маълулӣ бурда шавад, тағйироте дар ин низом дода шавад, аз табиате хоссияте салб гардад ё аз фоили мухторе ихтиёру озодӣ гирифта шавад?

Аз ин рӯ баъид ба назар мерасад, ки рубоии боло аз Хайём, ки лоақал нимафайласуфе аст, буда бошад. Шояд ин рубоӣ ҷузъи ашъоре аст, ки баъд ба Хайём нисбат додаанд, ё аз Хайём аст, вале Хайём нахоста дар ин рубоӣ ба забони ҷидду фалсафа сухан бигӯяд; хоста фақат хаёлеро ба сурате зебо дар либоси назм адо кунад. Бисёре аз аҳли таҳқиқ он ҷо, ки шеър месурудаанд, афкори илмӣ ва фалсафии худро канор гузошта, тахайюлоти латифро ҷомае зебо аз шеър пӯшонидаанд. Ба иборати дигар, ба забони аҳли адаб сухан гуфтаанд, на ба забони аҳли фалсафа, ҳамчунон ки бисёре аз ашъори мансуб ба Хайём аз ин қабил аст. Хайём шӯҳрати ҷаҳонии худро мадюни ин гуна тахайюлот ва ин тарз аз баён аст.

Илми азалии илоҳӣ, аз низоми сабабӣ ва мусаббабии ҷаҳон ҷудо нест. Илми илоҳӣ илм ба низом аст. Он чи илми илоҳӣ эҷобу иқтизо карда ва мекунад, ин ҷаҳон аст бо ҳамин низомоте, ки ҳаст. Илми илоҳӣ ба таври мустақим ва биловосита на ба вуқӯъи ҳодисае таъаллуқ мегирад ва на ба адами вуқӯъи он. Илми илоҳӣ, ки ба вуқӯъи ҳодисае таъаллуқ гирифтааст, ба таври мутлақ ва ғайримарбут ба асбобу иллатҳои он ҳодиса нест, балки таъаллуқ гирифтааст ба судури он ҳодиса аз иллат ва фоили хосси худаш. Иллатҳо ва фоилҳо мутафовит мебошанд; яке иллият ва фоилияташ табиӣ аст ва яке шуъурӣ, яке маҷбур аст ва яке мухтор. Он чи илми азалии илоҳӣ эҷоб мекунад ин аст, ки асари фоили табиӣ аз фоили табиӣ, асари фоили шуъурӣ аз фоили шуъурӣ, асари фоили маҷбур аз фоили маҷбур ва асари фоили мухтор аз фоили мухтор содир шавад. Илми илоҳӣ эҷоб намекунад, ки асари фоили мухтор аз фоил ба иҷбор содир шавад.

Ба иборати дигар, илми азалии илоҳӣ илм ба низом аст. Яъне илм ба судури маълулот аст аз иллатҳои хосси онҳо. Дар низоми айнии хориҷӣ иллатҳо ва фоилҳо мутафовитанд: яке табиӣ аст ва яке шуъурӣ, яке мухтор аст ва яке маҷбур. Дар низоми илмӣ низ амр аз ин

қарор аст. Яъне ҳар фоиле ҳамон тавр, ки дар олами айнӣ ҳаст, дар олами илмӣ ҳаст, балки бояд гуфт: он тавр, ки дар олами илмӣ ҳаст, дар олами айнӣ ҳаст. Илми илоҳӣ, ки ба судури асаре аз фоиле таъаллуқ гирифтааст, ба маънии ин аст, ки таъаллуқ гирифта ба судури асари фоили мухтор аз фоили мухтор ва ба судури асари фоили маҷбур аз фоили маҷбур. Он чи илми илоҳӣ иқтизо дорад ва эҷоб мекунад ин аст, ки феъли фоили мухтор аз фоили мухтор ва феъли фоили маҷбур аз фоили маҷбур содир шавад, на ин ки илми илоҳӣ эҷоб мекунад, ки фоили мухторе маҷбур бишавад ё фоили маҷбуре мухтор гардад.

Инсон дар низоми ҳастӣ, чунонки дар гузашта гуфта шуд, дорои навъе ихтиёру озодӣ аст ва имконоте дар фаъолиятҳои худ дорад, ки он имконот барои мавҷудоти дигар ҳатто барои ҳайвонҳо нест. Ва чун низоми айнӣ аз низоми илмӣ реша мегирад ва сарчашмаи олами киёнӣ олами раббонӣ аст, пас илми азалӣ, ки ба афъолу аъмоли инсон таъаллуқ гирифтааст, ба маънии ин аст, ки ӯ аз азал медонад, ки чӣ касе ба мӯҷиби ихтиёру озодии худ тоат мекунад ва чӣ касе маъсият. Ва он чи он илм эҷоб мекунад ва иқтизо дорад ин аст, ки он ки итоат мекунад, ба ирода ва ихтиёри худ итоат кунад, ва он ки маъсият мекунад, ба ирода ва ихтиёри худ маъсият кунад. Ин аст маънии сухани касоне, ки гуфтаанд: “Инсон мухтори билиҷбор аст.” Яъне наметавонад мухтор набошад. Пас илми азалӣ дахолате надорад дар салби озодӣ ва ихтиёри он ки дар низоми илмӣ ва низоми айнӣ муқаррар аст, ки мухтору озод бошад; дахолате надорад дар салби ихтиёру озодии инсон ба ин ки ӯро ба маъсият ё итоат водор ва маҷбур кунад.

Бинобар ин, ду муқаддимае, ки дар ишкол ба кор бурда шуда, ҳар ду саҳеҳ ва ғайриқобили тардид аст ва ҳам он чи дар зимни нукта изофа шуд, ки илми илоҳӣ, илми феълӣ ва эҷобӣ аст, на илми инфиъолӣ ва табъӣ низ саҳеҳ ва ғайриқобили инкор аст. Аммо лозимаи инҳо ҳама ин нест, ки инсон маҷбур ва маслубулихтиёр бошад ва он гоҳ, ки маъсият мекунад аз тарафи қувва ва нерӯе маҷбур буда бошад, балки он мавҷуде, ки дар низоми таквинӣ озод офарида шуда ва дар низоми илмӣ низ озоду мухтор қарор гирифта, агар кореро ба ҷабр бикунад, “илми Худо ҷаҳл буд”.

Аз ин рӯ, аз ишколкунанда, ки мегӯяд: “Май хӯрдани ман Ҳақ зи азал медонист”, бояд тавзеҳ хост, ки оё он чи Ҳақ зи азал медонист, май хӯрдани ихтиёрӣ ва аз рӯи майлу ирода ва интихоби шахсӣ бидуни икроҳу иҷбор буд, ё май хӯрдани ҷабрӣ ва таҳмилӣ ба василаи

як қуввае хориҷ аз вуҷуди инсон, ва ё май хӯрдани мутлақ бидуни таваҷҷӯҳ ба иллатҳо ва асбоб?

Он чи "Ҳақ зи азал медонист" на май хӯрдани иҷборӣ буд ва на май хӯрдани мутлақ, (балки) май хӯрдани ихтиёрӣ буд, ва чун илми азалӣ чунин аст, пас агар май ба ихтиёр нахӯрад ва ба ҷабр бихӯрад, "илми Худо ҷаҳл буд". Бинобар ин, натиҷаи илми азалӣ ба афъолу аъмоли мавҷудоти соҳибиродаву соҳибихтиёр, ҷабр нест; нуқтаи муқобил ҷабр аст. Лозимаи илми азалӣ ин аст, ки он ки мухтор аст, ҳатман бояд мухтор бошад. Пас, рост гуфта он ки гуфтааст:

*Илми азалӣ иллати исён кардан,*

*Назди уқало зи гояти ҷаҳл бувад.*

Инҳо ҳама дар сурате аст, ки маҳалли баҳсро илми собиқи азалии илоҳӣ қарор диҳем, ки дар Қуръони Карим ба номи "китоб" ва "лавҳи маҳфуз" ва "қалам" ва амсоли инҳо ёд шудааст ва дар ишкол ҳам ҳамин илм зикр шудааст. Аммо бояд донист, гузашта аз ин ки мавҷудоти ҷаҳон ва низоми сababӣ ва мусаббабӣ, маълуми Ҳақ мебошанд ба илми собиқи азалӣ, худи ҳамин низом, ки маълуми Ҳақ аст, илми Ҳақ низ мебошад. Ин ҷаҳон бо ҳамаи низомоти худ, ҳам илми Борӣ Таъоло аст ва ҳам маълуми ӯ, зеро зоти Ҳақ ба зоти ҳамаи ашё аз азал то абад муҳит аст ва зоти ҳар чизе назди ӯ ҳозир аст. Имкон надорад дар тамоми саросари ҳастӣ мавҷуде аз ӯ пинҳон бимонад. Ӯ ҳама ҷост ва бо ҳама чиз аст:

فَأَيْنَمَا تُوَلُّواْ فَثَمَّ وَجْهُ اللّهِ

وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنْ حَبْلِ الْوَرِيدِ

هُوَ الْأَوَّلُ وَالْآخِرُ وَالظَّاهِرُ وَالْبَاطِنُ وَهُوَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ

Бинобар ин, худи ҷаҳон бо ҳамаи хусусиёт ва низомот, аз маротиби илми Худованд аст. Дар ин мартиба аз илм, илму маълум якест на дуто, то дар он, интибоқу адами интибоқи илм бо маълум фарз шавад ва он гоҳ гуфта шавад, агар чунин шавад, илми Худованд илм ва агар чунон шавад, ҷаҳл хоҳад буд.

*Поёни китоб*